Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**М.Т. КАБИРОВ, Т.Р. ЧОРИЕВ,**
**Х.С. ҲАМИДОВ**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

## (МАДАНИЯТИ СУХАН)

*Китоби дарсӣ барои донишамӯзони синфи*
*11-уми муассисаҳои таълими миёна*

*Нашри якум*

**Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ намудааст**

**Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чӯлпон**
**Тошканд – 2018**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 811.222.8(075.3)
КБК 81.2Тоҷ-922
З -13

**Муҳаррири масъул:**

***Марҳабат Истамова*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДС

**Муқарризон:**

***Ҳамроқул Бердиқулов*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДС;
***Рамазон Абдуллоев*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДТ;
***Юнус Азимов*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДБ;
***Қаҳрамон Тӯхсанов*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДБ;
***Ғайрат Раҳимқулов*** – доктори илмҳои филология оид ба фалсафа, омӯзгори ДДС;
***Гулноза Адашуллоева*** – доктори илмҳои филология оид ба фалсафа, омӯзгори ДДС;
***Рухшона Абдуқодирова*** – омӯзгори мактаби рақами 17 шаҳри Ангрен

**ИХТИСОРОТ:**

*А. Д. – Аҳмади Дониш*
*Б. А. – Б. Азизӣ*
*Г. – Гулрухсор*
*Н.М. – Наҷмиддинов Мардон*
*С. А. – Садриддин Айнӣ*
*С. У. – Сотим Улуғзода*
*Ф. М. – Фазлиддин Муҳаммадиев*
*Ҳ.К. – Ҳаким Карим*
*Ҷ.И. – Ҷалол Икромӣ*

**Аломатҳои шартӣ:**

**– Савол ва супориш**
**– Тест**
**– Вазифаи хонагӣ**

***Донишомӯзи азиз!***

Омӯхтани қоидаву қонунҳои фанни «Маданияти сухан», ки аз балоғату фасоҳат ва салосати баён иборат аст, раҳнамои ҳаётатон мегардад, зеро ки ширингуфторӣ ва каломи гуворои фасеҳ аз маданияти волои сухани мутакаллим бармеояд.

Ба шумо дар ҷодаи ба даст овардани ҳунари суханварию сухансанҷӣ бурдбориҳо таманно дорем.

**Аз ҳисоби маблағи Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст**

© М. Кабиров ва диг., 2018
© ХЭТН ба номи Чўлпон, 2018

ISBN 978-9943-5088-1-1

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ПЕШГУФТОР

Пайдоиши ҷамъиятро то он замоне, ки забон чун падидаи воломақом арзи ҳастӣ накард, тазаккур намудан амри муҳол аст, зеро бидуни муошират, якдигарфаҳмӣ, илму фарҳанг, ташкили истеҳсолот ва ваҳдати миллӣ тасаввур кардан басо душвор аст.

Забон ҳодисаи иҷтимоӣ аст. Ҷомеа бе забон, забон бе ҷамъият вуҷуд надорад. Аз он замоне, ки инсон арзи ҳастӣ намудааст, забон ҳомсафари доимии ӯст. Ҷамъият забонро барои он офаридааст, ки дар майнаи инсон зуҳури тафаккур ва дар забони ӯ изҳори фикру андеша ба миён ояд. Ин буд, ки забон (нутқи гӯё) чун воситаи ягонаи ифодаи фикр барои ҳастии ҷамъият кафолат медиҳад. Ба ин маънӣ шоири ширинкалом Бадриддин Ҳилолӣ фармудаанд:

*Сухан зоҳир кунад сӯзи ниҳонро,*
*Зи шамъи дил барафрӯзад ҷаҳонро.*

Дар овони ҳукумати шӯро дар натиҷаи имтиёзи фаровон доштани забони русӣ забони модарии мо дар соҳаи коргузории давлатӣ ва муҳовараи ҷамъиятӣ қариб фаъолият надошт. Ин маънӣ ба сарвати луғавӣ, ба сохти дастурии забонамон бетаъсир намонд. Устодони сухансанҷ ин маъниро ба тариқи зайл иброз намуданд: Ин буд, ки «дар таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии он (забони тоҷикӣ) унсурҳои номатлуб пайдо шуданд, ки забони адабии зебо ва сарватманди мо аз бисёр ҷиҳат рӯ ба харобӣ ва коҳиш овард» (Р. Ғаффоров, С. Ҳошимов, Б. Камолиддинов. Услубшиносӣ. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10–11. – Душанбе: Маориф, 1995. С. 10).

Ин ҳодиса ба калимасозӣ, иборабандӣ ва ҷумлаороии забони тоҷикӣ ба дараҷае таъсир кардааст, ки баъзе воҳидҳои забонӣ дар қолаби забони русӣ корбанд шудаанд. Ин маънӣ забони тоҷикиро то андозае аз асолати тоҷикиаш дур карда, ба маданияти сухани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

тоҷикӣ ва ҳусни баён футур овард. Ин буд, ки донишманди мўътабар Муҳаммадҷон Шукуров чунин ишора кардаанд: «Бо қатъияити тамом бояд гўем, ки маданияти сухани тоҷикӣ дар ягон давру замон чун имрўз паст нарафта буд» *(М. Шукуров. Забони мо ҳастии мост. – Душанбе: Маориф, 1991. С. 81).*

Аз ин рў, барои шахси бомаърифат омўхтани имконот ва сарвати забони адабӣ кам аст, зеро вай соҳибзабон, ҳомӣ ва посбони ин сарват низ мебошад. Азбаски барои ифодаи фикр қолиби созгори забон зарур аст, онро аз захираи забони миллӣ пайдо кардан лозим аст. Ба ин маънӣ нависандаи маорифпарвар Аҳмади Дониш ба тариқи зайл ишора намудааст: «Алфоз қаволиби маъниҳост. То лафз хуш наояд, маънии баланд аз вай сар барназанад». Аз ин ваҷҳ, барои тозагӣ ва аз ҳар гуна олоишҳову шикастагиҳо нигоҳ доштани забони тоҷикӣ мубориза бурдан лозим меояд. Ба соҳибзабонони мубориз зарур аст, ки аз ҳунари сухандонию сухансанҷӣ бархурдор бошанд, зеро ки забон шуури воқеист ва воқеияти фикр дар забон зоҳир мегардад. Байти зерини Абдураҳмони Ҷомӣ низ иртиботи узвии забон ва тафаккурро таъкид кардааст:

*Ҳар чӣ ба дил ҳаст зи поку палид,*
*Дар сухан ояд асари он падид.*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Дарси 1.* МАДАНИЯТИ СУХАН, МАВЗӮЪ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Яке аз нишонаҳои муҳими фазилат ва дараҷаи маърифати инсон хушгуфторию дуруст-нависист. Ин масъала тақозои ҳаёт буда, ҳар як шахси бомаърифат барои дуруст навиштану дуруст сухан рондан саъю кӯшиш мекунад. Барои ба ин фазилат ноил гаштан имконият ва қоидаву қонунҳои забони модарии худро ҳарчи бештару амиқтар омӯхта, онҳоро бошуурона ва мувофиқи талаби илми забоншиносӣ кор фармудан лозим аст. Ин маънӣ дар ашъори адибони тоҷик борҳо таъкид ёфтааст:

*Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,*
*Донистани сад забон осон гардад.*

Забони миллӣ бойигарӣ, маданият ва ифодагари рӯҳи халқ мебошад. Фасоҳату салосати каломро донистан барои ҳар як шахси бомаърифат тақозои муоширати ҳаёти имрӯза мебошад.

Яке аз шохаҳои илми забоншиносӣ, ки барои инкишофи фасоҳату салосати каломи соҳибзабонон мусоидат менамояд, фанни «Маданияти сухан» мебошад, ки он дар ҳалқаи забоншиносӣ илми нисбатан нав буда, омӯзиши он дар мактабҳои таълими миёна ба тозагӣ ҷорӣ мешавад.

Зимни мафҳуми **«маданияти сухан»** ё худ **«маданияти нутқ»** дар забоншиносӣ ду маънӣ фаҳмида мешавад: 1) маҷмӯи воситаҳои забоние, ки мувофиқи қонун ва меъёри ҷории забони адабӣ барои равшан, фаҳмо, дақиқ ва фасеҳ ифода намудани фикр истифода мешаванд; 2) шохаи алоҳидаи илми забоншиносӣ, ки дар бораи маданияти сухан, қонун ва қоидаҳои ташаккули категорияҳои он баҳс мекунад, яъне илмест дар бораи маҷмӯъ ва системаи хосиятҳои коммуникативии нутқ.

Талаботи асосии илми **«Маданияти сухан»** ё худ **«Ҳусни баён»** риояи меъёри забони адабӣ, равшану возеҳ баён намудани фикр,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

баобуранг будани сухан, худдорӣ кардан аз такрори нобаҷо, риояи одоби калом, номро пурраву ношикаста гуфтан, риояи таносуби калому мантиқи сухан ва монанди инҳост. Фанни **«Маданияти сухан»** дар бораи маданияти нутқ, қоидаву қонунҳои ташаккул ва категорияҳои асосии он баҳс мекунад.

Доира ва ҳаҷми **«Маданияти сухан»** васеъ буда, дорои ду қисми асосӣ аст:

1. Дурустию саҳеҳ будани нутқ;
2. Фасоҳати сухан.

Нутқе дуруст ва бенуқс ҳисобида мешавад, ки дар асоси қонунҳо ва меъёри мавҷудаи забон адо шуда бошад. Фасоҳату балоғати сухан ба ғайр аз риояи меъёру қоидаҳои мавҷуда, инчунин интихоб, сара кардан ва истифодаи бамавриди воҳидҳон забонро фаро мегирад.

Ҳамин тавр, нутқи шифоҳӣ ё хаттие, ки дар он ҳам меъёри забон ва ҳам хосиятҳои нутқи муассир риоя мешаванд, сухани фасеҳ ва комил ба шумор мераванд. Ҳамон шахсро суханвар медонанд, ки ин ду зинаро бо ҳам пайваст карда тавонад, дар заминаи дониш ва малакаи кофӣ аз байни воситаҳои ҳаммаъно ё наздикмаъно мувофиқтарашро интихоб намуда, онро моҳиронаву бамаврид ба кор барад.

Масалан, **«Ҳусни хатат бад аст»** гуфтан дуруст нест, **«хатат бад аст»** гуфтан лозим аст, зеро ки **«ҳусн»** зебоиро ифода мекунад, зебоӣ сифати бад нест. Агар хат бад бошад, куҷояш ҳусн мешавад. Монанди ҳамин, ба ҷойи ибораи **«навойи булбул»**, **«навои булбул»** талаффуз кардан дуруст нест, зеро ки меъёри талаффуз халалдор мегардад. Талаби дигари маданияти сухан равшану возеҳ баён кардани фикр мебошад.

Аз ҷумлаи зерини нависанда фаҳмидани матлаб душвор аст: «Ин овозаҳо бо мақсади рӯпӯш кардани қатли қаҳрамон бофта бароварда шуда буданд».

Ба пуробуранг будани ифодаи фикр эътибор додан талаби дигари маданияти сухан аст. Мулоҳиза кунед: «Бо дидани дӯстам бисёр хурсанд шудам. – Бо дидани дӯстам сарам ба осмон расид». «Мегӯянд, ки Собир ошиқи беқарор шудаст. – Мегӯянд, ки Собир булбули шайдо шудааст».

Азбаски такрори бемаврид ҳусни баёнро ба пастӣ мебарад, аз такрори нобаҷо худдорӣ намудан ҳам яке аз талабҳои асосии ҳусни баён аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Масалан, агар ба ҷумлаи **«Вай дар мақолаҳояш, дар китобҳояш, дар маърӯзаву суҳбатҳояш, дар ҳар маврид ростояд, мисолашро аз ҳаёти ҳамагон мегирифт»** эътибор диҳед, 4 бор такрор шудани пешоянди **«дар»** ва бандакҷонишини **«-аш»** ба назар мерасад, ки аз он ҳусни сухан костааст.

Шакли дурусти ҷумла **«Вай дар мақола, китоб, маърӯзаву суҳбатҳояш, ҳар мавриде, ки рост ояд, мисолашро аз ҳаёти ҳамагон мегирифт»** аст.

**Машқи 1.** Байтҳои зеринро ифоданок хонед ва мазмунашро маънидод кунед. Муносибати онҳоро ба ҳусни баён муайян намоед.

*Сайидо, бар сар намоён ҷо намудам хомаро,*
*Сар ба пояш мениҳам, ҳар кӣ сухан мепарварад.*

***Сайидои Насафӣ***

*Ба сухан зинда шавад номи ҳама,*
*Ба сухан пухта шавад хоми ҳама.*

***Абдураҳмони Ҷомӣ***

*Сахт душвор аст гуфтан маънии ногуфтаро*
*Сӯзани алмос бояд гавҳари носуфтаро.*

***Махфӣ***

*Эй бародар, гар хирад дорӣ тамом,*
*Нарму ширин гӯй бо мардум калом.*

***Аттор***

**Машқи 2.** Тарзи дурусти навишт ва талаффузи калимаву иборaҳои зеринро муайян карда, аз диди ҳусни баён шарҳ диҳед.

Барои – баройи, зебоӣ – зебойи, болоӣ – болойи, раъноӣ – раънойи, наистон – найистон, боигарӣ – бойигарӣ, чои кабуд – чойи кабуд, маи ноб – майи ноб, лои часпак – лойи часпак, бобои ман – бобойи ман, кадуи хом – кадуйи хом, абрӯи пайваста – абрӯйи пайваста, олуи сиёҳ – олуйи сиёҳ, гесӯи дароз – гесӯйи дароз.

**Машқи 3.** Дар ҷумлаҳои зерин тарзи ифодаи маънӣ мантиқан ғалат аст. Ғалати онро муайян кунед ва шакли дурусти ҷумлаҳоро нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Дар кадом вазифае, ки набошанд, бояд интизомро риоя кунанд.
2. Дар кучҷое, ки набошам, овози ўро мешунавам.
3. Занак чизе нагўяд, гапаш рост аст.

***Намуна:*** Дар кадом вазифае, ки набошанд, бояд интизомро риоя кунанд. – Дар кадом вазифа, ки бошанд, бояд интизомро риоя кунанд.

## *Дарси 2.* АЛОҚАИ ФАННИ «МАДАНИЯТИ СУХАН» БО СОҲАҲОИ ДИГАРИ ИЛМИ ЗАБОНШИНОСӢ

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Ҳунари сухандонию сухансанҷӣ дар тамаддуни мардуми форсизабон таърихи қадима дорад. Ба ин маънӣ Ҳоҷӣ Муҳаммад Кошонӣ дар «Маҷмаъ-ул-фурс» овардааст: «Метавон гуфт аз ҳамон рўзгоре, ки сухан пайдоиш гирифта, сухансанҷӣ низ ба вуҷуд омадааст».

Нигорандагони номии тоҷик ва бузургони илми адаб ба масъалаи сухандонию сухансанҷӣ эътибор дода, мардумро ба хушгуфторӣ ва санҷида сухан гуфтан ҳидоят намудаанд. Байтҳои зерини бузургон мисоли барҷастаи ин иддаост:

*Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,*
*Сухан талху ширину дармону дард.*

**_Абўшакури Балхӣ_**

*Якеро мекушад килкам якеро зинда медорад,*
*Намеояд зи шамшер он чӣ аз неши забон ояд.*

**_Сайидои Насафӣ_**

*Лафзу маъниро ба теғ аз якдигар натвон бурид,*
*Кист, Соиб, то кунад ҷонону ҷон аз ҳам ҷудо?!*

**_Соиби Табрезӣ_**

*Зи шеъри дилкаши Ҳофиз касе бувад огоҳ,*
*Ки лутфи назму сухан гуфтани дарӣ донад.*

**_Ҳофизи Шерозӣ_**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар ҳар давру замон бузургон барои аз ҳар гуна олоишҳо маҳфуз доштани забон мубориза бурдаанд. Масалан, сарвари илҳомбахши ин мубориза дар нимаи дуюми асри XIX Аҳмади Дониш буд. Дар ибтидои асри XX устод Садриддин Айнӣ барои аз ҳар гуна олоишҳо ва шикастагиҳо нигоҳ доштани забони адабии тоҷик мубориза бурдааст. Дар даҳсолаҳои нимаи дуюми асри XX ва аввали асри XXI ин муборизаро олимони номии тоҷик Муҳаммадҷон Шукуров, Раззоқ Ғаффоров ва Баҳриддин Камолиддинов идома доданд.

Фанни **«Маданияти сухан»** ба фанҳои гуногун, аз ҷумла бо забоншиносӣ иртибот дорад. Фасоҳату балоғати сухан бо соҳаҳои гуногуни забоншиносӣ – овозшиносӣ, луғатшиносӣ, калимасозӣ, фразеология ва сарфу наҳв робита дорад. Ин соҳаҳои илми забоншиносӣ ва ҷиҳати овозии забон, калима ва маънои он, воситаҳои калимасоз, тағйирёбии шакли калима, ибора ва ҷумла бахшида шудааст. Маданияти нутқ бошад, балоғату фасоҳати ҳамаи соҳаҳои илми забоншиносиро дар бар мегирад. Алоқаи маданияти нутқ бо фанни **«Овозшиносӣ»** дар дуруст кор фармудани овозҳои нутқ зоҳир мегардад. Масалан, дар натиҷаи шакли русии баъзе калимаҳоро қабул кардан савтиёт ва табиати забони тоҷикӣ қатъи назар шуда буд. Азбаски дар забони русӣ овози **«ҳ»** талаффуз намегардад, дар калимаҳои вомӣ (иқтибосӣ) ба ҷойи **«ҳ»** овози **«г»** ё **«х»** оварда мешавад. Чунонччи, дар забони русӣ **ҳаллусинатсия – галуцинация, ҳипноз – гипноз, Ҳиросима – Хиросима, Ҳаной – Ханой;** номи шахсони машҳур ва таърихӣ **Ҳайнрих Ҳайне – Генрих Гейне, Ҳашек – Гашек, Ҳелветсий – Гелвеций** талаффуз мегардад. Лекин мо, ки **«ҳ»** дорем, бояд ба тарзе ки дар забони вомдеҳ ва забони тоҷикӣ ҳаст, яъне бо **«ҳ»** нависему талаффуз кунем; **ҳаллусинатсия, ҳипноз, Ҳиросима, ҳидроген, инчунин Ҳайнрих Ҳайне, Ҳашек, Ҳелветсий** ва ғайра. Хушбахтона, дар китобҳои дарсии имрӯза ба ин маънӣ риоя карда мешавад.

Иртиботи **«Маданияти сухан»** бо фанни луғатшиносӣ дар нобарҷову бемаврид истифода накардани воҳидҳои луғавӣ зоҳир мегардад. Масалан, калимаи **«ҳарорат»** дараҷаи гармиро ифода мекунад, вале дар ҷумлаи зерин барои ифодаи дараҷаи хунукӣ оварда шудааст, ки дуруст нест: **Ҳарорати берун аз борти самолёт 25 дараҷа хунук буд.** Монанди ҳамин, феълҳои **«ҳикоя кардан»** ва **«нақл кардан»** муродифи луғавӣ бошанд ҳам, бо тобишҳои маъ-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ноиашон фарқ мекунанд: кас ҳодиса ё воқеаҳои дида ё аз сар гузаронидаашро ҳикоя мекунад, аммо воқеа ё ҳодисаҳои аз касе шунидааш ё аз ҷое хондаашро холисона нақл мекунад.

Алоқаи фанни **«Маданияти сухан»** бо сарфу наҳв дар талаби дуруст ва бамаврид кор фармудани қолибҳои дастурии забон зоҳир мегардад. Масалан, ибораҳои **«истеъдодҳои ҷавон», «истеъдодҳои халқӣ»** ба талаботи забони тоҷикӣ мувофиқ нест. Шакли тоҷикии ин ибораҳо **«соҳибистеъдодҳои ҷавон», «соҳибистеъдодҳои халқӣ»** мебошад. Монанди ҳамин, ҷумлаи **«Ҳар деҳа таърихи худро дорад»** низ ба қолиби наҳви забони тоҷикӣ рост намеояд, зеро ки ин ҷумла мувофиқи қолаби наҳви забони тоҷикӣ ба тариқи зайл бандубаст мегардад: **Ҳар деҳа таърихе дорад.**

Риоя кардани одоби сухан низ ба илми маданияти сухан мансуб аст. Масалан, ҳангоми муошират номро пурраву ношикаста гуфтан, айби одамонро бо мулоиматӣ изҳор намудан ба талаботи илми **«маданияти сухан»** мансуб аст. Зиёда аз ин, ҳангоми сухангӯйӣ ба мусоҳиб бо калимаҳои **«ако», «тағо», «амак», «хола», «оча»** муроҷиат кардан ва ба ҷойи ҷонишини **«ту»** ҷонишини **«шумо»**-ро истифода бурдан одоби сухангӯйии тоҷикона аст.

**Машқи 4.** Байтҳои зеринро ифоданок хонда, маънидод кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом талаботи ҳусни баён мувофиқат менамоянд.

*Чашме, ки надорад назаре, ҳалқаи дом аст.*  
*Ҳар лаб, ки сухансанҷ набошад, лаби бом аст.*

***Мирзо Абдулқодири Бедил***

*Бидон, к-аз забон аст мардум ба ранҷ,*  
*Чу ранҷиш нахоҳӣ, суханро бисанҷ.*

***Абулқосим Фирдавсӣ***

*Суханро ба мезони дониш бисанҷ,*  
*Ки гуфтори беилм бод асту ранҷ.*

***Саъдии Шерозӣ***

**Машқи 5.** Аз ҷумлаҳои зерин калимаҳои ишоратшударо ба дафтар нависед. Сабаби пеш аз пасванди ҷамъбандӣ афзудани ҳамсадоҳои **«г», «в», «ҷ», «й»**-ро шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Ҳама касоне, ки дар кӯча ба ӯ дучор меоянд, ба андозаи хурдии синну солашон фарзандон, <u>наберагон</u> ва <u>аберагони</u> ӯ мебошанд. 2. Чашмони дурахшонаш дар зери <u>абрувони</u> сиёҳ монанди ситораи рӯз, ки дар торикии субҳидамӣ намоён мешавад, чашми бинандаро мебурд *(С.А.)*. 3. Сабзавотро кайҳо ҷамъ карда буданд *(Ф.Н.)*. 4. Фаррошҳо бо табақҳои сафолии бесир палав овардан мегиранд, «дарихонагиён» ба гирифтани он табақҳои ош аз дасти фаррошон бо якдигар талош мекунанд *(С.А.)*.

**Машқи 6.** Ҷумлаҳои зеринро хонед ва ғалатҳои содиршударо муайян кунед. Онҳоро таҳрир карда ба дафтар нависед.

1. Ман шуморо гӯш мекунам. 2 Шумо маро дуруст фаҳмед. 3. Шумо маро беҳтар фаҳмед.

***Намуна:*** Бо шумо розӣ шудан мумкин нест. – Ба гапи шумо розӣ шудан мумкин нест. Шумо ҳақ ҳастед. – Ҳақ ба ҷониби шумост.

## *Дарси 3.* СУХАНВАРӢ ВА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ОН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Кӯҳнатарин осори суханварӣ дар мағрибзамин ба Юнони бостонӣ ва ба қарни панҷуми қабл аз милод иртибот дорад.

Дар ин кишвари бостонӣ аксари корҳо дар анҷуманҳои миллӣ ва маҳаллӣ ҳаллу фасл мешудааст ва барои муҳофизат (дифоъ) аз аҷнабиён ва таъқиби таҷовузкорон аз суханварон истифода мебурдаанд.

Ба он ишора меравад, ки дар оғози кор ҳама ба дараҷаи қудрату истеъдод ва таҷриба сухан мегуфтаанд.

Дар аксар мамолики Шарқи қадим суханварон – хатибон буданд. Мардум ба онҳо эътиқоди қавӣ дошта, ононро дорои нерӯи илоҳӣ шуморида, чун паёмбарон эътироф мекарданд. Ҳаким Низомии Ганҷавӣ суханвариро «нахустин падида» ва офаридаи Худованди бузург дониста, чунин фармудааст:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Қофиясанҷон, ки сухан баркашанд,*
*Ганҷи ду олам ба сухан даркашанд.*

Суханварӣ дар Шарқ бо ислом пайванди ногусастанӣ дошта, намояндагони он бо номҳои **«хатиб»**, **«воиз»**, **«қиссахон»**, **«ровӣ»** ва амсоли он дар ин ҷомеа зуҳур кардаанд.

Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз қабили воизони машҳур маҳсуб мешуданд.

Бузургони илми адаб ба масъалаи сухандонию сухансанҷӣ эътибор дода, мардумро ба хушгуфторӣ ва санҷида сухан гуфтан ҳидоят намудаанд.

Байтҳои зерин мисоли барҷастаи ин муддаост:

*Шунидам, ки бошад забони сухан,*
*Чу алмоси буррову теғи куҳан.*
*Сухан бифганад минбару дорро,*
*Зи сӯрох берун кашад морро.*

***Абӯшакури Балхӣ***

*Нукта нигаҳ дор, бубин чун бувад,*
*Нукта, ки санҷидаву мавзун бувад.*

***Низомии Ганҷавӣ***

Сухан дар қолиби калима, ибора ва ҷумлаҳои дилнишин бо ёрии фикру андеша ифода меёбад. Ҳадафи асосии суханварӣ фаҳмиш ва баёни мавзӯи хосса ба шунаванда аст. Баёни суханвар бояд тавре сурат бигирад, ки тавонад бахше ва ё кулли шунавандагонро тасхир созад ва дар онҳо ҳиссиётҳои мухталиф: чун кин, ғам, шодӣ ва амсоли инро барангезад.

Ин амал ба воситаи чашму гӯш, шодӣ ва кӯмаки лутфу эҳсос ва андешаҳои пуртуғёни инсонӣ падидор мегардад. Мутаассир намудани шунаванда зимни баён ҷавҳари асосии маҳорати суханварист.

Фарди суханвар қабл аз сухронӣ бояд ба либос, намуди зоҳирии хеш диққат бидиҳад. Дар баробари он, ки каломи ӯ дилнишин аст, намуди зоҳириаш низ тозаву дилҷӯ бошад.

Дар ин ҷода ду чиз аст: аввалӣ ва асосӣ санъати гуфтор ва дуюмӣ намуди зоҳирӣ: либосу нигоҳу ҳаракат, ишорот ва амсоли он.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Суханронии хуб ба се омил вобастагии қавӣ дорад. Нахустин; гӯянда, дуюмӣ; тариқи баёни ӯ, сеюмӣ; матлабе, ки гуфта мешавад.

Каломи суханвар бояд дар он пояе бошад, ки таъсири он ба шунавандагон чун пайғом ва навиди зарурӣ аз қалб ва рӯҳи баёнгар ба қалб ва рӯҳи онҳо гузарад. Агар суханвар маҳорати хубе дошта бошад, шунавандагонро бо маслиҳату сӯҳбатҳои судманди худ аз саҳву хато бозмедорад, аз осебу зиён дур месозад ва ба роҳи рост ҳидоят мекунад.

Суханвар бояд соҳибикром бошад. Муҳаббату эҳтироми ӯ тавассути эъҷози сухан бар дилҳо бинишинад ва бар дидаҳо маъво бигирад.

**Машқи 7.** Матнро хонед ва бо мазмуни он ошно шавед. Фикрҳои суханвари маъруф Ҳусайн Воизи Кошифиро дар алоҳидагӣ маънидод намоед.

Агар пурсанд, ки адаби ғолибон дар сухан гуфтан чанд аст, бигӯй, шаш: Аввал, он ки сухан фарохур (муносиб)-и ҳоли ҳар кас гӯяд. Дуюм он, ки ба лутф сухан гӯяд, на ба унф (дуруштӣ). Сеюм, он ки дар вақти сухан гуфтан хандон ва шукуфта бошад, на турушрӯю гирифта. Чаҳорум, чандон сухан ба мустамеъ (шунаванда)-и он гӯяд, ки ба малоли хотири эшон наанҷомад. Панҷум, сухан гӯяд, ки манфиати дунё... дар он бошад. Шашум, то сухане тамом баиёр (қадр) набошад, бар забон наронад, ки сухани бузургон ба масобаи (монанди) тухм аст ва агар тухм фосиду бемағз бошад дар ҳар замин, ки афтад, нарӯяд ва аз ӯ манфиате ба ҳосил нарасад.

Агар пурсанд, ки адаби нозилон дар сухан чанд аст, бигӯй, ҳашт: Аввал, он ки то аз вай сухан напурсанд, нагӯяд. Дуюм, дар вақти сухан гуфтан овоз баланд накунад. Сеюм, ба чапу рост нангарад. Чаҳорум, ғаразомез ва киноят нагӯяд. Панҷум, дар рӯйи шунаванда наҷаҳад ва сухани сахт нагӯяд. Шашум, то фикр накунад, сухан нагӯяд, то пушаймон нашавад. Ҳафтум дар миёни сухани мардум сухан дарнаёрад ва сухани гӯяндаро мунқатеъ (бурида) нагардонад. Ҳаштум, бисёр нагӯяд, ки бисёр гуфтан нишонаи андакақлӣ аст.

***(Аз «Футувватномаи Султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ).***

**Машқи 8.** Иборaҳои пеш аз қавсайн дарҷгардидаро пай дар пай ба дафтартон рӯбардор кунед. Ҷузъи аввалӣ ва дуюмиро номбар карда, бо иборaҳои дилхоҳ дуто ҷумла тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Сухан гуфтан** (гап задан, ҳарф задан, такаллум кардан), **сухан ангехтан** (гап сар кардан, гап задан), **сухан густардан** (бо шарҳу тафсир сухан гуфтан), **сухан парвардан** (донистани қадри сухан, сухандӯст ва сухандон будан), **сухан перостан** (суханронӣ кардан, ширинсуханӣ намудан), **сухан рондан** (нутқ кардан, муфассал сухан гуфтан), **сухан санҷидан** (бо тааммул гап задан, фаҳмида ва дониста гуфтан), **сухан қатъ кардан** (гуфтугузор ба поён расонидан).

**Супориши 1.** Мазмуни байтҳои зеринро шифоҳӣ маънидод кунед.

*Аз он лаб шунидан ҳикоят хуш аст,*
*Суханҳои рангин бағоят хуш аст.*
***Камоли Хуҷандӣ***

*Ба андоза бояд сухан густарид,*
*Газофи суханро набояд шунид.*
***Низомии Ганҷавӣ***

**Супориши 2.** Шарҳу тафсири вожаҳои **«такаллум», «тааммул», «муфассал», «газоф»**-ро аз «Фарҳанги забони адабии ҳозираи тоҷик» муайян намоед.

***Савол:***
1. *Кадом шахс метавонад, ки дар муддати кӯтоҳе суханвари хуб гардад?*
2. *Барои ҳунари сухандониро соҳиб гардидан кадом шартҳоро донистан ва риоя намудан лозим аст?*
3. *Баҳри парҳез кардан аз изтиробу ҳаяҷон ва тарсу ҳарос дар вақти суханронӣ чӣ бояд кард?*
4. *Омилҳои асосии сухандонӣ ва баёни каломи фасеҳ кадомҳоянд?*

## *Дарсҳои 4–5.* СУХАНВАРӢ ВА НИГОРИШ

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Суханварӣ монанди муаллимӣ рисолати маънавӣ ва осмонӣ аст. Суханвар ҳангоме ки пушти минбари суханварӣ қарор мегирад, бояд ба тариқи мухталиф интизории шунавандагонро ба сухани тоза нигарон созад. Он чиро лозиму муфид медонад, тибқи ихлос гузорида ва бо риояи вақт дар ихтиёри шунавандагон қарор бидиҳад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Табиист, ки иҷрои чунин барномаи муфид замоне сурати амалӣ ба худ мегирад, ки равиши таҷассуми усули суханварӣ: табиӣ, инсонӣ, ахлоқӣ, мантиқӣ ва иҷтимоӣ, холӣ аз ҳар гуна норасоӣ бошад.

Дар айни ҳол, суханрон бояд аз рафъ ва бартарафсозии душвориҳои шунавандагон саркашӣ накунад ва дар мавзӯъе, ки касе чизе мепурсад, ӯро ба хомӯшӣ даъват накунад. Балки бояд саъй намояд, гуфтори худро бо хостаи шунавандагон ҳамоҳанг созад ва дар ин роҳ агар сухани номулоиме ҳам шунавад, бо сабру таҳаммул шунавандагонро ба шунидани бақияи суханони худ даъват намояд.

*Сухандонон сухан дар парда гӯянд,*
*Даруни қалбашон парварда гӯянд.*

***Низомии Ганҷавӣ***

*Ҳофиз, вароқи сухандароӣ тай кун,*
*В-ин хомаи тазвиру риёӣ пай кун.*

***Ҳофизи Шерозӣ***

Машқи бисёр, усули баёни махсус, ҳазму дарки мавод, вусъати сатҳи дониш – рукнҳои қонуни суханварианд. Суханварӣ қонуну қоидаҳо ва роҳу расм ва ойинномаи худро дорост. Ҳар як суханвар бояд ойинномаро риоя намояд, ки он бо одоб, одат, мўътақидот, хусусияти муҳити зиндагӣ, нажод, роҳати қалбӣ ва дилбастагиҳои хонаводагӣ, равиши тарбияту таълими ӯ тавфиқу ҳамоҳангӣ дошта бошанд.

**Риояти одоб.** Суханвар агар дар гуфтору кирдори худ саҳву иштибоҳоте карда бошад ва иқрор кунаду бахшиш пурсад, дар назди мардум басе арҷмандтар хоҳад буд, аз он ки худро аз ҳама кас бартар бидонад.

**Барангехтан.** Дар вуҷуди инсон бунёди шӯру лутф, муҳаббату буғз ва меҳру кин аст. Меҳр он аст, ни нафси чизеро хоҳон бошад ва ин он аст, ки аз чизе бигурезад ва аз ин ду ҳолат осори дигар тавлид меёбад, монанди афсурдагӣ ва дилтангӣ, дилсӯзию безорӣ, навмедӣ ва биму хашму рашк, ки бо ин муносибат доранд, озор медиҳанд, шодиву дилхушӣ, умед, қадрдонӣ, меҳрубонӣ, ки марбут ба меҳр мебошанд ва лаззат мебахшанд. Беҳтарин роҳи эҷоду шӯрангезӣ ин аст, ки гӯянда худ шӯр дар сар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дошта бошад, вагарна таъсире дар дилҳо наметавонад биандозад.

**Мавқеи офаридани ҳуҷҷат ва далел.** Барои суханварӣ ва исботи мавзӯъ дар қиёс гирифтани далелу бурҳонҳо басо судманд аст.

Барои шинохтани ҳақиқат, ҳамчунин пора кардани пардаҳои иштибоҳот дар мунозираҳо, мубоҳисаҳо, барои пешгирӣ аз лағҷиши фикр, овардани далелу ҳуҷҷат басе муфид аст.

Лекин набояд фаромӯш кард, ки мантиқи дуруст ҳамон мантиқи ҳақ аст ва касеро гӯянд, ки аз зарурати тафаккур, тадбир дар калом ғофил нашавад.

Агар суханвар бар муддаои худ далелҳо надошта бошад ва натавонад ақаллан собит кунад, таъбир василаи бакуллӣ беҳуда аст, ё асараш заифу камдавом аст ва баръакс, агар гӯянда барои муддаои худ далелҳои устувор дошта бошад, ҳарчанд барангехтану дигар чораҳои санъати каломро ба кор мебарад, ҳарфаш ҷилавгир аст.

**Машқи 9.** Матнро хонед, матлабу мақсади муаллифро бо фаҳмишу идроки хеш хотирнишин гардонед.

Агар пурсанд, ки ба чӣ забон сухан мегӯӣ, бигӯй, ба забони сидқ. Агар пурсанд, ки сухан ба кадом гӯш мешунавӣ, бигӯй, ба гӯши қабул. Агар пурсанд, ки сухан аз ту аст ва ту аз суханӣ, бигӯй, ман аз суханам ва сухан аз ман аст, ки меваи дарахти инсонӣ сухан аст. Агар пурсанд, ки сухани ноқис кадом аст, бигӯй, он ки мувофиқи сухани худову расул бошад.

Агар пурсанд, ки сухани нек кадом аст, бигӯй, ки аз он нафъ ба касе расад. Агар пурсанд, ки бад кадом, аст, бигӯй, он ки аз он зараре ба касе оид шавад.

***(Аз «Футувватномаи Султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ).***

**Машқи 10.** Ба ҷойи нуқта калимаҳои мувофиқро гузошта, шакли пурраи ибораҳоро тартиб диҳед.

**Сухани** ... (латифу ширин, фасеҳу равон, салису болиғ), **сухани** ... (мавзун), **сухани** ... (пухта ва писандида), **сухани** ... (дилчасп, лафзи гуворо, гапи нағзу форам), **сухани** ... гуфтан (киноя аз сухани мавзуни тоза гуфтан, **сухани** бикр гуфтан).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Калимаҳо барои истифода:** рангин, дурфишон, сабз, ширин, дӯшиза.

**Машқи 11.** Ҳикоятро хонед, мазмунашро баён кунед.

Хатибе бадовоз худро хушовоз пиндошту фарёди беҳуда бардошт. Мардуми деҳа ба сабаби мақоме, ки дошт азобашро мекашиданд ва азият додани ӯро маслиҳат намедиданд.

Яке аз хатибони деҳа, ки ба ӯ адовати пинҳонӣ дошт, боре ба пурсишаш омада буд, ӯро гуфт:

– Туро хобе дидаам, хайр бод!

Гуфто:

– Чӣ дидӣ?

Гуфт:

– Чунон дидам, ки туро овози хуш буд ва мардумон аз нафасҳои ту дар роҳат.

Хатиб аз ин суханҳо ба андеша рафту гуфт:

– Ин муборак хоб аст, ки дидаӣ, ки маро аз айби худ воқиф гардондӣ. Маълум шуд, ки овози нохуш дорам ва халқ аз баланд хондани ман дар ранҷ. Тавба кардам, ки аз ин пас хутба нагӯям (қироат накунам) магар ба оҳистагӣ.

***(Аз «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ).***

**Машқи 12.** Матнро хонед ва бо назардошти мазмун саволҳо тартиб диҳед.

Нутқи суханвар бояд фасеҳ ва образнок бошад, оҳанги равшан, ифоданок ва тобиши эмотсионалӣ дошта бошад, тарзи талаффузаш аниқ ва аз камбудиҳои услубӣ, грамматикӣ ва фонетикӣ озод бошад. Нутқи «якрангу мадкашида одамро зуд хаста ва дилгир мекунад, сустӣ, бепарвоӣ ва фориғболиро ба вуҷуд меоварад. Аз ҳад зиёд саросема гап задан ҳам ба ҷараёни азхудкунӣ халал мерасонад ва шунавандаро тез монда мекунад. Овози баланди нутқ ҳам ҳамин хел таъсир мерасонад. Овози аз ҳад баланд, дурушт ва пуршавқуни суханвар шунавандаро асабӣ мекунад; овози суст ва пасти ӯ нағз шунида намешавад. Имову ишоратҳо нутқро таъсирбахш мегардонанд, вале ҳаракатҳои зуд-зуд такроршаванда ва якхела шунавандаро озурда мекунад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Дарси 6.* АСРОР ВА МАДАНИЯТИ СУХАНВАРӢ

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Аз нестӣ ба ҳастӣ овардан, эҷод кардан, сохта ва пардохтани чизеро, ки то ҳол ба миён наомадааст, офариниш мегӯянд.

Офариниши сухан бар чаҳор омил устувор аст: 1. Ҳадаф. 2. Тарҳ. 3. Маводи лозима (модда). 4. Шахсияти созанда *(муаллиф)*.

Суханварӣ офариниши судманд, кори савоб ва манфиатбахш барои ҷомеа аст. Бинобар ин суханвар бояд аз чор омили созандаи сухан бархӯрдор бошад, то ин ки гуфтораш дар дилҳо бинишинад ва дар кор кам-кам муваффақияти даркориро касб кунад. Бояд донист, ки суханвар аз сухангӯйи се ғараз дорад:

1. Қонеъ (қаноатманд гардонидани шунавандагон бо сухани худ).

2. Ҳусни тафоҳум (яъне, шунавандагоян ба ҳарфҳои суханвар таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд ва бовар кунанд).

3. Барангехтани хотирҳо ва таъсир дар дили шунавандагон.

Ҳар як аз ин се ғараз боз василаҳое дорад: Қаноатманд гардонидани шунаванда ба далелу санадҳо вобаста аст. Агар ҳарфи суханвар бидуни далелу санад бошад, шунаванда ба он бовар нахоҳад кард. Ҳусни тафоҳум – ба одобу рафтору гуфтори суханвар марбут аст. Барангехтани шунаванда бо таъсири сухан ба лутфу меҳрубонӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Бо далелу санадҳо ақлро бояд кор фармуд. Бо одоби некӯ дилҳоро ба худ мутаваҷҷеҳ сохт. Бо барангехтан вуҷуди инсонро бояд ба ҳаяҷон овард.

Суръат дар оғози сухан муфид аст, вале наметавон ҳамаи андешаҳоро тунду сареъ гуфту курсии суханвариро тарк намуд. Дуруст аст, ки гоҳе тунду бошитоб, дурушт гуфтугӯ кардан нишонаи қудрати суханрон аст. Ин усули суханронӣ бештар барои як ё якчанд тан ба кор меравад, вале манбаи сухан хубу парҳез аз камият ва таваҷҷӯҳи ботинӣ ва ҳамаҷониба ба кайфият аст. Арзиши ҳақиқати баён дар фаҳми мақсадҳо ва таъсир дар дилҳо мебошад ва бешитоб дар гуфтор, ки насанҷида гуфтанро дар пай дорад, наметавон бад-ин матлаб даст ёфт.

**Машқи 13.** Ба калимаи «сухан» бо иловаи калимаҳои **боф, густар, густарӣ, донӣ, кош, офарин, пайванд, параст, пардоз, реза, санҷ, соз, талаб, тироз, чин, шинос** ва пасвандҳои **-вар, -варӣ, -гар, -дон** вожаҳои аз ҷиҳати маъно фарққунанда тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Намуна:*** сухангустар, сухандон.

**Машқи 14.** Хонед ва гӯед, ки фикр дар хусуси чӣ баён гардидааст.

1. Ҳар вақт суханварӣ дар пеш доред, қабл аз он тан ё руҳи худро хаста накунед.

2. Вақте ки дар ҳузури ҷамоат барои суханварӣ ҳозир мешавед, худро дуруст ва ба қоида бисозед.

3. Ҳангоми суханронӣ нисбат ба шунавандагон боадаб, ботавозӯъ бошед. Чизе ки мегӯед, далел бар ин ки онҳоро нодону бефаҳм мапиндоред, ғуруру худписандиро ба хеш раво надоред.

4. Дар маҷлису маҳфилҳои мушовара ва муҳовара сухан бисёр нагӯед ва ба дигарон низ имкони суханронӣ бидиҳед.

5. Фарёд накашед ва босуръат сухан нагӯед. Шумурда ҳарф занед. Лаҳн, савт, ишорат, ҳаракату нигоҳи худро мутобиқ намоед.

6. То метавонед аз рӯйи навишта суханронӣ макунед, баъзан ҷоиз бошад ҳам дар суханварии сиёсӣ.

**Машқи 15.** Шеърро ифоданок хонед ва мазмунашро баён кунед. Байтҳои ишорагардидаро ба дафтар рӯбардор карда, шарҳ диҳед.

**Ҷавҳари ҳуққаи даҳон сухан аст,**
**Гавҳари ханҷари забон сухан аст.**
Гар набудӣ сухан, чӣ гуфтӣ кас?
Дурри маънӣ чӣ гуна суфтӣ кас?
Сирри касро касе чӣ донистӣ?
Роз гуфтан куҷо тавонистӣ?
Ин сухан гар на дар миён будӣ,
Одамӣ низ безабон будӣ!
**Сухани хуш ҳаёти ҷону тан аст,**
**Дами Исо гувоҳи ин сухан аст...**
Эй хирад, аз сухан ривоят кун,
Ба забони қалам ҳикоят кун.
**В-эй қалам, соате забон бикшой!**
**Ҳуққаи мушкро даҳон бикшой!**
Воқиф ар аз сафедию сияҳӣ,
Дар сиёҳӣ даро, ки Хизри раҳӣ..
Ту ба гуфтор шаккарин самарӣ,
Ту қалам нестӣ, ки найшакарӣ!



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мулки маънӣ аз они туст ҳама,
Ин қаламрав турост яккалама.
**Шоҳи маънӣ туӣ, алам бардор,**
**Сӯйи мулки сухан қадам бардор.**

***Бадриддин Ҳилолӣ***

***Шарҳи луғат:***
**Ҳуққа** – сандуқчаи ҷавоҳирот.
**Воқиф** – хабардор.
**Алам** – байрақ, парчам.

## *Дарсҳои 7–8.* ЛАТОФАТИ ТАБЪ ВА РИОЯИ ОДОБ ДАР САНЪАТИ СУХАНВАРӢ

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Суханвар ҳангоми сӯҳбат ё дар ҷамъомаде суханронӣ кардан муҳит, авзоъ, майлу рағбат ва рӯҳияи мусоҳиб ё шунавандагонро ба эътибор мегирад, мавзӯи баҳсро ба эҳтиёҷоти онҳо вобаста менамояд. Ҳақ бар ҷониби Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Унсуралмаолии Кайковус аст, ки онҳо гуфтаанд: «Бидон, ки шарафи одамӣ ба нутқ аст ва ҳар кӣ дар нутқ адаб риоят накунад, аз ин шараф бебаҳра бошад», «Сухан бар муроди мардумон мегӯяд, то ки мақсади гӯянда ҳосил гардад».

Яке аз омилҳои асосии суханронии хубу гуворо майл доштан ба суханронӣ ва хуб ҳарф задан аст. Суханвар ҳар қадар қаблан омодагӣ бинаду машқу такрор намояд, ҳамон қадар андешаву афкори хешро бурро, фасеҳ ба бинандагон ё шунавандагон расонида метавонад. Баёни сухан ба ҳиссиёту ҳаяҷон ва ба қалбу дарку эҳсос марбут аст.

Яке аз шартҳои суханронӣ парҳез аз асабият аст. Шахс бояд ба он кӯшад, ки зимни суханронӣ оромона ва ботамкин ҳарф занад. Дар байни омма сухан кардан бад-он монад, ки кас дар майдони набард қувваозмоӣ мекунад. Дар чунин мавридҳо нотиқ ба ду ҳолат гирифтор аст. Нахуст, аз ӯҳдаи суханронӣ баромада натавониста, дар назари анҷуман мулзам ва музтар гардад, ки худ бештар хиҷолат кашад ва асабонӣ шавад. Сониян, бо маҳорати хуби суханронӣ ҳусни таваҷҷуҳи атрофиёнро ба хеш ҷалб намояд. Дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чунин маврид ӯ ба ҳама ғолиб омада бошад ва ҷумлагонро ба тасхир оварда. Ин амал ба осонӣ ба ҳар кас муяссар нахоҳад гашт. Баҳри ба ин санъату ҳунар ноил гардидан, дар баробари суханронӣ овози хуб низ дар баёни матлаб нотиқро дастболо гардонад ва тири ӯ ба ҳадаф расад, ки аҳли ҷомеа ба лутфи ӯ мубтало гардад ва боз ба шунидани лаҳни баёни ӯ муштоқ бошад ва ба ӯ аҳсан хонад.

Риояи ҳусни сухан, қоидаҳои дастурӣ (грамматикӣ)-и забон, осонии талаффуз, ороиши сухан бо зебоиҳои бадеӣ дар маҷмӯъ аз шартҳои суханварӣ мебошанд. Сухан ифодаи шахсияти гӯянда аз назари дониш, мантиқ, огоҳӣ дар қавоиди забону луғат ва бадеият мебошад.

Аз ин ҷост, ки ба ақидаи Шайх Саъдӣ дар сухан айбу ҳунари мард ошкор мегардад:

*То мард сухан нагуфта бошад,*
*Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.*

**Сухан дар се навъ гуфта мешавад:**

**Сухани содда,** ки бидуни ороиш ва танҳо барои огоҳии дигарон гуфта мешавад ва вазифаи хабар доданро дорад. Сухани содда печидагӣ надорад, содда ва фаҳмо гуфта мешавад.

**Сухани ороста**, ки ба нияти таъсир ба рӯҳия ва қалби шунаванда гуфта мешавад ва муассиру дилпазир аст. Сухани асарҳои бадеӣ аз ҷумлаи ин навъ ба ҳисоб меравад.

**Сухани воло ва ҳамосӣ**, ки барои барангехтани эҳсосот ва ба ҳаяҷон овардани шунавандагон эрод мешавад.

Каси моил ба суханварӣ бо дигар суханварон ҳамкорӣ намуда, сабки сухангӯёни гуногунро биёмӯзад ва худ ба мақоми авсат (миёна)-и суханварӣ бирасад. Сухангӯй бояд чанд мавзӯъро пешакӣ дар зеҳни худ парварида бошад аз масоили адабӣ, иҷтимоӣ, динӣ, ахлоқи, сиёсӣ ва ғайра, то ки ба муқтазои ҳол ба яке аз онҳо муроҷиат намуда бошад.

**Чанд шарти зерин барои суханвар низ лозим аст, ки риоя карда шаванд:**

1. Ба ягон мақсад гуфтори дигаронро ба нафъи худ тағйир додан лозим нест.

2. Он чӣ ба шунаванда тавсия мешавад, бояд бо ниёзи ӯ мувофиқ биёяд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Вақти сухан гуфтан аз мавзўъҳои барои суханвар ноошно қатъан барҳазар бояд буд.

4. Сухан бояд аз айбчўйӣ холӣ бошад ва ба ин хотир афкору сухани дигаре рад карда нашавад.

5. Дар сурати истифода аз сухану нукоти дигарон зикри манбаъ бояд дақиқ ва маълум бошад.

6. Ба мавзўи мавриди баҳс бояд алоқамандӣ, эътиқоду боварӣ ва камоли огаҳӣ дошта бошад.

7. Аз ифодаи эҳсосоти сохта, вақте мавзўъ дар дилу ҷони гўянда таъсир надорад, низ эҳтироз бояд кард.

8. Аз ихтисори аз ҳад зиёди матлаб низ худдорӣ кардан лозим аст.

9. Дар сурати итмоми матлаб ба мавзўи дигар гузаштан лозим нест, зеро вай кайфияти ҳосилшударо мекоҳонад ва баҳси тоза нотамом мемонад.

**Машқи 16.** Фикрҳои насиҳатомўзро хонед ва дар алоҳидагӣ маънидод кунед.

1. Ағлаби нотиқон зимни суханронӣ сари хешро поин андохта ба шунавандагон таваҷҷуҳе зоҳир намекунанд. Ин амал ба он монад, ки байни онҳо робитае нест. Ин тартиб дар суханронӣ манфист ва қобили қабул нест.

2. Баёни дилнишину марғуб боист дар ҳама ҳолатҳо табиӣ бошад. Нотиқ дар таълимгоҳ ва толорҳои бузург зимни суханронӣ ба миқдори шунаванда набояд такя намояд. Яъне барои даҳ ҳазор нафар шунаванда ҳамон тавре сўҳбат намояд, ки барои як фард ҳарф мезанад.

3. Он шахсоне, ки истеъдоди табиии баёни махсусе доранд, бештар бояд дар ҷаласаҳои бузург ҳунарнамоӣ намоянд.

4. Шахси нотиқ дар мавқеи суханронӣ боист тавре ҳарф бизанад, ки гўё танҳо як нафар дар муқобилаш истодааст ва ў барои ҳамин як нафар сухан меронад.

5. Бо тамоми эҳсосоти қалби худ ҳарф бизанед, зеро эҳсосот ва самимият беш аз ба кор бурдани тамоми қонунҳои суханронӣ ба хуб ҳарф задани Шумо кўмак мерасонад.

6. Чаҳор чиз аст, ки тақрибан дар мавқеи ҳарф задани ҳар кас амал мекунад, вале зимни суханронӣ нотиқон онро фаромўш мекунанд. Ҳол он ки дар madди назар қарор додани ин нуктаҳо шарт ва зарур аст:

а) луғати муҳими ҳар идораро бо таъкид адо намудан;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

б) оҳанги гуфтор боист як маром набошад ва марбут ба ифода пастию баландии савти баён риоя карда шавад;

в) суръат ва сустии талаффузи калимотро кам ва ё зиёд кардан;

г) қабл аз баёни матлаб ва баъдан қадре таҳаммул намудан.

**Машқи 17.** Ҳикоятро хонед, мазмунашро маънидод кунед ва саволҳо тартиб диҳед.

Овардаанд, ки амир Наср Аҳмади Сомониро муаллиме буд, ки дар он вақт, ки хурд буд, вайро таълим кардӣ ва чӯби бисёре задӣ. Ва амир гуфтӣ, ки ҳар гоҳ, ки ман ба султонӣ расам, сазои вай бикунам.

Шабе тафаккури айёми гузашта мекард, муаллимаш ёд омад, ҳама шаб дар андешаи интиқоми ӯ буд.

Ходимро бифармуд, ки аз бӯстон даҳ чӯби обӣ биёрад ва якеро гуфт:

– Муаллимро ҳозир кун!

Ходим рафт, то муаллимро ҳозир гардонад. Муаллим пурсид: – Султон чӣ мекард, ки маро ёд кард?

Гуфт: – Ғуломеро фармуд, ки биравад аз бӯстои даҳ чӯби обӣ биёварад ва маро гуфт, ки муаллимро ҳозир кун.

Ӯро маълум шуд, ки дар банди интиқоми вай аст, дар роҳ, ки меомад ба дари дӯкони мевафурӯше расид ва дурустӣ бидод ва аз вай обии хуб харид ва дар остин кард.

Чун пеши Наср омад, амир чӯбе баргирифт ва гуфт: – Дар ин чӣ гӯйӣ?

Гуфт: – Саҳл аст. Даст дар остин кард ва он мева берун овард ва гуфт:

– Зиндагонии подшоҳ дароз бод, калимае дорам.

Гуфт: – Бигӯй!

Гуфт: – Ин меваи бад-ин латифӣ, зодаи он чӯб аст.

Султон чун ин бишунид, бағоят биписандид ва расми маоши вай то зинда буд, муайян гардонид. Баъд аз он зиндагонӣ ба фароғат гузаронид.

***(Аз «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ).***

**Машқи 18.** Шеърро ифоднок хонед. Калимаҳои душворфаҳмро шарҳ диҳед. Мазмунашро бо табдили матни наср баён кунед.

*Сухан сардафтари девони ишқ аст,*
*Сухан ганҷинаи султони ишқ аст.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Зи дил файзе, ки ҷӯйӣ, ҷуз баён нест,*
*Забони теғ чун теғи забон нест.*
*Сухан зоҳир кунад сӯзи ниҳонро,*
*Зи шамъи дил барафрӯзад ҷаҳонро.*
*Сухан сарчашмаи дарёи ишқ аст,*
*Сухан сармояи савдои ишқ аст,*
*Ки гар дар сафҳаи олам набудӣ*
*Нишон аз одаму олам нубудӣ.*
*Кӣ ҳоли рафтаву оянда гуфтӣ,*
*Кӣ чандин маънии поянда гуфтӣ...*
*Сухан ваҳй аст, мо арши баринем,*
*Сухан сеҳр аст, мо сеҳрофаринем.*
*Чӣ ҷойи сеҳру эъҷози Масеҳ аст,*
*Ҳаёти мо зи гуфтори фасеҳ аст...*
*Касе худ бесухан чун зинда монад,*
*Дар иқлими бақо поянда монад.*

***Низомии Ганҷавӣ***

## *Дарси 9.* МЕЪЁРИ АДАБӢ ВА МАДАНИЯТИ СУХАНВАРӢ

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Меъёри забони адабӣ яке аз масъалаҳои асосии маданияти сухан мебошад. Аз ин ҷост, ки дар аксари корҳое, ки ба маданияти нутқ бахшида шудаанд, нутқеро, ки мувофиқи меъёри забони адабӣ баён мешавад, дуруст меҳисобанд. Агар меъёри забон риоя шавад, нутқ солим аст, вале меъёр риоя нашавад, нутқ солим нест.

Пас, худи меъёр чист? Истилоҳи меъёр дар забоншиносӣ одатан ба ду маънӣ фаҳмида мешавад: аввалан, воситаҳое фаҳмида мешаванд, ки аз тарафи умум қабул шуда, дар забон устувор гардидаанд; сониян, воситаҳои забониеро меъёр меноманд, ки аз тарафи дастури забон, луғатҳо ва маълумотномаҳо тавсия гардида, бо мисолҳои асарҳои нависандагони маъруф тақвият ёфтаанд. Аз ин бармеояд, ки дар истифодаи ҳамаи унсурҳои овозшиносӣ (овоз, задаи калима, оҳанг), воҳидҳои луғавию фразеологӣ, маънoҳои асосию иловагӣ ва тобишҳои маъноии онҳо, тарзу воситаҳои сохтани калимаю таркибҳо, тағйири шаклҳои дастурии калима, кор



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

фармудани воситаҳои дастурӣ, сохтани ибораю ҷумлаҳо, муносибати маъноӣ ва наҳвӣ дар онҳо забони адабӣ меъёри худро илқо мекунад. Меъёри забони адабӣ ҳамаи он воҳидҳои забонро ба низом медарорад, устуворӣ ва пойдорӣ мебахшад.

Забон ҳодисаи ҷамъиятӣ ва таърихӣ аст, бинобар ин ҳамеша тағйир ёфта меистад. Вале, ҳар дигаргунии ба вуҷуд омадаро эътироф намекунад, балки чанд муддат ба ҳоли худ вомегузорад, то ки хуб ҳазм ва корхӯрда шавад. Аз ҳамин сабаб устувории меъёри забони адабиро ба яхи рӯйи дарё ва инкишофи доимии забони зиндаро ба маҷрои зери ях ташбеҳ мекунанд. «Моҳияти ҳама гуна забони адабӣ дар танзиму пойдории он аён мегардад» – гуфтааст забоншиноси рус Л.В. Шерба. Аз ин рӯ, меъёри забони адабӣ ҳар қадар корхӯрда ва устувор бошад, ҳамон қадар пуриқтидору тавоно мегардад.

Забони адабии тоҷик дар ҳар марҳилаи инкишофи худ тӯли зиёда аз ҳазор сол меъёри аниқи истифодаи сухан, усули калимасозӣ, қолибҳои ифодаи фикр дошт ва аҳли маърифат ба талаботи он комилон риоя мекарданд. Агар коҳиши андаке рӯй медод, зуд пешгирӣ карда мешуд.

Бо вуҷуди ин забони назму насри бадеӣ дар ҳама давру замон бетағйир намондааст: гоҳ соддаву саҳеҳ баён кардани матлаб меъёри забони адабӣ қарор мегирифт, гоҳ майли суханбозиву лафзпардозӣ, печидагӯйиву душворписандӣ мешуд, вале ҳамеша байни забони адабию забони зиндаи халқ робита вуҷуд дошт, ки ба василаи он забони адабӣ аз сарчашмаи хушкнашавандаи худ шодоб мегардад.

Чунончи, соддаву салис ифода кардани маъноҳои баланд тақозоҳои сабки хуросонӣ буд, ки намунаи онро дар асари Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва муосирони ӯ дидан мумкин аст:

*Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт,*
*Бода андоз, к-ӯ суруд андохт...*

Соддагии тарзи баён дар насри ривоятӣ («Ҳазору як шаб», «Чор дарвеш», «Самаки айёр») ва насри бадеӣ (дар «Бадоеъулвоқоеъ»-и Восифӣ) далели робитаи қавии забони адабӣ бо забони зинда ба шумор меравад.

Баъди табаддулоти сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ дар меъёри забони адабии тоҷик тағйироти бештар рӯй дод: аз забони зинда кали-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

маю таркибҳо, ибораҳои рехта, ифодаҳои маҷозӣ, қолабҳои ифодаи фикр ба забони адабӣ дохил шуданд ва як миқдор калимаю истилоҳҳои нав аз забонҳои дигар ворид гаштанд. Барои ин баъзе калимаю ифодаҳоро ба тарзи таҳтуллафзӣ тарҷума карда, дар матбуоту нашриёт кор фармудан гирифтанд. Баъзе аз адибони камтаҷриба ва рӯзнамонигорони бесалиқа калимаву ифодаҳои ношоистаро дар асару мақолаҳояшон истифода карданд, ки дар истифодаи воҳидҳои луғавию дастурӣ бесарсумонӣ ба маён омад, ки ин маънӣ ба маданияти сухан футур овард.

Устод С. Айнӣ бо мақсади пеши ин ҷараёни номатлубро гирифтан мактубҳои кушод навишта, ба адибоне, ки ба қадри каломи фасеҳ намерасиданд, ишораи нозуки маҳрамонае кард. Меъёри забони адабӣ бо ташаббуси адибони хушсалиқа ва забондонони маъруф, алалхусус устод С. Айнӣ хеле сабук карда шуд ва забони адибии тоҷик ба дараҷаи забони адабии миллӣ расид.

**Машқи 19.** Порчаҳои шеъриро ифоданок хонед ва баъд аз он мазмунашро маънидод кунед.

*Чу гуфтори беҳуда бисёр гашт,*
*Сухангӯй дар анҷуман хор гашт.*

* * *

*Магӯй он сухан, к-андар он суд нест,*
*К-аз он оташи баҳр ҷуз дуд нест,*

* * *

*Сухан нарм гӯй, эй ҷаҳондида мард,*
*Маолой лабро ба гуфтори сард.*

* * *

*Сухан беҳтар аз гавҳари обдор,*
*Чу бар ҷойгаҳ бар барандаш ба кор.*

***Абулқосим Фирдавсӣ***

**Машқи 20.** Аз ҷумлаҳои зерин унсурҳои луғавии шевагиро пайдо кунед. Гӯед, ки ин гуна калимаҳо ба меъёри забони адабӣ мусоидат мекунанд ё не? Мавриди истифодаи онҳоро муайян кунед (Дар тасвири нависанда ва нутқи қаҳрамон бо кадом мақсад оварда шудаанд).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. – Ана ита-ита лағат кард, – гӯён почаҳои лойолудашро бар замин кӯфта чӣ гуна поймол карда шудани саракхӯро нишон дод *(С.У.)*. 2. – Бувиҷон, мана хафа карданба дилатон мешавад-мӣ? – Не, чува дилам мешудааст! – Биё, ҳамту, ки бошад, на ман туя озор медиҳам ва на ту мана *(Ҳ.К.)*. 3. Дид, ки воқеан ҳам дар он ҷо марди нимбараҳнае почакӣ (оташдони муваққати аз санг) сохта, алов карда, чизеро дар аланга тоб дода нишастааст *(С.У.)*. 4. Шаб дар канори дарё гоҳо боло, гоҳо калапо омада, барои ёфтани гузар кӯшиш мекардем *(Алии Хуш)*. 5. Мӯйҳои сафедаш аз таги уребчааш паға-паға шуда баромада истоданд *(Ҳ.К.)*. 6. Ӯ ҳайрон шуда хост, ки чашмашро молиш диҳад, аммо дасташ боло намерафт. Аз ин ҳубдур гаранг шуда монд *(Ҷ.И.)*.

**Машқи 21.** Порчаи зеринро хонед, калима ва шаклу воситаҳои дастури ба худатон ноошноро ёбед ва гӯед, ки чаро онҳо дар забони адабии имрӯза истифода намешаванд. Ин порча кадом хусусияти меъёри забони адабиро собит менамояд?

Бояд донист, ки раият маҳалли дахли вилоятанд ва аскария мавриди харҷ. То дахл набувад харҷ мутаҳаққиқ нашавад, балки салтанат бе раият мутасаввир нагардад... Пас, подшоҳ, ки мушфиқи дарвеш аст, нигоҳбони мулку давлати хеш аст, адлу раъфати султон мӯҷиби амну истиқомат аст мар раиятро, то имовату зироат беш иттифоқ афтад. Ва чун иморату зироат ва адлу рафъати султон ва арзонӣ баландовоза шавад, бозаргону мусофирон дар ин шаҳр рағбат оранд ва ғаллаву қумош ва дигар матоъ биёваранд, пас, мулк ободон шавад ва хазоин маъмур гардад. Ва бад-ин сабаб лашкариён серу фароҳдаст гарданд. Ва чун аскар қавӣ бошад, ҳавзаи миллат маҳфуз гардад ва шароит ривоҷ ёбад. Ва чун дину миллат ривоҷ гардад, худойро таоло ва бузургони динро хуш ояд. Фалоҷарам, ба ободии дунёи хеш уқбои хешро маъмур тавон дошт.

***(Аз китоби «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш).***

**Шарҳи луғат:**

**Аскария** – лашкар, қӯшин, сипоҳ.
**Бад-ин** – шакли кӯҳнаи **пешоянди ба; ба ин**
**Дахл** – даромад, воридот.
**Қумош** – газвори абрешимӣ, шоҳӣ.
**Мар** – ҳиссачаест, ки пеш аз калимаи дорои пасоянди «-ро» меояд ва як навъ маънои таъин ва таъкидро мефаҳмонад, гоҳо барои зинати калом воқеъ мегардад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Мутаҳаққиқ** – таҳқиқ, тақсим.
**Мутасаввир** – тасаввуршаванда, қобили дарк.
**Мӯҷиб** – боис, сабаб.
**Раият** – табаа, оммаи мардуми фармонбардор.
**Рафъат** – раҳм, меҳрубонӣ.
**Таоло** – баланд шуд! Баъд аз номи Худо меояд.
**Уқбо** – охират.
**Фалоҷарам** – пас, бинобар ин, аз ин рӯ.

## *Дарси 10.* МЕЪЁРИ ОВОЗШИНОСӢ ВА МАДАНИЯТИ СУХАН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Барои он ки сухани мутакаллим ба мусоҳиб комилан фаҳмо бошад, бурро ва шунаво талаффуз кардани нутқ, пурра ва равшан шунида шудани овозҳои калима, барҷо будани задаи калима ва ба матлаб мусоидат намудани оҳанги гуфтор аз шартҳои аввалиндараҷа маҳсуб мегардад. Пайдост, ки талаффузи овозҳои калима ва ҷойи зада аз рӯйи мароми забони адабии ҳозираи тоҷик воқеъ мегардад. Ҳангоми риоя накардани мақоми овозӣ дар талаффузи баъзе овозҳо ғалатҳо содир мегарданд, ки онҳо боиси костани ҳусни баён мегарданд.

Масалан, ба ҷойи **садоноки «ӯ» овози «у» талаффуз** мешавад, яъне ба ҷойи **«рӯз», «рӯй», «кӯшиш», «дӯзанда», «пӯшондан»** – руз, руй, кушиш, дузанда, пушидан талаффуз мегардад, ки хилофи меъёри талаффузи адабист. Дар баъзе ҳолат чунин тарзи талаффуз боиси тағйир ёфтани маънӣ мегардад: **бачаи гӯл – бачаи гул, ош хӯрд – ош хурд; кӯш то халқро ба кор оӣ – куш то халқро ба кор оӣ**.

Баъзан калимаву ибораҳои **тағир, мулоим, осоиш, барои, ҷойи кабуд, абрӯи сиёҳ барғалат тағ-ир, муло-им, осо-иш, баро-и; ҷо-и кабуд, абрӯ-и сиёҳ** талаффуз мешавад, ҳоло он ки мувофиқи меъёри адабӣ **тағйир, мулойим, осойиш, ҷойи кабуд, абрӯйи сиёҳ** гуфтан лозим аст.

Ҳусни баён талаб мекунад, ки дар вақти талаффузи овозҳо ва пайвастаҳои овозӣ тарзи талаффузи ҳиҷоҳои заданоку безада риоя шавад. Маъмулан дар ҳар як калима равшантару барҷастатар талаф-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

фуз шудани яке аз ҳиҷоҳо нисбат ба ҳиҷоҳои дигар ба мушоҳида мерасад.

Чунончи, дар байти зерини шоири номии тоҷик Абўабдуллоҳи Рўдакӣ ду хел талаффуз шудани калимаи **«мардӣ»** ба гўш мерасад:

*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.*

Агар дар мисраи аввал ҳиҷои дуюми ин калима **(-дӣ)** равшантар шунида шавад, дар мисраи дуюм ҳиҷои аввали он **(мар-)** барҷастатар ба гўш мерасад.

Оҳанги гуфтор ҳам барои саҳеҳ ифода намудани матлаб мусоидат менамояд. Оҳанг калимаро ба калима, ҷумларо ба ҷумла алоқаманд мекунад ва воҳиди яклухтро танзим медиҳад. Бо ёрии оҳанг ҷумла мазмуни ахбор, пурсиш ва фармоиш пайдо мекунад, бо воситаи тасниф ҷумла ба фосилаҳо ҷудо шуда ба таҷзияи сомони маъно замина фароҳам меоварад. Барои саҳеҳ ифода намудан матлаб, пеш аз ҳама, оҳанги ахбор, пурсиш ва фармоиш бояд равшан бошад, зеро бо тағйири оҳанги ҷумла мақсади гуногунро ифода кардан мумкин аст: Падарат омад. Падарат омад? Падарат омад!

Монанди ҳамин ҳадди фосилаи таснифро тағйир дода, мазмунҳои гуногунро ифода кардан мумкин аст: Ду рўз боз/кор мекунад. Ду рўз/боз кор мекунад.

Бо исти кўтоҳ ҷудо кардани хабари ҷумла ё феъли ёвар аз ҷузъи маънодори таркиб низ ғалати гуфтор шуморида мешавад: Ман ҳамин қисми маърўзаатонро/мехонам. Муҳокимаи масъала бо ҳамин анҷом/меёбад. Ҳозирон аз маҷлис баромада ба ҳар сў пароканда/мешаванд.

Яке аз талаботи маданияти сухан дар калимаҳои ҳамнишин сабуку равон ва озоду равшан талаффуз шудани овозҳои нутқ мебошад. Забоншиносон ба якдигар наздик воқеъ гардидани овозҳои якхеларо, ки боиси мазмуни талаффуз мегарданд, танофури ҳуруф номидаанд. Ба ин маънӣ ба байти зерин эътибор диҳед, маълум мегардад, ки такрори ҳамсадоҳои **«д»** ва **«з»** таносуби ҳодисаҳои **«б-п»** ва **«з-с»** ба озоду равон талаффуз шудани калимаҳои як ҳиссаи мисраи дуюм (дузд зар боз пас) монеъ мегардад:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Гар тазарруъ кунию гар фарёд,*
*Дузд зар боз пас нахоҳад дод.*

Ҳамин тавр, риояи меъёри овозшиносӣ барои саҳеҳу равшан ифода кардани матлаби гӯянда мусоидат менамояд.

**Машқи 22.** Ба ҷуфти калимаҳои зерин диққат дода, талаффуз ва навишти онҳоро муайян кунед. Гӯед, ки тағйири маънои калимаҳои ҳамҷуфт дар чист. Ҳангоми ба ташдиди калимаҳо риоя накарда талаффуз кардан чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?

1. Гул – гӯл, сум – сӯм, бур – бӯр, куш – кӯш, хурд – хӯрд ...
2. Ман – манъ, ало – аъло, шер – шеър, бад – баъд, рад – раъд ...
3. Мода – модда, ака – акка, дара – дарра ...
4. Бара, ара, пура, кала, паша, тило, лата, фала ...

**Машқи 23.** Аз ҷумлаву байтҳои зерин танофури ҳуруфро пайдо кунед ва роҳиислоҳи онҳоро нишон диҳад.

1. Одина, ки бо бӯйи бади пунбадонаҳои мағоркардаи ғарамшуда тобоварӣ карда натавониста бемор шуда буд, дар казармаи завод ба тарбияи яке аз ҳамватанони худ хобид *(С.А.)*. 2. Вақте ки автобус ба баландии тақрибан чаҳор ҳазор метр баромад, роҳи кӯҳӣ интиҳо ёфт *(Ш.Ҳ.)*.

3. Он шоҳи шуҷоъ гар бикашад тиру камонро,
Дар як кашишаш шашсаду шаш тир бидӯзад.
4. Дӯст оҳиста даст бурда ба меҳр,
Доғро пок мекунад аз чеҳр.

## *Дарсҳои 11–12.* ХУСУСИЯТҲОИ ЛУҒАВИИ КАЛИМА ВА ҲУСНИ БАЁН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Дурусту равон ва саҳеҳу беғалат ифода кардани фикр ба интихоб ва мавриди истифодаи калимаҳо, риояи таносуби маънои воҳидҳои луғавӣ ва тобиши маънои онҳо марбут аст. Ғалат кор фармуда шудани калима (хоҳ услубию хоҳ ғайриуслубӣ) бо сареҳ ифода шудани фикр монеъ мегардад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ин буд, ки маданияти сухан ифодаи дурусти воҳидҳои луғавиро мепазирад. Унсурҳои луғавиро дуруст ва бамаврид интихобу сара карда, истифода намудан лозим аст. Дар акси ҳол аз диди ҳусни баён камбудиҳо падид меоянд. Ин гуна нуқсонҳоро ба **ду гуруҳ** ҷудо кардан мумкин аст:

**1. Дар натиҷаи ба назар нагирифтани маънои калимаҳо.** Ин гуна нуқсон аз камбағалии захираи луғавии мутакаллим ва мукаммал надонистани маънои калимаҳо сар мезананд.

Масалан, дар ҷумлаи, **«Мардуми аз дуру наздик омада ба зиёрати мазор ҳар гуна ғаниматҳо меоварданд»**, калимаи **«ғанимат»** ба маънои нарзу ниёз кор фармуда шудааст, ки дуруст нест. Калимаи **«ғанимат»** маънои нақдина, пулу мол дорад, вале он чунин пулу мол аст, ки бо зӯрӣ ситонда шуда бошад ё нақдинаест, ки бе ранҷ ба дастояд.

Маънои луғатро надониста кор фармудан бештар дар он ҳолат рӯй медиҳад, ки калима аз забони дигар тарҷума шавад ва маънои он на ба ҳама маълум бошад.

Масалан, дар забони русӣ калимаи **«долг»** ду маънӣ дорад: 1) **вазифа**, 2) **қарз.** Тарҷумонҳо бо маънои дуюми ин калима иборабандӣ кардаанд: **қарзи шаҳрвандӣ, қарзи инсонӣ... Мудофаи Ватан қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст. Маълум аст, ки «мудофаи Ватан» қарз нест (маънои дуюми «долг»). Мудофаи Ватан вазифаи ҳар як шаҳрванд аст (мудофаи Ватан вазифа аст (маънои аввали «долг»).**

Баъзан нобаҷову бемаврид кор фармуда шудани воҳидҳои луғавӣ ба чашм мерасад.

Масалан, ҷумлаи « ... **ба ҳар кадомаш мувофиқи кирдорашон чораи сазовор дода мешуд»** (*Б. Азизӣ, «Ҳикояҳо»*) мантиқан дуруст нест, зеро ки ба касе барои рафтори муносибаш «чора мебинанд», на чора медиҳанд. Монанди ҳамин, дар ҷумлаи **«Қаблан тахтаи фахрӣ буд, баъдтар онро ба тахтаи эълонҳо иваз карданд»** истифодаи нобаҷои ибораи «иваз кардан» ба назар мерасад, чунки вай ба ҷойи ибораи **«табдил додан»** кор фармуда шудааст (аён аст, ки ҳамон тахтаи фахриро баъдтар ба тахтаи эълонҳо табдил додаанд).

Дар забон калимаҳое мавҷуданд, ки таркиби овозиашон ба ҳамдигар наздик аст ё ҳангоми талаффуз монанд мешаванд. Дар вақти ифодаи фикр ба ҷойи якдигар кор фармуда шудани онҳо, яъне калимаҳои ҳамрешаи гуногунмаъно (паронимҳо) ба чашм мера-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

сад, ки дуруст нест, чунки ин маънӣ боиси носаҳеҳ ва тира ифода гаштани матлаб мешавад.

Масалан, дар ҷумлаи зерин ба ҷойи феъли **«сарф кардан», «сарфа кардан»** навишта шудааст, ки мантиқан ғалат аст: **Баъд аз вафоти падар аҳли оила мероси аз ӯ боқимондаро сарфа карданд.**

Бояд гуфт, ки кор фармуда шудани калимаҳои шевагӣ, калимаҳои кӯҳна, калимаю ифодаҳои бегона, ки истифодаашон мувофиқи талаби меъёри забони адабӣ номатлубанд, боиси ба миён омадани ғалати луғат ва норавшон ифода ёфтани фикр мегардад: **Шоқосим рӯйи қолинчаи мо ёнбош карда буд. ... сарашро сила карда аз пешонааш мучӣ кард.**

*Чаппасар гаштам аз акси газиҳ,*
*Баъди даҳ хез карданаш дарёб.*

Феълҳои **«ёнбош кардан», «мучӣ кардан», «чаппасар гаштан»** хоси лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ буда, муродифҳои адабӣ дорад: паҳлӯ задан, бӯса кардан, баргаштан.

Ҳамин тавр, ҳусни баён талаб мекунад, ки ҳангоми ифодаи фикр калимаи матлубро интихоб намудан, маънои воҳидҳои луғавиро дониста кор фармудан ва тобишҳои маъноии онҳоро дар мадди назар доштан зарур аст.

**Машқи 24.** Ҷумлаҳои зеринро хонда калимаву ибораҳои нобаҷо истифодашударо, ки боиси серборӣ гаштаанд, ёбед. Онҳоро бо калимаҳои мувофиқ иваз карда, ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Дар ҷойи аз ҳама танги дара харсанге пеши роҳро банд карда буд. 2. Ӯ чанд рӯз боз алафи хушк ёфта наметавонист. 3. Дар як тарафи дӯкон зарфҳои аз гил сохташуда чида шуда буданд. 4. Дар ноҳияҳои кӯҳӣ борон меборад. 5. Ногоҳ садои тирхоликунӣ шунида шуд. 6. Консерти мусиқии кӯҳиро мешунавонем.

***Намуна:*** Дар ҷойи аз ҳама танги дара харсанге пеши роҳро банд карда буд. – Дар тангнои дара харсанге пеши роҳро банд карда буд.

**Машқи 25.** Ҷумлаҳои зеринро хонед ва гӯед, ки дар онҳо кадом калимаҳо зиёдатианд. Ҷумлаҳоро таҳрир кунед ва ба дафтар нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Шуморо ба гап намегирам, ки аз кори худ намонед. 2. Шоир хислати ғарибнавозии қаҳрамонро нишон додааст. 3. Ҳодисаҳои ба дарс наомадани талабагон кам шуд. 4. Корҳои обёрӣ кардани заминҳоро ба охир расониданд. 5. Онҳо дар иҷрои нақша саҳми арзандаи худро гузоштанд. 6. Воқеаҳои бетартибиро пешгирӣ кардан лозим аст. 7. Онҳо бо кори тартиб додани рӯйхат машғуланд.

**Машқи 26.** Ҷумлаҳои зеринро ханда, воҳидҳои луғавии нодуруст истифодашударо ёбед ва сабаби содир шудани нуқсонҳоро шарҳ диҳед .

1. Ҳангоми мутолиа хонандагони камтаҷриба, албатта, ба калимоти бороящ мавҳум дучор мешаванд. 2. Аммо ҳоло фақат дарди Шаҳлоро не, зебоии тани чун шабеҳи барфи гарднагирифтаи ӯро ҳам медидам *(М.Н.)*. 3. Барои заҳматҳои кашидаи чандинсола ба устодон изҳори миннатдорӣ мекунем. 4. Дар фасли зимистон махсусан бардаму солим парво намудани гӯсфандон хусусияти ба худ хос дорад. *(Г.)* 5. Инак, ҷавононро лозим меояд, ки ба таври глобалӣ андеша намоянд. 6. Карима аз зумраи он занҳои пешқадам аст, ки бори балегӯйии итоаткорона ва бардагиву бандагиро қабул накарда бар алайҳи ҳама анвои зумуроти касиф бо ҳар роҳу тариқа размидаанд... *(Г.)*.

## *Дарси 13.* КАЛИМАСОЗӢ ВА МАДАНИЯТИ СУХАН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Калимаҳо қолибҳоеанд, ки барои ифодаи маъниҳо истифода мешаванд. Азбаски маъниҳо (мафҳумҳо) назар ба миқдори калимаҳо зиёданд, барои пайдоиши калимаҳои нав эҳтиёҷ ба вуҷуд меояд. Забон бо мақсади таъмини эҳтиёҷи ба ифодаи маъниҳо доштааш ба калимасозӣ мепардозад. Ин маънӣ мувофиқи қонун ва қоидаҳои дохилии забон ба даст меояд.

Калимасозӣ воситаи асосии бойшавии таркиби луғавии забон мебошад. Калимаҳои наве, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, хоҷагӣ, инкишофу илму маданият ва монанди онҳо пайдо шудаанд, бо роҳи калимасозӣ сурат гирифтаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик тарз ва усулҳои гуногуни калимасозӣ ба назар мерасад. Тарзу усулҳои калимасозӣ дар давоми солҳо такмил ва инкишоф меёбад. Ҳар як усули калимасозӣ дар замони пайдоиш барои пурра кардани таркиби луғавӣ ба мақсади таъмини эҳтиёҷи ба калимаҳои нав доштаи забон ба вуҷуд меояд, бинобар ин дорои аҳамияти хосса мебошад.

Дар забони тоҷикӣ калимаҳои нав бо усулҳои калимасозии сарфӣ, сарфию наҳвӣ, луғавию наҳвӣ ва луғавию маъноӣ сохта мешаванд.

Дар байни усулҳои калимасозии забони тоҷикӣ усули сарфии калимасозӣ сермаҳсул аст. Усули сарфии калимасозӣ бо вандҳо сохта шудани калимаҳоро дар бар мегирад.

Дар усули сарфии калимасозии вандӣ дар натиҷаи ба созаи маънодор ҳамроҳ шудани вандҳои (аффиксҳои) калимасоз калимаи нав сохта мешавад. Дар забони тоҷикӣ пасванду пешвандҳои калимасози зиёде бо чашм мерасанд, ки ҳар кадоми онҳо дорои вазифаи муайян мебошанд.

Масалан, тавассути пасванди **-ӣ** дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳам исмҳои гуногун (шоҳӣ, сӯзанӣ, сабзӣ, сиёҳӣ, кабудӣ...) ва ҳам сифатҳои нисбӣ аз қабили либоси аскарӣ, меҳнати дастӣ, шоири самарқандӣ, хубони тошкандӣ, кишти тирамоҳӣ ва монанди инҳо сохта мешавад.

Яке аз шартҳои асосии маданияти сухан аз унсурҳои зиёдативу нодаркор холӣ будани калима мебошад. Вале, бидуни риояи ин шароит дар баъзе ҳолатҳо сӯйистеъмол шудани пасванди **-ӣ** ба мушоҳида мерасад.

Дар ҳолатҳое, ки матлабро бо худи исм ифода кардан мумкин аст, ба исм «пасванди **-ӣ**»-ро бемаврид илова карда, ибораҳои нодуруст ва гӯшхарош сохтаанд. Чунончи, ибораҳои **«беморхонаи қишлоқӣ», «кинотеатрҳои шаҳрӣ», «интизоми меҳнатӣ», «митинги мотамӣ», «комиссияи тафтишотӣ», «дарси такрорӣ» аз ҳамин қабиланд. Ҳол он ки ба ҷойи онҳо беморхонаи қишлоқ, кинотеатрҳои шаҳр, интизоми меҳнат, митинги мотам, комиссияи тафтишот, дарси такрор гуфтан,** яъне матлабро на бо сифати нисбӣ, балки бо худи исм ифода намудан мувофиқи мақсад аст.

Ҳоло бо ҷойи **«тамошобин»** калимаҳои **«тамошогар» ва «тамошочӣ»**-ро истифода мебаранд, ки ба назар аҷибу ғариб менамоянд. Пайдост, ки пасвандҳои **-гар**, **-чӣ** ба исмҳо пайваст шуда, амалиёт, машғулият ва хусусиятро ифода менамоянд, бинобар ин



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба калимаҳои фавқуззикр эътироз кардан лозим нест. Вале, дар ҷумлаи **«Оташи интиқомгирӣ дар дили ӯ афрӯхт»** калимаи **«интиқомгирӣ»** гӯшнавоз нест, зеро ки худи калима **«интиқом»** бе ҷузъигирӣ матлаби гӯяндаро ифода мекунад: **Оташи интиқом дар дили ӯ афрӯхт.**

Сабаби асосии пайдо шудани ин гуна исмҳои мураккаб бо исми амал сохтани калимаҳои мураккаб аст. Чунончи, калимаи «истифода» исми амал аст, яъне маънои **«истифода»** фоида бурдан мебошад. Аз ин рӯ, ба вай ҷузъи **«бар»** илова карда, тавассути пасванди **-ӣ** калимаи мураккаби **«истифодабарӣ»** сохтан ҷоиз нест. Ба ҷойи «Кӯпрук аз истифодабарӣ баромад», **«Кӯпрук аз истифода баромад»** гуфтан мувофиқи талаби ҳусни баён аст.

Монанди ҳамин, ба исми амал илова кардани ҷузъҳои **-кунӣ, -ёбӣ, -шавӣ, -диҳӣ** ҳам барои ифодаи саҳеҳи матлаб зарурате надорад. Мулоҳиза кунед: ташаккулёбии адабиёти тоҷик – **ташаккули адабиёти тоҷик**, ташаккулёбии ҷаҳонбинии нависанда – **ташаккули ҷаҳонбинии нависанда,** табассумкунии кӯдак – **табассуми кӯдак**, харидкунии ғалла – **хариди ғалла**, таълимдиҳии омӯзгор – **таълими омӯзгор**; обнашавӣ – **об нашудан**, ҳозирнашавӣ – **ҳозир нашудан** ва монанди инҳо.

Калимаҳои аслан арабие, ки дар вазнҳои тафъил ва тафаъул омадаанд, дар забони тоҷикӣ исмҳои амаланд: **ташкил, таъсис, такмил, тафтиш, таълим, табассум, тафаккур, табаррук, таассуб, таҷассум, такаббур, такаллуф** ва монанди инҳо. Бо ин гуна калимаҳо сохтани калимаҳои мураккаб аз қабили такмилдиҳӣ, тафтишкунӣ, тадбирбинӣ, табассумкунӣ, табаррукдонӣ, таҷассумдиҳӣ эҳтиёҷе нест.

Баъзан бо ҷузъҳои **«ангез», «карда» ва «омез»** истилоҳҳои вазнину носуфта ва дароз месозанд, ки қубҳи ҳусни баён аст. Истилоҳҳои **«барангезанда», «координатаи ҷамъбаст кардашуда», «формулаи умумӣ кардашуда»** аз ҳамин қабиланд. Ба ҷойи «барангезанда» ангеза гуфтан беҳтар аст. Дар ин ҳол маъно дигар намешавад, вале истилоҳ (калима) сабуктару хушоҳангтар мегардад. Монанди ҳамин, дар ибораҳои **«координатаи ҷамъбаст кардашуда»** ва **«формулаи умумӣ кардашуда»** феъли ёвари **«кардан»** дар шакли **«карда»** барзиёд ва нобарҷо кор фармуда шудааст, ки аз ин ибораҳо дарозу вазнин шудаанд. Ибораҳои мазкурро дар шакли **«координатаи ҷамъбастшуда», «формулаи умумишуда»** истифода кардан мумкин аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳамин тавр, на танҳо дар истифодаи воҳидҳои луғавӣ, балки дар кор фармудани соза (афикс)ҳои гуногун низ ба меъёри забони адабӣ риоя кардан, талаботи ҳусни баёнро дар мадди назар доштан зарур аст.

**Машқи 27.** Ҷумлаҳои зеринро аз назар гузаронед. Калимаву иборaҳои гӯшхарошро муайян намоед. Ҷумлаҳоро таҳрир карда ба дафтар нависед.

1. Ин шикастёбӣ ба ӯ таъсир кард. 2. Даҳ адад хона ба истифодабарӣ дода шуд. 3. Хостам, ки ба дарсдиҳии вай рафта гӯш кунам. 4. Ин хел мувофиқаткунонӣ боиси афзоиши маҳсулотбарории хоҷагии қишлоқ мешавад. 5. Ин шикастхӯрӣ калонтарин бемуваффақиятии онҳо буд. 6. Мӯҳлати ваколатдории ӯ тамом шуд.

***Намуна:*** Имсол аз таъсисёбии мактаб 30 сол гузашт. – Имсол аз таъсиси мактаб 30 сол гузашт.

**Машқи 28.** Иборaҳои зеринро хонед ва истифодаи нобаҷои пасванди **ӣ**-ро шарҳ диҳед. Шакли дурусти иборaҳоро ба дафтар нависед.

Ҳавои антарктидӣ, хати соҳилӣ, исми абстрактӣ, ядрои атомӣ, донишкадаи ботаникӣ, дарси ҷамъбастӣ, сухани конкретӣ, китобҳои лозимӣ.

***Намуна:*** пиряхҳои алпӣ – пиряхҳои Алп.

**Машқи 29.** Дар калима, ибора ва ҷумлаҳои зерин ба мавриди истифодаи нобаҷои пасванди **-гӣ** ва калимаи **«кӯҳӣ»** эътибор дода, шакли дурусти онҳоро ба дафтар нависед.

Доногӣ, зебогӣ, хатогӣ, устогӣ, бепарвоӣ, тобиши маъногӣ; Онҳо садкилогӣ пахта чиданд; таронаи кӯҳӣ, ноҳияҳои кӯҳӣ, мусиқии кӯҳӣ; Ин мамлакати кӯҳӣ роҳи оҳан надорад. Сохтмони ин роҳ дар шароити душвори кӯҳӣ анҷом ёфт.

***Намуна:*** ошногӣ – ошноӣ; донишкадаи кӯҳӣ – донишкадаи кӯҳшиносӣ; мардуми кӯҳӣ – мардуми кӯҳистон.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Дарси 14.* МЕЪЁРИ САРФИЮ НАҲВИИ ЗАБОН ВА ҲУСНИ БАЁН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Яке аз шартҳои муҳими ҳусни баён риоя намудан ба қоидаҳои сарфию наҳвии забон мебошад. Пайдост, ки ғалатҳо дастурӣ (сарфию наҳвӣ) ва услубӣ мешаванд.

Ба ғалатҳои сарфӣ нуқсонҳои шаклӣ, саҳеҳ ифода наёфтани маъноҳои дастурӣ, вайрон шудани таносуби маъно бо шакл ва амсоли инҳо дохил мешаванд. Чунончи, дар ҷумлаи **«Шоир бештар ғазалҳои ишқӣ нависондааст»** ба ҷойи феъли бевосита (навиштааст) феъли бавосита (нависондааст) истифода шудааст, ки дуруст нест. Дар ҷумлаи **«Хол бо воситаи китф ба шогирди кунҷков нигоҳе кард»** ибораи **«ба воситаи китф»** ифодаи тоҷиконаи фикр нест, зеро ки тоҷикон ин тарзи ифодаи нигоҳро истифода набурдаанд. Ин маънӣ, бешубҳа, натиҷаи таъсири ибораи русӣ (через плечо) мебошад, инчунин дар забони тоҷикӣ дар ин гуна мавридҳо **«ба қафо нигарист»** мегӯянд: Хол ҳайрон шуда ба қафо нигарист.

Дар ифодаи баъзе муносибатҳои дастурӣ пешояндҳо ихтисор шаванд ҳам, ба баёни матлаб осеб намерасад, вале баъзан ин гуна ихтисор боиси зуҳури ғалати услубӣ мегардад: ... писарча дорӣ, ӯро партофта рафтан дилат мешавад? (ба партофта рафтан). Масъаларо ба фоидаи кӣ ҳал карданашро медонад.

Дар мисоли аввал аз фурӯгузор шудани пешоянди **«ба»** ба маъно осеб нарасидааст. Вале, дар мисоли дигар хатои дастурию услубӣ содир гаштааст, бинобар ин ҷузъи тобеи ибораро дар алоқаи изофӣ пас аз масдар оварда, яке аз пасояндҳоро ихтисор кардан мумкин аст: Ба фоидаи кӣ ҳал кардани масъаларо медонад.

Як миқдор ғалатҳо дар натиҷаи бепарвоӣ ва беэътибории соҳибони забон нисбат ба ифодаи фикр сар задаанд. Дар баъзе навиштаҳо ба ҷойи воҳидҳои луғавии ифодагари ашё, ҳодисаву воқеаҳо истифодаи шарҳи онҳо ба чашм мерасад. Ин гуна ифодаи маънӣ ҷумларо пурбор, ифодаро дурушт кардааст, ки аз он ҳусни баён костааст.

Масалан, дар ҷумлаи **«Талаботи рӯз то рӯз афзояндаи халқро таъмин мекунем»**, ибораи «талаботи рӯз то рӯз афзояндаи халқ» аз ҳамин қабил ибораи гӯшхарошу пурбор аст. Дар ин ҷумла ба ҷойи **«талаботи рӯз то рӯз афзояндаи халқ»** ибораи **«талаботи рӯзафзу-**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**ни халқ»**-ро оварда, **«Талаботи рӯзафзуни халқро таъмин мекунем»** гуфтан кифоя аст.

Базан дар масъалаи мувофиқати хабар бо мубтадо низ ғалатҳо мушоҳида мешаванд. Чунончи, дар ҷумлаи **«Суҳбаташ ҳам асарҳояш барин пуртаъсиранд»** дар байни мубтадо – сӯҳбат ва хабар – пуртаъсиранд мувофиқати шахс дида шавад ҳам, дар шумора таносуб вайрон шудааст.

Мусаллам аст, ки пурсиш дар ҷумлаҳои саволӣ бо роҳу воситаҳои гуногун (оҳанги гуфтор, пурсишҷонишинҳо, ҳиссачаҳои саволӣ ва монанди инҳо) ифода меёбад. Вобаста ба талаботи фикр гоҳо бо ду восита – оҳанги пурсиш ва ҳисачаҳои саволӣ ифода кардан мумкин аст. Вале, бо пурсишҷонишинҳо омадани ҳиссачаҳои саволӣ дар забони тоҷикӣ ҳодисаи маъмул нест. Ҳангоми зуҳури ин ҳодиса ифодаи муғлақ ба назар мерасад ва ҳусни баён халалдор мегардад: Оё саргузашти Зайнаб нозукниҳоли мо аз чӣ иборат аст?

Бояд гуфт, ки ҳангоми ҷумлаоройӣ ба тартиби калимаҳо риоя накардан низ дар ҳусни баён нуқс меояд. Масалан, дар ҷумлаи **«Тарс забону ҳуш ва дасту пойи ӯро лолу карахт карда буд»** калимаи «лол» танҳо нисбат ба забон истифода мешавад, зеро ҳуш ва дасту по лол намешавад. Ин ҷумларо ба тариқи зайл овардан лозим аст: **Тарс забонашро лол, ҳуш ва дасту пойи ӯро карахт карда буд.**

Дар натиҷаи ба қолибҳои сарфию наҳвии ифодаи фикр риоя накардан ғалатҳои дастурию услубӣ на танҳо дар матбуот, балки дар асарҳои беадию илмӣ низ ба чашм мерасанд:

**– Хуш омадӣ, писарам, – гуфт ва маро ба пеши худ ҷой дода, як табақ палави оши ғайб доштааст, ки ба пеши ман гузошт.**

Тарзи дурусти ин ҷумла чунин аст:

**– Хуш омадӣ, писарам, – гуфт ва маро ба пеши худ ҷой дода, як табақ палави оши ғайбро, ки доштааст, ба пеши ман гузошт.**

**Мо ҳарду ба ноҳияи Ашт рафтем, ки пешакӣ ба он ҷо хабар надода будам.**

Ин ҷумларо ба тариқи зайл овардан мувофиқ аст: **Мо, ҳарду пешакӣ хабар надода, ба ноҳияи Ашт рафтем.**

Баъзе қолабҳои ҷумлаи содда, ки дар забони зинда мустаъмаланд, ба меъёри забони адабии гуфтугӯӣ (муошират) ва китобӣ мусоидат намекунанд, бинобар ин истифодаи онҳо боиси коҳиши ҳусни баён мегардад. Чунончи, ҷумлаи **«Ман ба дарбон ҳеҷ чиз**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**додагим не** «-ро ин тавр бояд таҳрир кард: **Ман ба дарбон ҳеҷ чиз надодаам.**

Калимаву ибора ва ҷумлаҳое, ки аз ҷиҳати сохт ва ифодаи маънӣ нуқс доранд, гӯшхарош буда, истифодаи онҳо боиси костани ҳусни баён мегарданд. Шоире суханони аз балоғату фасоҳат холиро ба хору хас ташбеҳ карда мефармояд, ки онҳоро ба одамони кар гуфтан ҷоиз аст, на ба сомеъ:

*Рӯйи дарёи суханро хору хас пӯшида буд,*
*Ин хасу хошокро ман бар карон андохтам.*

**Машқи 30.** Ҷуфти таркибу ибораҳо ва ҷумлаи зеринро мушоҳида кунед. Ҳамҷуфти дурусти онҳоро интихоб карда шарҳ диҳед. Бо таркибу ибораҳои дуруст ҷумла тартиб диҳед.

Нуқли наво – нуқлу наво, нархи наво – нарху наво, истеъдодҳои халқӣ – соҳибистеъдодҳои халқӣ, устои таъмири соат – устои соатсоз, боғи ҳайвонот – аҷоибхона ё ҳайвонотхона: Ӯ асар навишт – Ӯ асари худро навишт.

**Машқи 31.** Ҷумлаҳои зеринро хонед ва ба сарфу наҳви онҳо эътибор диҳед. Ғалатҳои содиршударо ислоҳ карда, шакли дурусти ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Мошини навбатӣ бо маводҳои гуногун аз вилояти Тошканд омад. 2. Инсон қудрати дидани ашёҳои дурро надорад. 3. Депутатҳо ... аз соати 10-и пагоҳӣ то соати 20-и бегоҳӣ ба қайд гирифта мешаванд. 4. Ҳар мактаб дикторҳои худро дорад. 5. Ҳар ҷо ки наравам, туро мебинам. 6. Вай дастони худро ба пушт болои ҳам гузошта миёнро қат карда меистод.

**Машқи 32.** Ҷумлаҳои зеринро хонед. Қолибҳои нобаҷои сарфию наҳвии онҳоро ёфта, шарҳ диҳед. Ҷумлаҳоро таҳрир карда, ба дафтар нависед.

1. Дар вилояти Самарқанд сел борид. 2. Гап фақат дар ба инобат гирифтани таклифу эродҳо нест. 3. Аз дину диёнат футӯҳ рафтааст. 4. Аз онҳо хабар додан зарууртар коре нест. 5. Падарам ду баробар арзон фаромадани харҷро фаҳмонд. 6. Ман бо маслиҳати вай агрономи кирмакпарварӣ шудам.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Дарси 15.* ТАКРОРИ МАВЗЎЪҲОИ ОМЎХТАШУДА

***Савол ва супоришҳо:***

*1. Чаро забон ҳодисаи ҷамъиятист?*
*2. Забон дар ҷомеа чӣ гуна вазифаро иҷро мекунад?*
*3. Чаро барои тозагӣ ва аз ҳар гуна олоишҳо нигоҳ доштани забон мубориза бурдан лозим аст?*
*4. Мавзўъ ва вазифаи **«Маданияти сухан»**-ро фаҳмонида диҳед.*
*5. Талаботи асосии илми маданияти сухан дар чист?*
*6. Фанни **«Маданияти сухан»** бо кадом соҳаҳои илми забоншиносӣ алоқа дорад?*
*7. Дар бораи таърихи маданияти сухан чиҳоро медонед?*
*8. Зимни ибораи **«риояи одоби сухан»** чиро мефаҳмед?*
*9. Калимаи **«меъёр»** дар илми забоншиносӣ чиро мефаҳмонад?*
*10. Меъёри забони адабӣ чист?*
*11. Дар бораи иртиботи маданияти сухан бо фанни **«овозшиносӣ»** чиҳоро медонед?*
*12. Хусусиятҳои овозҳои **«ў»** ва **«у»** дар чист?*
*13. Дар бораи аҳамияти зада ва оҳанги гуфтор чиҳоро медонед?*
*14. Дар хусуси мавриди истифодаи воҳидҳои луғавӣ фикратонро гўед?*
*15. Таносуби маъно ва тобиши маънои калима чист?*
*16. Муносибати ҳусни баёнро бо калимасозӣ шарҳ диҳед?*
*17. Исми амал чист?*
*18. Мавқеи исми амал ҳамчун ҷузъи исми мураккаб чӣ гуна аст?*
*19. Муносибати меъёри сарфию наҳвии забон бо ҳусни баён дар чист?*
*20. Қолабҳои сарфию наҳвӣ чӣ гуна қолабҳои забонанд?*
*21. Истифодаи бамавриди қолабҳои сарфию наҳвӣ дар чист?*

## *Дарсҳои 16—17.* БО НАВИШТАНИ ИНШО ТАКМИЛ ДОДАНИ МАҲОРАТИ СУХАНВАРӢ

**Машқи 33.** Маҳорати суханварии худро бо омода намудани дастури шабнишини адабию-бадеии «Ҷўянда, кушояндаи асрор – муаллим» равшан намоед.

**Машқи 34.** Бо интихобу корбасти калима ва ибораҳои муассир дар мавзўи дилхоҳ иншо нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Дарси 18.* НУТҚ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Забон маҷмӯи донишҳое мебошад, ки онҳо дар муоширати баёни одамон истифода шуда, берун аз ҳиссиёту хоҳиши мо вуҷуд дорад. Воҳидҳои забон чизи устувор ва тайёре мебошад, ки аз тарафи одамон мавриди истифода мегардад. Воҳидҳои забон барои он лозиманд, ки одамон бо воситаи онҳо фикр ва ҳиссиёти мушаххаси худро баён намоянд.

Одамон воҳидҳои муайяни забонро, ки дар шуури онҳо дар шакли тайёр ҷой доранд, гониста ба фикру ҳиссиёти шахсиашон омезиш медиҳанд. Ҳамин тавр, дар ҷараёни корбурди **воҳидҳои забон ифодаи маънои мушаххаси нутқ ба вуҷуд меояд.**

Нутқ воситаи амалӣ гардонидани забон аст. Нутқ воҳиди фардӣ буда, аз ҷумлаи он воситаест, ки касро ба сифати шахси ҷудогона нишон медиҳад. Воситаҳое, ки сарфи назар аз мақсадҳои мушаххас, навобаста аз хоҳишу ҳиссиёти одамон дар шуури мо ҷой дорад забон буда, вале воҳидҳои забоние, ки чун воситаи муоширати барои ифодаи мақсадҳои мушаххаси ҳар фард истифода мешаванд, **нутқ ном** дорад.

**Нутқи фасеҳ** дорои чанд аломатест, ки муҳимтарини онҳо чунинанд:

1. **Нутқи дуруст** – нутқе, ки мувофиқи меъёрҳои ҷорӣ, меъёрҳои мақбули умум гуфта ё навишта мешавад; 2. **Нутқи дақиқ** – нутқи равшан ва фаҳмо, нутқе, ки дар асоси риояи комили маънои калима, ибора ва ҷумлаҳо ба вуқӯъ пайвастааст; 3. **Нутқи бамантиқ** – нутқе, ки калима, ибора ва ҷумлаҳои он байни ҳам аз ҷиҳати маънӣ сахт марбут буда, якҷоя мазмуни муайянеро далолат мекунанд; 4. **Нутқи муассир** – нутқе, ки на фақат ба фаҳм, балки ба ҳиссиёт низ таъсир мебахшад; 5. **Нутқи муносиб ва бамаврид** – нутқе, ки мувофиқи шароит ва муносиби ҳоли мухотаб таҳрир ё адо мегардад.

Забони адабӣ вазифаи худро чун воситаи мубодилаи афкори одамон ба тарзи шифоҳӣ ва хаттӣ иҷро мекунад. Забони адабии хаттӣ (ё худ нутқи хаттӣ) назар ба шифоҳӣ, яъне нутқи шифоҳӣ устувор буда, оҳиста, тағйир меёбад. Ҳангоми ифодаи хаттии фикр имкони ба мулоҳиза интихоб ва сара карда гирифтани калимаҳо, шаклу воситаҳои дастурӣ, қолибҳои ифода вуҷуд дорад. Дар ин тарзи ифодаи фикр нигоранда ба истифодаи ҳар сухан аҳамият



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

медиҳад, ба таносуби маънои калимаҳо, мутобиқати шаклҳои дастурӣ ва пойдории мантиқии сухан эътибор медиҳад. Дар навиштаҷот ба кор бурдани он ҳама имконоти дастурию услубии оҳанги гуфтор, ки дар забони зинда мушоҳида мешавад, имконпазир нест, зеро бо ёрии он чанд аломати китобат ҳамаи маъною вазифаҳои оҳанги забони гуфтугӯро ба тарзи хаттӣ ифода кардан мумкин нест.

Аз ҳамин сабаб нигоранда тартиби муқаррарии аъзоҳои ҷумларо тағйир дода, ҷойи задаи мантиқиро кӯчонда, баъзе ҳиссаҳои ҷумларо такроран оварда кӯшиш мекунад, ки матлабро саҳеҳ, мукаммал ва пуртаъсир ифода намояд.

Мубодилаи шифоҳӣ одатан ба тариқи муколама сурат мегирад. Дар муколама унсурҳои оҳанг нақши худро мегузоранд. Мутакаллим оҳанги гуфторро тағйир дода, ба мазмуни ҷумла тобишҳои ғайризабонӣ (аз қабили имову ишора, ҳаракатҳои лабу даҳон, бинӣ, чашму абрӯ, ҷабин...) низ ба рӯшан ифода намудани матлаб мадад мерасонад. Барои аниқу рӯшан фаҳмидани мақсаду матлаби якдигар мароми сухан (ситуатсияи нутқ) низ ёрӣ мерасонад. Дар гуфтугӯ калимаву ибораҳои халқӣ, лафзҳои лаҳҷавӣ, суханҳои дурушти кӯчагӣ, калимаву ифодаҳои бегона ва монанди инҳо ҳам мавриди истифодаи мутакаллим қарор мегиранд.

Ҳангоми ифодаи матлаб (ба воситаи ҷумлаҳо) дар ҳар ду тарзи ифода (шифоҳӣ ва хаттӣ) калима нақши арзанда дорад. Нутқи шифоҳӣ тавассути овозҳои нутқ сурат мегираду нутқи хаттӣ бо воситаи аломатҳои орфографӣ (имлоӣ) ифода мегардад.

Бояд гуфт, ки барои забондону сухансанҷ шудан донистани як миқдор калима ва аз бар кардани малака ва маҳорати баён кофӣ нест. Барои забондону сухансаҷ шудан мутакаллимро лозим аст, ки дар борои тағйири шаклу маъно кардани калимаҳо, ҷилоҳои маъноӣ ва мавридҳои истифодаи онҳо, таърих ва манбаъҳои пайдоиши калимаҳо, қолабу қоидаҳои калимасозӣ ва бисёр масъалаҳои дигари ба калимаву таъбирҳои рехта алоқамандро суботкорона омӯзанд. Дар ифодаи фикр фасеҳу балеғ будани ҳар шахс ба дониши амиқи забонии ӯ марбут аст. Нутқи ҳамон шахс возеҳу фаҳмо аст, ки ӯ аз воҳидҳои забон, қолибҳои гуногуни ифода ҳамон воҳидҳо ва қолибҳои сарфию наҳвиро интихоб намуда тавонад, ки онҳо барои ифодаи матлаби мутакаллим мувофиқу созгор бошанд ва аз онҳо равонию фасоҳати сухан халалдор нагардад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 35.** Ҷумлаҳои зеринро хонда ғалатҳои содиршударо муайян намоед. Шакли дурусти ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Собир ва Аҳмад ба мактаб рафтанд. 2. Аз соати 23 ва 27 дақиқа то соати 01 ва 13 дақиқа ба вақти маҳаллӣ замин паси ҳам шаш маротиба ҷунбид. 3. Аз даруни канали навкандашуда қадам заданд.

**Машқи 36.** Ҷумлаҳои зеринро аз диди маданияти сухан таҳрир кунед.

1. Ба шумо сарбаландӣ ва таманно орзу мекунам. 2. Ҳамаи ин корҳо мувофиқи талаботи баланди педагогӣ, лекин бо ба назар гирифтани имкониятҳои синнусолии кӯдакон бояд ба ҷо оварда шавад. 3. Ташкилоти назоратӣ аз болои аз тарафи давлатҳо иҷро карда шудани ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтагиашон ба таври доимӣ назорат мекунад.

**Машқи 37.** Порчаи зеринро хонед. Гӯед, ки вай ба кадом навъи нутқ тааллуқ дорад. Дар ин порча кадом талаба ба нутқи фасеҳ риоя накардааст?

1. Йак одам бъдас, номъш Ёдгор бъдас. 2. Бад гуфтас: «Мара хъдо иқа тило-м наметийи. 3. Ҳаму шабу чоршанбе то маърғфарӣода мъноҷот кардас. 4. Бад хестас, тушоҳаш-а дар съноч гърифтас. 5. Бад ба пеши съноча рафтас, бад даромадас кор кардас. 6. Кор кардас ки йак ешък тило йофтас. 7. Бад даров рафтасъ съночъша такидас. 8. Съноча овардас пър каас.

**Машқи 38.** Порчаҳои шеъриро ифоданок хонда маънидод кунед. Гӯед, ки маънии онҳо ба кадом хусусиятҳои нутқи фасеҳ мусоидат мекунад.

*Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан,*
*Чу зар санҷидан он гаҳ харҷ кардан.*

***Низомии Ганҷавӣ***

*Аз азал то абад чи нав, чи куҳан,*
*Буд маҳкуми иқтидори сухан.*

***Мирзо Абдулқодири Бедил***

*Сухан мояи сеҳру афсун бувад,*
*Ба тахсис вақте ки мавзун бувад.*

***Абдураҳмони Ҷомӣ***

*Сухандони парварда пири куҳан,*
*Биандешад, он гаҳ бигӯяд сухан.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Мазан бетааммул ба гуфтор дам!*
*Накӯ гӯй, агар дер гӯйӣ, чӣ ғам.*

***Саъдии Шерозӣ***

*Супориши 1.* Дар порчаҳои шеърӣ бо чӣ мақсад корбаст намудани вожаҳои **«дарҷ – харҷ»**, **«куҳан – сухан»**, **«дам – ғам»**-ро маънидод кунед.

*Супориши 2.* Мафҳум ва тобиши маъноии калимаҳои **«маҳкум»**, **«афсун»**, **«тахсис»**, **«мавзун»**, **«бетааммул»**-ро ёдрас кунед.

## *Дарсҳои 19–20.* ФАСОҲАТИ КАЛОМ ВА ДАҚИҚБАЁНӢ

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Сухани балеғ суханест, ки на танҳо беғалат бошад, балки матлабро сареҳ ифода кунад. Вале, фасоҳат ва дақиқбаёнӣ ба интихоби воҳидҳои луғавии забон, ба равшании маънои калима марбут аст.

Масалан, дар ҷумлаи зерин калимае маънои матлубро ифода намекунад, бинобар ин мақсади гӯянда ба шунаванда пурра равшан намегардад: **Котиб таранг менавишт. Ба суханҳояш бо диққат гӯш дода фикр мекардам, ки оромгоҳе дар дунё ба ҷуз паҳлӯи модар ҷое нест.**

Дар ҷумлаҳои мазкур калимаҳои **«таранг»** ва **«оромгоҳ»** матлаби гӯяндаро саҳеҳ ифода накардаанд, зеро ки мутакаллим бо калимаи **«таранг»** ба навиштан саргарм шудани котиб ва бо воҳиди луғавии **«оромгоҳ»** ҷойи осоишу ҳаловат будани паҳлӯи модарро ифода кардааст. Вале ба маънои гӯристон низ маъмул будани **«оромгоҳ»** ва ба маънии саргарми коре будан маълум набудани калимаи «таранг» боиси саҳеҳ ифода нагаштани матлаби гӯянда гаштааст.

Аз ин мисолҳо маълум мегардад, ки дақиқбаёнӣ ба масъалаи сермаъноии калима низ марбут аст. Дақиқбаёнӣ инчунин ба тобишҳои нозуки маънӣ ва ба назар гирифтани ҷилоҳои ноаёни он сарфаҳм рафтанро тақозо мекунад. Чунончи, дар ҷумлаи «Абрҳои сиёҳ осмонро (фаро гирифтанд, иҳота карданд, печонда гирифтанд, пахш карданд)», аз ҳамаи феълҳои дар қавсайн овардашуда танҳо истифодаи феъли **«гирифтан»** дуруст аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Одатан дар матн чунин калимаҳо ҳамнишин мегарданд, ки ба якдигар таносуби маъно дошта бошанд.

Масалан, калимаҳои **«хок», «гард», «сурма», «чашм», «сиёҳ»; «хун», «сайд», «бисмил», «теғ»** муносибати наздики маъноӣ доранд, бинобар ин бо ҳамдигар алоқаманд шуда омада метавонанд:

*Ба хок афтода гарди сурмаи чашми сиёҳат ман,*
*Ба хун ғалтида сайди бисмили теғи нигоҳат ман.*

***Сайидои Насафӣ***

Дар ҷумлаи зерин риоя намудани таносуб дар он аст, ки калимаҳои **«ғалаба»** ва **«ошўб»** ҳамчун муродифи ҷуфт истифода шудааст, ҳол он ки ин ҷо ба ҷойи **«ғалабаю ошўб»**, **«шўру ғавғо»** гуфтан фикри мутакаллимро рўшан ифода мекард: Чашмам ғанаб бурдааст, як вақт ғалабаю ошўб ба гўшам омада, аз хобам бедор гаштам.

Ҷолиб аст, ки дар заминаи таносуби маъноӣ ва дастурии калимаҳо ба вуҷуд омадани ибораҳои рехта мушоҳида мешавад. Дар ин гуна ибораҳо бо вуҷуди тағйири ҷузъҳо маънои умумӣ фаҳмида мешавад, вале дар ҳусни табиии ифода халали андак ба назар мерасад. Чунончи, **«афсўс хўрдан»** ифодаи пухтаи гўшнавоз буда, аммо **«таассуф хўрдан»** хому гўшхарош аст, ҳол он ки ин ҷо як калимаи арабӣ (афсўс) дар шакли дигар (таассуф) истифода шудааст: Ў таассуф мехўрд, ки падари фарзандонаш рўзи муроди онҳоро надид.

Дақиқбаёнӣ дар услуби илмӣ эътибори калон пайдо мекунад, зеро маънои истилоҳи илмӣ чӣ андоза саҳеҳ бошад, моҳияти масъалаҳои мураккаби илмиро ба ҳамон андоза осон ва дақиқ ифода карда метавонанд. Вале бо чанд истилоҳ ифода намудани як мафҳуми илмӣ ба возеҳ шарҳ додани паҳлуҳои масъала халал мерасонад.

Калимаю ибораҳои зерин аз ҳамин қабил истилоҳҳо мебошанд: **сабкшиносӣ, услубшиносӣ; маданияти нутқ, маданияти сухан, ҳусни баён; бандаки изофӣ, изофат; ҷумлаи хабарӣ, ҷумлаи ҳикоягӣ; ҷонишинҳои саволӣ, пурсишҷонишинҳо** ва монанди инҳо.

Дақиқбаёнӣ дар забони ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва коргузории расмӣ мавқеи муҳим дорад.

Барои саҳеҳ баён намудани мақсад мувофиқи қоидаи маъмули забон алоқаманд кардани як калима бо калимаи дигар, дар ибора-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бандӣ ва ҷумлаороӣ аз байни силсилаи муродифот интихоб намудани қолибҳои мувофиқ аҳамияти муҳим касб мекунад.

**Шаби муаттари баҳор буд. Осмон чодари абрӣ гирифта буд. – Шаби баҳор бошад ҳам, осмон чодари абрӣ гирифта буд.**

Такрори бемавриди калимаву иборaҳо низ ба саҳеҳ ифода кардани фикр халал мерасонад: Ин порча бо ҳиссиёти баланд навишта шудааст у дар он ҳаяҷону изтироби мардум дар давраи ҷанг тасвир ёфтааст.

Ҳамин тавр, дақиқбаёнӣ яке аз воситаҳои муҳими ҳусни баён буда, риояи талаботи он боиси рӯшан, фаҳмо ва мӯъҷаз баён намудани фикр мегардад.

**Машқи 39.** Ҷумлаҳои зеринро хонда, калимаҳои пурбору гӯшхарошро ёбед. Онҳоро сабукбору гӯшнавоз карда, ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Вазорати нав ташкилшуда ҳанӯз корҳои худро сомон надодааст. 2. Ӯ баргҳои шамол овардагиро рӯфта истода буд. 3. Дар ин дӯконҳо матоъҳои бо даст бофташуда бисёр буд. 4. Ин кас ҳоло ҳам техникаи сохташ кӯҳнашударо кор мефармоянд. 5. Як одами қадаш баланд ва пойҳояш дароз даромада омад.

**Машқи 40.** Иборaҳои зерини ба соҳаҳои қарокӯлпарварӣ марбутро мушоҳида карда, мулоҳизаатонро гӯед. Онҳоро таҳрир карда ба дафтар нависед.

Маҳсулоттайёркунии яквақта, камҷилоии нӯги мӯй, пашми чиркини мушхордору илатнок, истеҳсоли мӯйинакорӣ.

***Намуна:*** баҳаммонандии экизакҳо – шабоҳати дугоникҳо (дугоникҳои шабеҳ).

**Машқи 41.** Ҷумлаҳои зеринро хонда, ғалатҳои содиршударо муайян кунед. Ғалатҳоро ислоҳ карда, шакли дурусти ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Мехоҳам чанд андешаҳои худро пиромуни ин масъала баён созам. 2. Фосилае нагузашта мурғи фӯлодин ба ҳаво мехезад, синаи абрҳои ғафсро дарида ба фазои нилобӣ мебароянд. 3. Қуллаҳои аз бешазор болои кӯҳ наботот надоранд, онҳоро сангрезаҳо пӯшидаанд. 4. Кӯдаке ба олам чашми худро кушод. 5. Халқияти адабиёт боз барҷастатар ифодаи худро ёфтааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# *Дарси 21.* РИОЯИ МАНТИҚИ СУХАН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Яке аз хусусиятҳои фасоҳати калом ба мантиқи сухан риоя кардан мебошад. Зотан мантиқи сухан ба таносуби маънои калимаҳо вобаста аст. Мантиқи сухан зуҳуроти муносибати қавии нутқ бо тафаккур буда, дар воҳидҳои наҳвии забон аҳамияти калон пайдо мекунад. Ин чунин маънӣ дорад, ки муносибати қавии нутқ тафаккур дар алоқамандии маънои калимаҳо дар ибора, калимаю ибораҳо дар дохили ҷумлаи содда, ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ва ҷумлаҳои соддаю мураккаб дар воҳидҳои томи наҳвӣ зоҳир мегардад. Бунёди мантиқи суханро чун инъикоси ҳақиқии ҳастӣ инъикоси ашё, аломату хусусият, таъсиру ҳаракти он дар мафҳум ва далолати калима ба мафҳум ташкил медиҳад. Ғалатҳои мантиқӣ дар натиҷаи риоя намудани ҳамин гуна муносибати калима ба мафҳуми предмет, аломат, амалу ҳолат рӯй медиҳад.

Масалан, дар ҷумлаи **«Самараи меҳнаташ ҳам бенатиҷа нест» матниқан дуруст нест, зеро ки маҳсули ранҷ (чунон ки ниҳоли парваришдида оқибат бор меоварад) худ самараи меҳнат аст.**

Духӯрагии маънои калима ҳам ба пойдории мантиқи сухан халал мерасонад. Чунончи, калимаи **«шӯриш»** дар забони ҳозираи тоҷик ба маънои **«ошӯб»** маъмул аст, вале С. Айнӣ ин калимаро ба маънои **«ба шӯр омадан»** кор фармудааст: ... **Ин шӯриши Арбоб Камол ба ту ва туро заданаш аз дилсӯзӣ аст.**

Дар аъзоҳои чида ҳам таносуби маънои калима ба назар гирифта нашавад, ба мантиқи сухан осеб мерасад: **... худатон хабар доред, ки мо бо ҳамроҳии калоншавандагони қишлоқ чанд бор ҳилаю ҳуҷумҳо кардем** ... *(Б.А.)*. Дар ин мисол феъли **«ҳила кардан»** бо **«ҳуҷум кардан»** муносибати маъноӣ надорад, бинобар ин чида шуда омада наметавонад, яъне калимаҳои номаънус (унс нагирифта) мебошанд.

Дар алоқамандӣ бо ҳамдигар кор фармудани калимаҳое, ки маънои акси якдигарро ифода мекунанд, яъне оксюморон, аз ҷиҳати таносуби маъно ва хусусиятҳои услубӣ суханони номаънусро ба хотир меоваранд. Оксюморон ду тарз истифода мешавад: бидуни ихтиёри гӯянда ва дидаю дониста. Натиҷаи ҳолати аввал ғалати мантиқист:

Ӯ дар заводи пахтатозакунӣ, ки шароиташ хеле бад, рӯзи кориаш 12–14 соат ва тозагиаш хеле ифлос буд, се сол кор мекунад



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*(Аз рўзнома)*. Аммо даниста ё қасдан алоқаманд намудани чунин калимаҳо бо ягон ғараз воқеъ мегардад.

Масалан, дар ҷумлаи зерин нигоранда ҳоли «парешон»-ро дар ҷойи аслиаш (пеш аз хабар) наоварда, пеш аз пуркунанда истифода бурдаст. Бо ин ҳодиса диққати хонандаро ба вай (ба ҳоли «парешон») ҷалб кардан хостааст: Кампир парешон атрофи хонаро аз назар гузаронд.

Дар мисолҳои зерин ҷойи аъзоҳои ҷумларо бесабаб тағйир додаанд: **Зичии ниҳолҳои пахта баробар таъмин карда шудааст. Маҳз натиҷаи мусобиқа буд, ки ҳар ду бригада аз иҷрои нақшаи солона бомуваффақият рапорт доданд.** Калимаҳои **«баробар»** ва **«бомуваффақият»** ба вазифаи ҳоли тарз (агар аз рўйи ҷой ҳукм карда шавад) омада, аломати амалҳои **«таъмин карда шудааст»** ва **«рапорт доданд»**-ро шарҳ додаанд, ҳол он ки ғарази нигоранда дигар аст: Зичии ниҳолҳои пахта якхела аст; маҳз натиҷаи мусобиқа буд, ки ҳар ду бригада аз иҷрои муваффақиятноки нақшаи солона рапорт доданд.

Гоҳо риоя нашудани муносибати маъноии ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаб ва воҳидҳои томи наҳвӣ мушоҳида мешавад. Бо ҷонишинҳо ишора кардан ба фоил ва мафъули амал, ки дар ҷумлаи аввал ба тарзи мушаххас ном бурда шудааст, ҳамеша ба шахс ё предмети матлуб ба таври саҳеҳ далолат карда наметавонад: Ашъори Мирзо Турсунзода ҳудудҳо ва садҳоро намедонад. Вай (ашъор ё Мирзо Турсунзода) ба осонӣ онҳоро (маълум, ки ҳудудҳо ва садҳоро) ба қафо гузошта фатҳи дили ҷаҳониёнро (?) мекунад (Аз китоби «Армуғон»). Фикрҳои гуногун бояд бо ҷумлаҳои ҷудогона ифода гарданд; бо тарзи сунъӣ васли як ҷумлаи мустақил бо ҷумлаи дигаре, ки бо ҷумлаи аввал алоқаи маъноӣ ва муносибати дастурӣ надорад, ба осон дарк кардани моҳияти масъала монеъ мешавад. Гоҳо акси ин ҳолро дидан мумкин аст: Дар арафаи оғози машғулият мо ба ҳамаи ноҳияҳо барномаи таҳсил, номгўйи корҳои курсиро мефиристем. То ки одамон ба таҳсил нею ба истироҳат меоянд. Онҳо дар дасти худ ягон ҳуҷҷат, ягон мавод надоранд. (Дар арафаи оғози машғулият номгўйи корҳои курсиро фиристодем, то ки одамон бо маводи зарурӣ оянд, вале онҳо гўё ба таҳсил нею ба истироҳат меомада бошанд, бе ягон ҳуҷҷат меоянд).

Ҳамин тавр, мантиқи сухан яке аз талаботи қавии нутқи фасеҳ аст. Мантиқи сухан зоҳиршавии муносибати қавии нутқ бо та-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

факкур буда, ба таносуби маънои калима, риояи ҷойи аъзоҳои ҷумла ва ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб марбут аст.

**Машқи 42.** Ҷумлаҳои зеринро хонда, ба мантиқи сухани гӯянда эътибор диҳед. Ғалатҳоро ислоҳ карда, ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Ғазалҳои вай содда, равон ва дилкаш буда, ҳиссиёти хонандаро ба худ мекашад. 2. Шоҳмирзо мувофиқи супориши духтур хобгоҳ ва либосҳоии ӯро ба қадри имкон покиза нигоҳ медошт. 3. Аммо ҷойи мувофиқ барои пинҳон намудани ҷавон пайдо намешуд. 4. Ин кор қарзи инсонии мост. 5. Зеҳн дар ҷое ки бошад дилписанд / То шавад овози, гуфторат баланд *(М.Т.)*.

**Машқи 43.** Ҷумлаҳоро хонда, ба маънии калимаҳои **«боло», «қарз», «кор», «мағз», «хурсандӣ»** эътибор диҳед. Гӯед, ки оё мавриди истифодаи онҳо мантиқан дурустанд. Ғалати ҷумлаҳоро ислоҳ карда ба дафтар нависед.

1. Дар болои ракетаҳои кайҳонӣ намунаҳои хоки моҳ мавҷуданд. 2. Дар болои самолёт даҳ пассажир буд. 3. Аппарат ба болои вертолёт гирифта шуд. 4. Мутахассисон дар кори сохтмони стансияи электрикии обӣ ёрмандӣ медиҳанд. 5. Ин кас аз мағзи нохун чирк мекофтааст. 6. Ин хабарро шунида, аз хурсандӣ сараш ба осмон расид.

**Машқи 44.** Байтҳои зеринро ифоданок хонда маънидод кунед. Гӯед, ки маънои онҳо ба кадом хусусияти мантиқи сухан мусоидат менамояд.

*Бо ақлу фаҳму дониш доди сухан тавон дод,*
*Чун ҷамъ шуд маонӣ гӯйи баён тавон зод.*

***Ҳофизи Шерозӣ***

*То мард сухан нагуфта бошад,*
*Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.*

***Саъдии Шерозӣ***

*Он беҳ, ки нагӯйӣ, чу надонӣ сухан, зеро-к,*
*Ногуфта басе беҳ бувад аз гуфтани расво.*

***Носири Хисрав***

*Сухан, ки нест дар ӯ дард, теғи беоб аст,*
*Забон хушк шавад, Соиб, аз насиҳати хушк.*

***Соиби Табрезӣ***

4 – 18-266



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Дарсҳои 22–23.* САЛОСАТИ СУХАН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Салосат ба истилоҳ равонии калом аст, дар он алфози сақил (вазнин, гарон) набошад. Салосати калима ва таркиби овозӣ, таносуби байни садоноку ҳамсадоҳо, ҳамнишинии овозҳо вобаста аст. Овозе новобаста аз он ки садонок аст ё ҳамсадо, дар таркиби калима бо тарзҳои гуногун такрор шуда меояд, ки ин ҳодисаи овозӣ баъзан боиси бо душворӣ талаффуз гардидани калима ё сақолат мегардад: **тамлият, Тутқавул, Даҳанакшик, қуққуроқ, кўшиш, савсан** ва монанди инҳо.

Баъзан таносуби овозии таркиби ин гуна калимаҳо дар натиҷаи илова шудани созаҳои шаклсозу калимасоз аҳамияти калон пайдо мекунад, зеро бар замми овозҳои дар реша ё асоси калима такроршуда тавассути овозҳои ҳамхели соза такрори дигар рўй медиҳад, ки ин маънӣ ба салосати калима бетаъсир намемонад: **кўшиш – кўшишаш, тут – тутат....**

Ҳамнишини ҳамсадоҳо бо ҷуфти ҷарангдор ё беҷарангашон низ боиси талаффузи душвор мегардад: **кафк – кафкгир, кабуд – кабудтоб, барф –барфвор, гелос – гелосзор, об – обпар....**

Такрори ҳиҷоҳои якхела ё пайвастҳои овозӣ дар аввал, байн ё охири калима низ боиси дуруштии талаффуз мегардад: **ба – бандак, бо – бор, сафедор – дор...** ҳатто дар сурати тағйир ёфтани садоноки яке аз ҳиҷоҳои муштарак ҳам носуфтагӣ дар калима боқӣ мемонад: **бе – бор, ба – бор, дар – дор** ва ғайра.

Дар таркибҳои исму пешоянд низ таносуби овозҳои садоноку ҳамсадо ба назар гирифта мешаванд: ба Баҳодур, бе беда, дар даргоҳ, аз Азиз, бар барг, тангбар барин ва монанди инҳо.

Гоҳо ҳангоми ба калима васл шудани бандаки хабарии «аст» ҳам сақолат мушоҳида мешавад: серташаббус аст (серташаббусест). Сифати маҳсулот ҳанўз паст аст.

*Он арўс аст, духтарон, ин зан,*
*Ки дили ў бишуд мазори ишқ.*

***Ғаффор Мирзо***

Агар пас аз **пайвандки «ва»** калима бо ҳамин гуна пайвастҳои овозӣ оғоз гардад, суфтагии ифода халалдор мешавад: Маъно ва вазифаи нидо, Воҳид ва Вафо ва монанди инҳо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ҳассачаҳои «ҳам», «низ» (қувватдиҳанда), «фақат», «танҳо» (маҳдудӣ)** ҳам мутаносибан омадани калимаҳоеро тақозо менамоянд, ки дар аввал ё охири онҳо такрор шудани овозҳои ҳамхел рӯй надиҳад: **Адҳам ҳам, каниз низ ва монанди инҳо.** Дар таркиби калимаҳо такрор шудани овозҳои ҳамхел ба ҳусни баён осеб мерасонад: Он арӯсе, ки дӯш тӯяш буд. Ту бори гаронро ба назди хар ор. Дар мисоли аввал калимаҳои **«дӯш» –«тӯяш»** ва дар мисоли дигар унсурҳои луғавии **«бор» – «гаронро», «хар» – «ор»** ба салосати калом халол расонидаанд.

Бесабаб нест, ки ин гуна калимаҳои душворталаффузро дар бозии тезгӯяк бо мақсади бурро шудани нутқи кӯдакон истифода мебаранд: Дар болои теппача тӯтча. Ин тутча чӣ ту тутча?

Барои эҳтироз (худдорӣ намудан) аз сақолат усулҳои гуногунро истифода бурдаанд:

а) **пешояндро бо пасоянди -ро иваз кардаанд:** Кӯшиш мекунам, ки ба боварии коллектив сазовор шавам – ... боварии коллективро сазовор шавам.

б) **як созаи калимасозро бо дигаре иваз кардаанд:** Аз бобо бохабар бош – Аз бобо хабардор бош.

в) **ба ҷойи бандакҳои хабарӣ истифода бурдани феълҳои ёвар:** алоқаманданд –алоқаманд мебошанд...

г) **ҷойи ҷузъҳои ибора ё аъзоҳои ҷумларо тағйир медиҳанд:** Яке аз ҷумлаи солеҳон ба хоб дид подшоҳеро дар биҳишт ва порсоеро дар даруни дӯзах.

Нутқи салис ба диксия, ки бо дурустии вазъият ва фаъолияти узвҳои нутқи инсон вобастагӣ дорад, ба баландии овоз, ки ба дараҷаи фаъолияти садопардаҳо марбут аст, ба қувваи овоз, ки миқдори ҳавои аз шуш берун оянда ташкил медиҳад, инчунин ба суръати нутқ, ки ба зидди пайиҳам омадани овозҳо вобаста аст ва ба лаҳни овоз, ки обуранги ҳиссии ҷумларо ба вуҷуд меоварад, алоқаманд мебошад. Дар хониши бадеӣ ва қироати шеър ин ҳама омилҳои нутқ дорои аҳамияти хосса мебошанд.

**Машқи 45.** Мисолҳоро нависед. Сақолати дар онҳо содиргаштаро ёфта, ба зерашон хат кашед.

1. Аммо падарам ба баъзе чизҳои мактабдор навишта эътироз кард *(С.А.)*. 2. Саворон дар лаби ҳавзи калони аз резиши оби обшор ба амал омада пиёда шуданд *(Р.Ҷ.)*. 3. Хиромон худро бағоят бебоку беи-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бо вонамуд мекард *(Ф.М.)*. 4. Ку тадбирҳои андешида ва ё барномаи тарҳрезӣ кардашуда оиди кӯмак ба рӯзномаву маҷаллаҳои дар дами дари муфлисшавӣ қароргирифта? 5. Роҳбарони онҳо то ҳол аз қасди бо мо бо роҳи зӯроварӣ гуфтушунид кардан даст накашидаанд *(Аз рӯзнома)*. Ки гар хар наёяд ба наздики бор / Ту бори гаронро ба назди хар ор.

**Машқи 46.** Мисолҳои зеринро хонед ва овозу пайвастҳои овозиеро, ки боиси гаронии талаффуз гаштаанд, муайян кунед. Гӯед, ки онҳоро чӣ тавр ислоҳ кардан мумкин аст.

1. Зарифбек аз бача дар бораи ба куҷо рафтани Мардоншо пурсон шуд. 2. Ҳатто ҳамроҳ ҳам рафтан мумкин нест. 3. Хештанро хайр хоҳӣ, хайрхоҳӣ халқ бош. 4. Фақат фақирон аз сухан гуфтан ба бозаргон андеша мекарданд.

**Машқи 47.** Мисолҳоро навишта, овозу пайвастҳои овозиеро, ки боиси сақолат гаштаанд, ёбед. Роҳи ислоҳи онҳоро муайян кунед.

1. Ҳар, ду каси ба як дард гирифторшударо ба як палата, бу ду кати ба ҳам сар ба сар оварда хобониданашон бечиз набудааст *(Ф.М.)*. 2. Дар ҳамин фурсат Усмон бо рафиқони худ ба тарафи Ҳоит, ки маркази асосии ташкил шудани шӯришашон буд, меравад. 3. Вай марди боғайрат ва серташаббусест. 4. Шӯришҳои пай дар пайи халқ аз бисёр ҷиҳатҳо ба ин масъала алоқаманданд. 5. Ҳамчу ёбонҳои одамхӯр/ Ҳалқа дар гирди сайди худ бастаст.

## *Дарсҳои 24–25.* ҒАНОВАТИ СУХАН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Суханеро ғанӣ мегӯянд, ки маъниро дар заминаи луғати фаровон, имконоти васеи калимасозӣ, шаклу қолибҳои созгар фасеҳ ифода кунад. Калимаҳои серистеъмолу камистеъмол, сермаъно, силсилаи муродифҳои луғавӣ, фразеологӣ, калимасозӣ, воҳидҳои дастурӣ, таносуби лафзу маънӣ, имконоти услубии забон ва монанди инҳо ғановати суханро ташкил медиҳанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Муродифҳои луғавӣ, фразеологӣ, калимасозӣ, воҳидҳои дастурӣ як ҳиссаи пурбаҳои ғановати сухан мебошанд. Аз ин сарвати пурбаҳо дар услубҳои ҷорӣ ба андозаи гуногун истифода мекунанд: Ҳикояти аз ошноям шунидаамро ба ҳамсӯҳбатони худ нақл кардам. Хайр Андреич, акнун аз саргузашти худатон ҳикоят кунед. Феълҳои **«нақл кардан»** ва **«ҳикоят кардан»** муродифи ҳамдигар бошанд ҳам, бо тобиши маъно фарқ мекунанд: кас ҳодиса ва воқеаҳои дида ё аз сар гузаронидаашро ба шунаванда ҳикоят мекунанд, аммо воқеа ё ҳодисаи аз касе шунидааш ё аз ҷое хондаашро нақл мекунад.

Чунон ки ишора рафт, ғановати сухан муродифоти воҳидҳои фразелогиро низ дар бар мегирад. Ифодаҳои рехта бо калима ё байни худ муносибати ҳаммаъноӣ пайдо карда, домони имконоти саҳеҳ ва пурҷозиба ифода кардани фикрро фарохтар мегардонанд: Ба аҳли дарбор ҳадяҳо ва барги **сабз** додан лозим меояд.

Муродифи луғавӣ на танҳо бо воҳидҳои фразеологӣ ва унсурҳои калимасозӣ, балки бо воҳидҳои наҳвӣ – калима – шакл ваибораҳо низ аз рӯйи маъною вазифаи дастурӣ робита пайдо мекунад. Масалан, дар ҷумлаи зерин калимаи **«духӯра»** дар вазифаи хабари номӣ омада, бо ибораи **«ду тараф доштан»** ҳаммаъною ҳамвазифа шудааст: Чунон ки бештарини хобҳои ӯ духӯра буданд, инчунин хоби шаби гузашта дидааш ҳам ду тараф дошт, яъне ҳам ба хубӣ, ҳам ба бадӣ таъбир кардани он мумкин буд.

Дар калимаю ибораҳои муродифи **«гӯгирддона»** – **«донаи гӯгирд»**, **«охирин донаи гӯгирд»** – **«донаи охирини гӯгирд»** ҷузъҳо ва воситаҳои алоқаро тағйир дода ва тарзи ифодаи ду маъниро ҳосил кардан мумкин аст, ки бо якдигар муносабати муродифӣ ё қаринӣ доранд: 1. Қуттии гӯгирдро аз киса бароварда мебинед, ки дар он фақат **донаи охирин** мондааст. 2. Бо нақли саргузашти гӯгирддонаи вопасин чӣ гуфтанист. 3. Талош барои боздоштани ҷони бар лаб омада... 4. Саргузашти ӯ ҳамин гуна **охирин донаи гӯгирдро** ба хотир мерасонад.

Услубҳои гуногуни забон аз лиҳози ғановати луғавӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар силсилаи муродифҳои «донаи гӯгирд», **«гӯгирддона»** ва **«гӯгирда донааш»** ибораи аввал умумиистеъмол, дуюм маъмули забони адабии китобӣ ва охирин хоси гуфтугӯист.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Таносуби лафзу маънӣ ҳам ба ғановати сухан таъсир мерасонад. Ҳар калима ба мазмуни ҷумла маъние зам кунад, фикр мӯҷаз, пурмаънӣ ифода мегардад, баръакс, саҳми ҳамаи калимаҳои таркиби ҷумла дар ифодаи мазмун баробар набошад, калимаҳо айни як маъноро фаҳмонанд ё калимаҳое ҳам кор фармуда шуда бошанд, ки аз ихтисори онҳо ба музмун халале нарасад, ҷумла тафсил меёбад, вале ба мазмун маъние зам намешавад.

Дар мисраъҳои зерин ҳар як калима ба мазмуни умумии ҷумла маъное зам мекунад, бинобар ин ба сухани шоир чизе илова ё аз он кам кардан мумкин нест:

*Бихандад лола бар саҳро*
*Ба сони чеҳраи Лайло,*
*Бигиряд абр бар гардун*
*Ба сони дидаи Маҷнун.*

***Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***

Дар ин шеър танҳо пешоянди **«ба сони»** такрор шудааст, зеро ки нигоранда ду ҳолатро ба ду ҳодисаи табиат монанд кардааст. Зиёда аз ин, вазну таносуби овозии калимаҳо аз байни воситаҳои ёрирасони ташбеҳ фақат ҳамин пешояндро тақозо кардааст.

Агар калима бесабаб ва бемаврид такрор нашуда бошад (дар шеъри боло «ба сони»), ба камолоти мазмун халал намерасонад:

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.*

Дар ин байти машҳур феъли **«омӯхтан»** дар шаклҳои **«н-омӯхт»** (наомӯхт) ва **«н-омӯзад»** (наомӯзад) ду маротиба ва дар решаи калимаи **«омӯзгор»** такрор шуда омада бошад ҳам, ба мазмуни байт осебе намеоварад, зеро ки мувофиқи эҳтиёҷоти қолабӣ ифодаи фикр воқеъ гардидааст.

Вале такрори маънӣ, ки ҳангоми нутқ ё нигориш аз ғайри ихтиёри соҳибсухан ё аз кам будани захираи луғавии ӯ рӯй додааст, боиси пургӯйӣ ва коҳиши ғановати сухан мегардад: **9 майи соли 1945-ро дар ҳамин ҷо чун ғолибу фотеҳи зафарёр** ... **тантана мекунад** *(Аз рӯзнома)*. Дар ин ҷумла дар натиҷаи пайи ҳам овардани муродифи ҳаммаъно такрори маънӣ падид омадааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳамин тавр, ғановати сухан ба мутакаллим имкон медиҳад, ки матлабашро бе ҳеҷ мушкилӣ пурра ва фасеҳ, пуртаъсир баён кунад. Баръакс, камбағалии захираи луғат, надонистани сермаъноӣ ва тобишҳои маъноии калимаҳо, воқиф набудан аз роҳҳои гуногуни ифодаи як мафҳум ё фикр боиси муғлақ, якранг ва дилгиркунанда шудани сухан мегардад.

**Машқи 48.** Ҷумлаҳои зеринро навишта ба муродифҳои луғавӣ эътибор диҳед. Гӯед, ки онҳо бо кадом тобишҳои маъноиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

1... акнун вақти он аст, ки ҳаққи худро аз ин гурезпо ситонӣ, лекин ҳар вақт ки ҳаққи худро гирифтӣ, ҳаққи маро фаромӯш макун. *(С.А.)*.

2. Рост аст, ки камтар арақ хӯрдааам, аммо гапҳоямро хуб фаҳмида ва дониста гуфта истодаам. Ман дар аввали сухан ҳамин гапҳоро ба ту фаҳмонданӣ шуда будам, аммо ту нафаҳмидӣ ё фаҳмидан нахостӣ *(С.А.)*.

3. Аммо агар андешаи додарам Мухтор намебуд,эҳтимол дорад, ман бо вуҷуди ин ҳама мамониятҳо мегурехтам *(С.У.)*.

**Машқи 49.** Ҷумлаҳоро хонед. Воҳидҳои фразеологии истифодашударо аз назар гузаронида сабаби ғалатҳои содиршударо шарҳ диҳед.

1. Усто дасту панҷаашро бар зада ба сари касал рафт *(Б.Азизӣ)*. 2. Агар бо ман аз бинӣ боло гап зананд, бо онҳо мушт ба гиребон мешудам. 3. Мунаввархон, даҳ дастатон ҳунар-дия. Ҳамаи коратон табъи дил *(С.Ғанӣ)*. 4. Гоҳо абрӯҳояш бо як вазнинӣ ба рӯйи чашмаш афтода, аломати шодиро аз чашмони вай берун ва тумшуқи ӯро шӯриш менамуд *(Аз рӯзнома)*. 5. Ҳаваскорон барои мураттаб додани барномаҳои бой кӯшиш мекунанд *(Аз рӯзнома)*. 6. Дар вақти Муллоҳасратро ҳамчун муштзӯр аз ҷамъият рондан ҳам мавқеи якумро ҳамин Ҳасан бозида буд *(Б.Азизӣ)*. 7. Дар зарбулмасалҳо ташбеҳ, киноя ва маҷоз аҳамияти калон бозӣ мекунад *(Аз рӯзнома)*.

**Машқи 50.** Бо воҳидҳои фразеологии **«чойи сӯзан задан набудан», «дилро хун кардан», «дуд аз димоғ баромадан», «ба як пули пучак наарзидан», «чашми умед доштан»** ҷумлаҳо тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Дарси 26.* ҲУСНИ БАЁН ВА УСЛУБИЁТИ ЗАБОН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Забони адабӣ гавҳари забони умумихалқӣ буда, меъёри талаффузи калима ва баёни фикр, тарзи калимасозӣ, кор фармудани калима ва истифодаи шаклу қолабҳои ифодаро муайян намудааст.

Азбаски соҳаҳои фаъолияти одамон гуногун аст, дар марҳилаи муайяни тараққиёти ҷамъият аз забони умумӣ шохаҳои гуногуни забон падид омаданд, ки онҳо тадриҷан ба услубҳои ҷудогона (муошират, илмӣ, коргузории расмӣ, бадеӣ ва рӯзноманигорӣ) табдил ёфтанд.

Ҳиссаи асосии сарвати луғавии забон дар услубҳои гуногуни нутқ баробар кор фармуда мешавад, вале дар забон калимаю ифодаҳое низ кам нестанд, ки доираи истеъмолашон то андозае маҳдуданд. Чунончи, истилоҳоти илмию техникӣ бештар дар муҳовара ва навиштаҷоти олимон; аҳли касбу ҳунар дучор меоянд.

Бояд гуфт, ки сохти дастурии забон ба ҳамаи услубҳои ҷории забон баробар хизмат кунад ҳам, ҳангоми баёни матлаб аз унсурҳои шаклӣ, воситаҳои дастурӣ, қолабҳоиибораю ҷумла дар услубҳои ҷудогона ба тарзу андозаи гуногун истифода бурда мешавад.

Ин буд, ки яке аз талаботи ҳусни баён калимаю ифодаҳои ба услубҳои гуногуни забон мутааллиқро дуруст ва бомаврид истифода бурдан мебошад. Вобаста ба мақсади ифодаи фикр (муколама ё хабар додани ҳодисаю воқеаҳо ё ки таъсир расонидан ба мусоҳиб) воҳидҳои луғавӣ, фразеологӣ, дастурӣ ва тарзи калимасозии мувофиқ интихоб карда мешаванд. Аз ин рӯ, матлаб мубодила, гуфтугӯ ё муколама бошад, мақсад бо услуби муошират сурат мегирад. Агар ғараз мухобирот бошад муддао бо василаи услуби илмӣ ва коргузори расмӣ баён мегардад. Монанди ҳамин, барои ба хонанда завқи бадеӣ бахшидан ва ӯро муассир намудан нияти нигоранда тавассути услуби бадеӣ амалӣ мегардад.

Ҳамаи унсурҳои луғавию дастурии забон пайваста ба талаботи фикр ва меъёри услубҳои забон интихоб ва сара карда мешаванд. Масалан, барои кушодани моҳияти масъалаҳои мураккаби илмӣ талаб мешавад, ки ҳар як калима мафҳуми мушаххасро ифода кунад, бинобар ин истилоҳоти илмӣ дар ин услуб эътибори калон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

пайдо мекунад. Вобаста ба услубҳои забон истифода ва сара кардани калимаю ифодаҳо муайян мегардад.

Масалан, ороиши сухан, кор фармудани калимаю ифодаҳои маҷозӣ, ташбеҳҳои халқӣ, мукаммалтар истифода бурдани имконоти маъноии калимаҳо (сермаъноӣ, муродифот, ҳамгунаҳо, мутазодҳо, паронимҳо) яке аз аломатҳои хоссаи услуби бадеӣ аст, аммо дар услубҳои коргузории расмӣ аз чунин унсурҳои луғавӣ умуман кор намебаранд.

Ин ҷо бояд гуфт, ки барои ташкили услубҳои нутқ омилҳои ғайризабонӣ низ таъсири ҳалкунанда доранд:

**1. Муҳити муошират.**

Фаъолияти одамон дар ҳар риштаи зиндагӣ – дар ҳаёти маишӣ, илмӣ, адабӣ ва ғайра шакли хоссаи шууру ҷамъиятиро фаро мегирад. Онҳо ҳангоми мубодилаи афкор дар ҳар кадоми ин соҳаҳо яке аз шохаҳои услуби забонро истифода мебаранд. Чунончи, дар рӯзгор ва зисту зиндагонии ҳаррӯза услуби гуфтугӯӣ кор фармуда мешавад. Мубодилаи фикр дар бахши корҳои маъмурӣ ба воситаи услубӣ идорӣ сурат мегирад.

**2. Мақсади муошират.**

Одамон дар фаъолияти ҷамиъятӣ ҳамеша бо мақсади муайян ҳарф мезананд. Ин маънӣ водор менамояд, ки онҳо дар ҳар мавриd аз сарвати луғавии забон маҳз он воситаҳоеро интихоб намоянд, ки дар айни ҳол барои ифодаи муддао заруранд. Чунончи, ҳадафи адабиёти бадеӣ инъикоси бадеии воқеият, таъсир расонидан ба ақлу ҳиссиёти хонанда ё шунаванда мебошад. Ин маънӣ нигорандаро водор месозад, ки аз воситаҳои хушифода ва бадеии сухан зиёдтар истифода барад. Мақсади нутқи илмӣ ифода ва талқини маълумоти илмӣ дар асоси далел ва рақамҳост. Баёни ин маънӣ талаб мекунад, ки нависанда ё гӯяндаи он истилоҳҳои илмӣ, яъне воситаҳои ақлии суханро бештар истифода намояд.

**3. Мухотаби фикр.**

Нависанда ё гӯянда пеш аз ҳама, ин нуктаро ба назар мегирад, ки мухотаб, яъне хонандаи навиштаҳояш ё шунавандаи гуфтаҳояш, кист. Масалан, нутқи илмӣ дар ҳамаи бахшҳои илм барои онҳое нигаронида мешавад, ки дар ин бобат донишу малакаи зарурӣ доранд. Дар навиштаҷоти ба нутқи илмии оммавӣ марбут шахсоне дар мадди назар дошта мешаванд, ки дорои саводи миёна буда, барои дарку қабули ягон шохаи илм бо тамоми ҷузъиёти он пурра омода нестанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Омилҳои ғайризабонии мазкур дар ташкили ҳар ду шохаи услуби забони адабӣ чи услуби гуфтугӯйӣ ва чи услуби китобӣ хидмати муҳиммеро адо мекунанд.

Мувофиқи талаботи ҳусни баён ҳамаи гуфтаҳои болоро ба назар гирифтан зарур аст.

Забони адабӣ вазифаи худро чун воситаи мубодилаи афкор ба тарзи шифоҳӣ ва хаттӣ адо мекунад (ниг: ба мавзӯи «Нутқ ва хусусиятҳои он»).

**Машқи 51.** Порчаҳои зеринро бодиққат хонед. Ба воситаҳои луғавӣ, фразеологӣ, калимасозию наҳвӣ ва инчунин ба истилоҳи калимаҳои муҷаррад, пайдарҳамии ифодаи фикр эътибор дода, ба кадом услубҳои забон мансуб будани онҳоро муайян кунед.

1. – Бародарҳо... Ман ба шумо мегӯям, ки Собир бачаи бад нест. Вай ҷони одам...

– Э расо ғози сухана кашидӣ-ку!

– Вой мурам. Ин бача мағзи масъаларо кай мебароварда бошад?

– Хуш, ман мегӯям, ки вай ҷони одам. Барои чӣ ин тавр мегӯям? Чунки як бор маст шуда будам...

– Ҳа-ҳа-ҳа. Э намурӣ ту масхарабоз! *(Ф.М.).*

2. Яке аз он амалҳое, ки ходимони матбуот хеле дӯст медоранд, бо пасванди **-ӣ** ба сифат гардонидани исм аст. Дар мавридҳое ҳам, ки мақсадро бо исм адо кардан мумкин ва лозим аст, бо сабаби номаълуме, албатта, ба исм як **-ӣ** илова менамоянд. Эҳтимол, ин ҳам аз ҳамин хоҳиши вазнину дабдабанок кардани калимаю ибора сар зада бошад. Вале натиҷаи он ҳамин аст, ки бисёр ибораҳои дурушт ва нодуруст пайдо шудаанд *(М.Ш.).*

***Супориш.*** Яке аз порчаҳоро ба дафтар нависед ва аломатҳои ба ин ё он услуби забон далолаткунандаи порчаро шарҳ диҳед.

**Машқи 52.** Дорои унсурҳои луғавию дастурии кадом услубҳои нутқ будани ҷумлаҳоро муайян кунед.

Мошинаи сабукрав аз қишлоқи Суҷина гузашт. Ду тарафи роҳро кӯҳҳои баланд печонда гирифтаанд. Дар тарафи дасти чапи мо дарёи Зарафшон дар ғурриш аст. Дар он тарафи дарё дар тарафи дасти рости



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

он, роҳи Заҳматобод монанди як мори сафеди печдарпеч менамояд. Бо вуҷуди 12-уми ноябр будан ҳаво гарм аст...

Ин ҷо водии ободон аст. Доманаи кӯҳ ва канори дарё заминҳои ҳамвор буда, ҳама ҷоро кишти шолӣ фаро гирифтааст.

**Машқи 53.** Хусусиятҳои луғавию дастурии услуби бадеиро дар мадди назар дошта ҳикоя нависед.

## *Дарси 27.* ТАКРОРИ МАВЗУЪҲОИ ОМӮХТАШУДА

***Савол ва супоришҳо:***

*1. Нутқ чист? Фарқи нутқ аз забон дар чист? Мисол гӯед.*
*2. Кадом аломатҳои нутқи фасеҳро медонед? Номбар кунед ва шарҳ диҳед.*
*3. Кадом навъи нутқро нутқи хаттӣ меноманд? Мисол гӯед.*
*4. Дар хусуси нутқи шифоҳӣ чиҳоро медонед? Фикратонро бо мисолҳо фаҳмонед.*
*5. Фасоҳат ва дақиқбаёнӣ чист? Фикратонро бо мисолҳо асоснок кунед.*
*6. Дар бораи муносибати дақиқбаёнӣ бо услубҳои илмӣ ва коргузории расмӣ чиҳоро медонед? Фикратонро бо мисолҳо фаҳмонед.*
*7. Мантиқи сухан чист? Мисолҳо гӯед.*
*8. Ғалатҳои мантиқӣ дар натиҷаи чӣ зоҳир мегарданд? Бо мисолҳо фаҳмонед.*
*9. Кадом хусусиятҳои калима ба пойдории мантиқи сухан халал мерасонанд? Фикратанро бо мисолҳо асоснок кунед.*
*10. Оксюморон чист ва тарзи истифодаи онро бо мисолҳо эзоҳ диҳед.*
*11. Салосати сухан чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.*
*12. Салосати калима ба чиҳо вобаста аст? Фикратонро бо мисолҳо исбот кунед.*
*13. Барои аз сақолот худдорӣ намудан чӣ гуна усулҳоро кор мефармоянд? Фикратонро бо мисолҳо исбот намоед.*
*14. Нутқи салис ба чиҳо вобаста аст? Бо мисолҳо фаҳмонед.*
*15. Зимни ибораи* ***«ғановати сухан»*** *чиҳоро мефаҳмед? Фикратонро бо мисолҳо асоснок кунед.*
*16. Чиҳо ҳиссаи пурбаҳои ғановати сухан аст? Фикратонро бо мисолҳо сабит намоед.*
*17. Таъсири таносуби лафзу маънӣ ба ғановати сухан дар чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.*
*18. Кадом навъи такрор боиси коҳиши ғановати сухан мегардад? Фикратонро бо мисолҳо собит намоед.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*19. Дар ташкили услубҳои нутқ кадом омилҳои ғайризабонӣ иштирок мекунанд? Номбар кунед ва онҳоро шарҳ диҳед.*
*20. Муносибати ҳусни баён бо услубҳои забон дар чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.*
*21. Муносибати ҳусни баёнро бо услуби рӯзноманигорӣ дар мадди назар дошта, дар бораи ободии зодгоҳатон хабар нависед.*

## *Дарсҳои 28–29.* ИФОДАНОКӢ ВА ВОСИТАҲОИ ТАСВИР ДАР НУТҚ

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Адибон ба фасоҳату салосати сухан (равшании маъно ва суфтаву равонӣ) на танҳо дар назм, балки дар насри бадеӣ ҳам эътибор медиҳанд. Бо ёрии санъатҳои гуногуни лафзию маънавӣ образнок ва пӯшида баён кардани матлаб дар назму насри суннатии форсу тоҷик хеле ривоҷ ёфта буд.

Дар хондан ва ифодаи шеър, бахусус бархурдорӣ аз такя бар ҳарф ё луғат ва нуктаҳо асли матлабро ҷилвагар месозад, маънии байт низ (дар сурате ки калимаҳои дур аз зеҳн надошта бошад) худ ба худ равшан мегардад ва шунаванда ба бузургиҳои андешаи сароянда пай мебарад.

Ҳар гоҳ ё навиштаҳои якновохтро бихонем, талаффуз кунем, гумон намеравад, муассир ва омӯзанда ҷилва кунад ва ҳатто худи хонанда ҳам ба бетаъсирии он чӣ мехонад, таваҷҷӯҳ мекунад ва орзу дорад, кори хастакунанда ва бесуди худро ба зудӣ ба поён расонад.

**Машқи 54.** Матнро хонед, ҳозирҷавобӣ ва суханҳои бадоҳатан гуфтаи шоирони ширинкаломро номбар кунед. Гӯед, ки онҳо дар кадом мавзӯъ ва бо чӣ мақсад қувваозмоӣ намудаанд?

## БАДЕҲАГӮӢ ВА ҲОЗИРҶАВОБӢ

Яке аз рукнҳои ҳофиза ҳозирҷавобӣ, бадеҳагӯӣ ва бадеҳасароӣ аст. Касоне, ки дар ин фан машқ накарда бошанд, ба душворӣ дучор меоянд. Бархе одамон ё ба таносуби мавзӯъ, матолиби тоза (ба сурати назм ё наср) унвон мекунанд ва ҳофизаву дониши худро ҷилва меди-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳанд ё тавассути абёти пурмағзи гўяндагон сурудаи худро барои гуфтаи ў бамавқеъ меоваранд ва ба кўмаки иборате ё байте мақсаду матлаби хешро тақвият медиҳанд.

Масалан, ҳозирҷавобии суханофарин Фирдавсӣ бо шоирони забардаст Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ ки бо ғолибияти ў анҷом меёбад, чунин аст:

Мисраи **Унсурӣ**:
Чун оризи ту моҳ набошад равшан,
Мисраи **Фаррухӣ**:
Монанди рухат гул набувад дар гулшан.
Мисраи **Асҷадӣ**:
Мижгон-т ҳаме гузар кунад аз ҷавшан,
Мисраи **Фирдавсӣ**:
Монанди синони Гев дар ҷанги Пашан.

***Супориш.*** Қувваи ҳофизаи ҳозирҷавобӣ ва бадеҳагўйиатонро бо навиштани қисми зарбулмасалу мақолҳо равшан гардонед.

1. Кореро, ки худат наметавонӣ, ... . 2. Зебоӣ қудрат аст ва ... . 3. Бе занбўр асал гирифта наметавонӣ, ... . 4. Боигарӣ меравад, ... . 5. Барзаговро аз шоху ... . 6. Андеша нокарда гуфтан мисли ... . 7. Агар сирро се кас донад, ... . 8. Агар дудила ҳастӣ, ... . 9. Забон шамшери бурранда асту ... . 10. Як таҷриба беҳтар аз ... . 11. Оташро бо равған ... . 12. Палангу оҳу бо як ... 13. Аз гул мор заҳр ҳосил мекунаду ... . 14. Касе, ки сухани пирро гўш кунад, ... . 15. Агар дар хонаи ҳамсоя оромӣ бошад, ... .

**Қисми зарбулмасалу мақолҳо барои истифода:** маслиҳат мадеҳ, табассум шамшери он, бе кор – пул, номи нек мемонад, одамро аз забонаш медоранд, бенишон тир андохтан аст, пас ҳама мефаҳманд, беҳтараш ҳеҷ кор макун, сухан тири халанда, ҳафт насиҳатнома, хомўш карда намешавад, пайраҳа намегарданд, занбўр асал, сараш ба санг барнамехўрад, дар хонаи ту низ оромӣ аст.

**Машқи 55.** Бо маълумоти дар поён дарҷгардида шинос шавед. Пас аз он воситаҳои бедии порчаҳои шеъриро муайян намуда, мавқеъ ва аҳамияташро ёдрас кунед.

Мавзўи мақом ва манзалати сухан ва аҳамияти он дар ақидаҳои панду андарзии шоири ширинкалом Ҷалолиддин Румӣ мавқеи асоси-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ро ишғол мекунад. Ба ақидаи вай забон ё сухан қувваи аз ҳама тавоно ва буррост, тавассути сухан минбару дорро афканда, морро аз сӯрох берун овардан мумкин аст:

*Шунидам, ки бошад забони сухан,*
*Чу алмоси бурровy теғи куҳан.*
*Сухан бифканад минбару дорро,*
*Зи сӯрох берун кашад морро.*

Ӯ сухани бадро ба мори заҳрдор ташбеҳ додааст, бинобар ин, аз гуфтани сухани бад мардумро барҳазар доштааст:

*Сухан, к-аз лаби ноҳумоюн чаҳад,*
*Чу морест, к-аз хона берун чаҳад.*
*Нигаҳ дор худро аз ӯ, чун сазад,*
*Ки наздиктарро сабуктар газад.*

Сухани нек ба ёқут нисбат дода шудааст, ки дар вазн сабук ва дар арзиш қиммату гаронбаҳост:

*Чу ёқут бояд сухан безиён,*
*Сабуксанг, лекин баҳояш гарон.*

Аз нуқтаи назари Ҷалолиддин Румӣ қадри сухан аз забони нексуханон баланд ва аз гуфтори бадсуханон ва пасфитратон паст мешавад:

*Сухан гарчи бояд гаронмоятар,*
*Фурӯмоя гардад зи кампоятар.*
*Сухан, к-аз даҳони бузургон равад,*
*Чу некӣ бувад, достоне бувад.*

Роз ва асроре, ки аз даҳон берун рафт ва дар гӯшу даҳони дигарон нишасту парешон шуд, ба тири аз камон ҷаста шабоҳат дорад:

*Чу дар дил нағунҷад-т рози касон,*
*Куҷо ғунҷад андар дили дигарон.*
*Сухан, к-аз ӯ сиву ду дандон биҷаст,*
*Ба сию ду гӯшу дил андар нишаст.*
*Наояд дигар бора аз мардумон,*
*Сухан, к-аз даҳон ҷасту тир аз камон.*

**Машқи 56.** Матнро хонед ва бо назардошти мазмун саволу ҷавоби тарафайнро тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ЗАРОФАТГӮӢ ВА ШИРИНЗАБОНӢ

Дар ҷараёни суханварӣ гоҳ иттифоқ меафтад барои аз хастагӣ баровардани табъи шунавандагон ба овардани матолиби дилчасп ва хуб (ки ҳам мояи кушоиши хотир ва ҳам омӯзанда бошад) ниёз пайдо мекунем. Овардани чунин гуфторҳо, ки хоҳ дар сурати назм бошад ё наср ба суханвар имкон медиҳад, дар тарғиби шунавандагон тавфиқи фаровон бахшад ва даричаи тозае дар баробари гӯянда ва шунаванда кушояд.

Барои латифагӯӣ ва ширинзабонӣ наметавон меъёри қатъӣ ва муайян овард, суханвар худ бояд табиати маҷлис ва рӯҳияи интизороти шунавандагон ва пояи донишу биниши ононро дар назар бигирад ва аз маҷмӯи зароифу латоиф ва шӯхӣ, ширинбаёнӣ (Ба шарти он ки сабаби тамасхӯри дигаре нашавад ва ҳадафи шӯхӣ худи ӯ бошад), ки дар хотири худ барои чунон соате захира кардааст, бо ахлоқи умумӣ ва эҳтиром якеро интихобу бо беҳтарин сурате баён кунад.

Дар боби шӯхӣ ва тарзи иҷро, шароити он баҳои комили муфассал лозим аст ва дар ин ҷо бархе аз омилҳоеро, ки мӯҷибе мешавад ва шӯхии дилнишин ва муассир гардад, ном мебарем: маълумоти кофӣ, зеҳни қавӣ, ҳассосияти рӯҳӣ, мавқеъшиносӣ, ҳофизаи қавӣ, завқи ҳунарӣ, табъи зарифу риояти адаб, ахлоқи муҳимтар аз ҳама.

***(Аз китоби «Суханварӣ»).***

**Машқи 57.** Ҳикоятро хонед, мазмунашро баён кунед. Баъд аз он бо интихобу корбасти воситаҳои тасвир дар мавзӯи **«Сад дояи меҳрубон ба бӯйи модар нарасад»** матн тартиб диҳед.

Рӯзе ба ғуруру ҷаҳли ҷавонӣ бонг бар модар задам. Дилозурда ба кунҷе нишаст ва гирён ҳамегуфт:

– Магар хурдиатро фаромуш кардӣ, ки дуруштӣ мекунӣ?

### Қитъа:

*Чӣ хуш гуфт золе ба фарзанди хеш,*
*Чу дидаш палангафкану пилтан:*
*«Гар аз аҳди хурдӣ чу ёд омадӣ,*
*Ки бечора будӣ дар оғӯши ман,*
*Накардӣ дар ин рӯз бар ман ҷафо,*
*Ки ту шермардию ман пирзан»*

***(Аз «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ)***



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Дарси 30.* ТАНОСУБИ СУХАН БО ТАБИАТИ ЗАБОН ВА МАКОН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Сухан, ки қолаби андешаҳо ва падидаи табиӣ, лаззати маънавӣ дар вуҷуди одамист, бояд намудори мавқеъшиносӣ ва иҳотаи нотиқ бар мувофиқияти замону макон ва дар натиҷа посухгӯйӣ ба шунавандагон маҳсуб бошад. Ҳангоме ки бихоҳем нутқе барои ҷамъе эрод кунем, бояд бахусус, аз равоншиносӣ, ахлоқ, ҷомеашиносӣ мадад бигирем ва бо эътимод, одобу русуми орзуҳо, таълим ва тарбияти шунавандагон таваҷҷӯҳ дошта бошем.

Дуруст аст, ки мақсади асосӣ аз суханварӣ баёни маънавият аст, бо ин ҳама бояд донист, ки нерӯи ҷамъеро мутамарказ сохтан, барои афкори гӯяндагони ҷамъиятӣ ҳудуди муштарак ёфтан ва дар ин заминаҳо сухан гуфтан басе душвор ва заҳматталаб аст.

Суханвар пешопеш бояд ба хубӣ бидонад, ки чӣ мехоҳад бигӯяд, то аксари ҳозирон бо он ҳамоҳанг бошанду зимнан худ низ бо тамоми вуҷуд он матлабро дӯст бидорад ва дар он бора бо эътиқоди қавӣ ҳарф бизанад.

Сипас он чӣ ба забон меорад, бикӯшад, ки бо синну сол, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва динӣ, хонаводагӣ мустақиман мутобиқ бошад. Бинобар ин, ба ҷавонон аз пирӣ сухан гуфтан ва дар айни солхурдагӣ ва нотавонӣ худро барно ҷилва додан, на танҳо кори дуруст нест, балки сабаби хандаву истеҳзои дигарон хоҳад буд.

Ҳамчунин риояи таносуби макон ҳам нақши асосӣ дар суханварӣ дорад. Баъзан дар синфхона, ки барои фарогирии илму ахлоқ ихтисос дода шудааст, мумкин аст, кам шахсоне бошанд, ки хондану навиштан ва ошноӣ бо илму маърифатро амали шоиста пиндоранд.

**Машқи 58.** Матнро хонед, калимаҳои архиистии забони модариро номбар кунед. Мафҳуми ибораҳои **«пиндори нек», «гуфтори нек», «рафтори нек»**-ро ёдрас кунед.

Камолоти инсон, зинаҳои такмил дар зардуштия ба се асл (принсип): пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек асос меёбад.

Нахустин сифате, ки инсон дар зинаи аввал дар худаш бояд парварад, «аша ва ҳишта», ростию дурустӣ ва тартибу танзим мебошад. Фа-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

зилати мазкур тибқи «Авасто» қонунест, ки на танҳо инсон ва аҳли башарро, балки тамоми коинотро ба рушду инкишоф, ба сӯйи камолот мебарад.

Дуввумин зинаи такмил «ваҳу мана» – маниши пок аст. Он дониши касбист, ки туфайли таълим омӯхта, фурӯғи маниши пок ба вуҷуд меорад. Шахс ба воситаи таълиму донишомӯзӣ ба сифатҳои дигари ахлоқӣ ноил мегардад.

Чунон ки Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фармудааст:

*Марди адабро хирад физояду ҳикмат,*
*Марди хирадро адаб физояду имон.*

Саввумин зинаи такмил «хшатра вайра», яъне беғаразона ба кор андохтани тамоми қувва ба нафъи умум мебошад. Ҳар фард бояд нерӯи худро ба хидмату саодати дигарон сарф кунад. Масалан, барзгар бояд барои беҳбудии хонаводаи худ, султон барои некӯаҳволии халқи худ бикӯшад.

**Машқи 59.** Матнро хонед, идроку фаҳмиши хешро бо тартиб додани ҷумлаҳои соддаи мантиқан алоқадори забони адабии ҳозираи тоҷик баён кунед.

... Сардсухан мабош, ки сухани сард тухмест, ки аз ӯ душманӣ рӯяд. Ва агар (чи) доно бошӣ, худро нодон шумор, то дари омӯхтан бар ту кушода гардад. Ва ҳеҷ суханро машкан ва маситой, то нахуст айб ва ҳунари он туро маълум нагардад. ... Ва агарчи сухандон бошӣ, аз хештан камтар он намой, ки донӣ то ба вақти гуфтор ва кирдор пиёда намонӣ. Ва бисёрдон ва камгӯй бош, на камдони бисёргӯй, ки гуфтаанд, ки: Хомӯшӣ дуввумин саломатист ва бисёр гуфтан дуввумин бехирадӣ. Аз он ки бисёргӯй, агарчи хирадманд бошад, мардумони омма ӯро аз ҷумлаи бехирадон шиносанд ва агарчи бехирад касе бошад, чун хомӯш бошад, мардумон хомӯшии ӯ аз ҷумлаи ақл донанд. Ва ҳарчанд покравиш ва порсо бошӣ, хештанситой мабош, ки гувоҳии ту бар ту кас нашнавад. Ва бикӯш то сутудаи мардумон бошӣ, на сутудаи хеш. Ва агарчи бисёр донӣ, он гӯй, ки ба кор ояд, то он сухан бар ту вубол нагардад.

***(Аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус).***

***Супориши 1.*** Мазмуни таъбирҳои **«суханро машкан ва маситой», «ба вақти гуфтор ва кирдор пиёда намонӣ», «бисёрдон ва камгӯй бош», «покравиш ва порсо бош», «сардсухан мабош», «хештанситой мабош», «сутудаи мардумон бош»**-ро маънидод кунед.

5 – 18-266


*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Супориши 2.* Бо истифодаи **«Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаҳои «сардсухан», «кирдор», «маситой», «покравиш», «порсо», «хештанситой», «сутуда», «вубол»** -ро шарҳ диҳед.

**Машқи 60.** Матнро хонед ва фаҳмиши хешро дар хусуси фарқияти забони адабии навишт ва гуфтугӯи адабӣ баён кунед.

## ЗАБОНИ АДАБИИ НАВИШТ ВА ГУФТУГӮИ АДАБӢ

Байни забони адабии навишт ва забони адабии гуфтугӯ фарқ ҳаст. Бисёр чизҳоро он тавр ки мегӯем, навиштан мумкин нест ва баръакс он тарз ки менависем, гуфтан ҷоиз нест. Навишти адабӣ қоидаҳое дорад, ки на ҳамеша ба гуфтугӯи адабӣ татбиқ мешаванд. Гуфтугӯи адабӣ дар баъзе мавридҳо қоидаҳои сухани навиштаи адабиро риоя карда, дар баъзе мавридҳо хусусиятҳои лаҳҷаву шеваро нигоҳ медорад. Пас кадом хусусиятҳои лаҳҷаву шева дар гуфтугӯи адабии тоҷикӣ нигоҳ дошта шудааст? Ҳоло ба ин савол ҷавоб додан душвор аст, вале ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки масалан, ба ҷойи ибораи «**китоби Аҳмад**» аксаран **«Аҳмада китобаш»** мегӯянд. Азбаски ин шакл фақат ба як-ду лаҳҷа махсус набуда, ба забони умумии халқ дохил шудааст, онро дар гуфтугӯи адабӣ ҷоиз донистаанд, лекин дар навишт асосан **«китоби Аҳмад»** қабул шудааст.

Дар бисёр лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ садоноки «ӯ» мавҷуд нест. Бинобар ин талаффузи ин садонок дар гуфтугӯйи адабӣ ҳатмӣ ҳисоб намешавад.

Талаффузи бандакҳои феълӣ аксаран дар гуфтугӯи адабӣ ҳам мисли лаҳҷаву шева боқӣ мондааст. Чунончи навишти адабӣ ин аст: **рафта истодаам, рафта истодаӣ, рафта истодааст**. Аммо дар **гуфтугӯйи адабӣ ман рафта истодем, ту рафта истодӣ, ӯ рафта истодааст ё рафта истодаст** гуфтан ҳам ҷоиз аст.

Чаро талаффузи лаҳҷавии ин феълҳоро дар гуфтугӯйи адабӣ ҷоиз донистан лозим аст? Чунки ин феълҳо дар забони умумихалқӣ як шакли умумии талаффуз надоранд, талаффузашон дар ҳар вилоят аз ҳам фарқ мекунад.

Дар айни замон агар навишти адабии онҳоро дар гуфтугӯйи адабӣ низ ҳатмӣ шуморем, боз гуфтугӯй ранги сунъию ғайритабиӣ хоҳад гирифт. Ва ҳол он ки гуфтугӯ бояд табиӣ ва равон бошад, ҳиссиёти гӯяндаро ифода карда тавонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Вале бояд фаромӯш накунем, ки дар гуфтугӯйи адабӣ **«рафта истодиям»** (ба ҷойи **«рафта истодаам»**) ё **«рафта истодӣ»** (ба ҷойи **«рафта истодаӣ»**) ҷоиз бошад ҳам, **«рафсодакам»**, **«рафсодиям»** ҷоиз нест. Чаро? Чунки дар ин сурат яке аз калимаҳо ё ҳар ду калима (ҳам **«рафта»** ва ҳам **«истода»**) сахт шикастааст. Ин шакли вайрон аст, ки онро ба забони адабӣ роҳ надиҳем, беҳтар аст.

Аз ин ҷо яке аз шартҳои асосии гуфтори адабӣ ба миён меояд: калимаҳое, ки дар лаҳҷаву шеваҳо вайрон шудаанд, бояд ба шакли дурусти аслиашон ба гуфтугӯи адабӣ дохил шаванд. Масалан, **«миямун»** не, балки **«меҳмон», «амба»** не, балки **«амма», «тавоқ»** не, балки **«табақ», «худам»** не, балки **«хӯрдам»** ва ҳоказо.

Гуфтугӯи адабӣ бояд то ҳадди имкон аз таъсири манфии лаҳҷаҳо озод, аз таъсири мусбати онҳо баҳравар ва ба забони умумихалқӣ наздик бошад. Пеш аз ҳама, гуфтугӯи адабӣ ҳам мисли забони адабии навишт бояд тоза, дуруст, бурро ва хушифода бошад.

***(Аз «Забони мо ҳастии мост»-и М. Шукуров).***

**Машқи 61.** Истилоҳҳои навбунёди забони тоҷикиро дар сутуни аввал ва номҳои пешинаро дар стуни дуюм нависед. Кадоме аз онҳоро интихоб ва корбаст намудан амали дуруст ба шумор меравад.

## *Дарсҳои 31–32.* БО НАВИШТАНИ НАҚЛИ ХАТТӢ СОБИТ НАМУДАНИ МАҲОРАТИ СУХАНВАРӢ

**Машқи 62.** Матнро хонед ва бо назардошти мазмуну сарлавҳа нақли хаттӣ нависед.

### МЕҲМОН – АТОИ ХУДО

Одамро шинохтан, касеро пазируфтан нишонаи боодобист. Набояд гумон кард, ки меҳмон балои ҷон аст, баръакс бояд дар хотир нигошт, ки «меҳмон рӯзии худро бо худ меоварад» ё «меҳмон аз дар дарояд, ризқаш аз токча медарояд» ва эҳтирому лутфи ӯ марҳаму роҳати ҷон аст. Меҳмон касеро озор намедиҳад.

Меҳмон медонад, ки ба куҷо меравад, дари киро мекӯбад. Аз ин рӯ, агар меҳмон омад, ҳар ҳунареро, ки дар пазироӣ ҳаст, бояд ба кор



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бурд. «Нон пушти шиша молидан», яъне хасисиву лаимӣ кардан нишонаи ноодамист. Одоби расида дар он аст, ки меҳмоннавозии ҳар кас бо лутфу марҳамат, бо хурсандиву эҳтиром ва бо дасти кушод сурат гирад. Забони нарму ҳарфҳои дилнишин ба меҳмон писанд меояд. Гуфтаанд: «Бо забони хуш мор аз сӯрох дармеояд». Ҳатман дар назди меҳмон аз дашному носазо гуфтан ва амали ноҷо худдорӣ бояд кард. «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта макone дорад».

***(Аз китоби «Аз санг сахт, аз гул нозук»-и Юнуси Имомназар).***

## *Дарсҳои 33–34.* ТАНЗИМИ СУХАН Ё ХУД СУХАНПАЙВАНДӢ

***Танзими сухан ё худ суханпайвандӣ бо риояи омилҳои зерин ба амал меояд:***

**Омили аввал:** Даромади сухан – гуфтор, ғолибан даромад мехоҳад ва мақсуд аз даромад ин аст, ки гӯшҳо барои шунидан ва дидаҳо барои таваҷҷӯҳ кардан ба сухан омода шавад. Ҳангоме ки суханвар сухан оғоз мекунад, шунавандагон аҳволи мухталиф доранд.

Мумкин аст, касе зеҳни ишонро нисбат ба гӯянда ё матлабе, ки мехоҳад бигӯяд, махлут карда бошад. Ва басо мумкин аст, ҷойи воқеаи нисбат ба ӯ ва гуфтори ӯ асабонӣ, хашмнок ва мункир мешаванд. Гоҳе мешавад, ки гӯянда ё матлаби ӯро қобили таваҷҷуҳ намедонанд.

Ва гоҳҳо бараъкс, яъне шунавандагон нисбат ба гӯянда эътиқод доранд, муштоқи шунидани сухани ӯ ҳастанд, вале суханвар музтариб, рӯҳафтода ва хастадил асту ташнагони хешро сероб гардонида наметавонад. Агар қисми охири мавзӯъ бошад, даромад лозим нест.

Чун шунавандагон барои шунидани асли матлаб бесабранд ва тоқати шунидани пешгуфторро надоранд, баъзан муқаддимачинӣ зиён мерасонад. Дар ҳама ҳолат даромад барои ҷалб кардани диққати шунавандагон аст ва бояд бомаврид, муносибу бомавқеъ бошад. Табиӣ буда, тӯл накашад, ин ҷомеъро хаста кунад ва хориҷ аз мавзӯи гуфтор набошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Омили дуюм:** Тарҳи матлаб ва тақсими он.
**Омили сеюм:** Нақли воқеа. Ҳаким Низомӣ фармуда:

... Сухан бисёр дону андаке гӯй,
Якеро сад магӯ, садро яке гӯй.
Чу об аз эътидол афзун ниҳад гом,
Зи серобӣ ба ғарқ орад саранҷом.
Чу хун дар тан зи одат беш гардад,
Сазои гӯшмоли неш гардад.
Сухан кам гӯй, то бар кор гиранд,
Ки дар бисёр бад бисёр гиранд.
Туро бисёр гуфтан гар салим аст,
«Магӯ бисёр»-дашноми азим аст.
Сухан ҷон асту ҷон дар ҷони ҷон аст,
Магар чун ҷон азиз аз баҳри он аст...
Сухан гавҳар шуду гӯянда ғаввос,
Ба сахтӣ дар каф ояд гавҳари хос,
Зи гавҳар суфтан устодон ҳаросанд,
Ки қиматмандии гавҳар шиносанд...
Агарчи дар сухан, к-оби ҳаёт аст,
Бувад ҷоиз ҳар он к-аз мумкинот аст.
Чу битвон ростиро дарҷ кардан,
Дурӯғеро ҷӣ бояд харҷ кардан.
Зи кажгӯйӣ суханро қадр кам гашт,
Касе, к-ӯ ростгӯ шуд, мӯҳташам гашт.

**Омили чаҳорум:** Исботи муддао.

Исботи муддао ва ҳалли шаклҳо усули асосии суханварӣ аст. Беҳтарин дастур дар ин маврид мутолиаи навиштаҳои суханварони пешин, шунидан, дидани гуфтори суханварони забон аст. Бар замми ин завқу истеъдод лозим аст. Ҳуҷҷатҳо, далелҳои қавии муаасирро бо суратҳо ва ибороти мухталиф даровардан, ки ба хубӣ дар хотир нишинад. Яке аз омилҳои муассир кардани сухани суханвар садоқат мебошад ва Афлотун фазилати нотиқро дар ростгӯйӣ дониста, ҳамчунин шайх Саъдӣ мегӯяд:

*Ба сидқу иродат миён баста дор,*
*Зи томоту даъвӣ забон баста дор.*
*Қадам бояд андар тариқат на дам,*
*Надорад усуле, ки дам бар қадам.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бинобар ин каломе бар ҷон нишинад ва дар зеҳн бимонад, ки мухтасару муфид бошад ва аз садоқат ҳикоят кунад ва вазифашиносӣ, ҳусни тадбир бояд сардафтар, сухан, мутакаллим бошад. Агарчи ҳар фарде доираи завқу салиқаи хосса дорад, вале ба таври куллӣ дар гуфтор бо мардум, писандҳои муштараке ҳам дорад, аз ҷумла ба тозагӣ доштани мавзӯъ, мушаххас будани матлаб, рӯҳ доштани сухан, гуфтани суханони ошно, барангехтани рӯҳ, кунҷковӣ дар шунавандаган, аҳамияти ҳаётӣ доштани мазӯъ аз назари манфаатҳои шунаванда аст.

Дар ҳақиқат, равиши гуфтор, арзи матлабе, ки бар забон ҷорӣ мешавад (лаҳни баён, зеру бам, садои бомавқеъ, мавқеъшиносиву иҳотаи мавзӯъ) дар шунаванда таъсири мусбат боқӣ мегузорад ва нақши муфиди ин байтро наметавон инкор кард:

*Дарси муаллим ар бувад замзамаи муҳаббате,*
*Ҷумъа ба мактаб оварад тифли гурезпойро.*

Вале акси ин матлаб ҳам содиқ аст. Яъне агар барои касе ҳарфи суханвар бефарқу ҳаваси ӯ ба ҷойҳои дигар мутаваҷҷеҳ бошад ва ё бо ҷанҷолу ҳаракати бемаънӣ хотири парешонро барҳам занад ба гуфтаи шайх Саъдӣ бояд амал намуд:

*Фаҳми сухан гар накунад мустамеъ.*
*Қуввати табъ аз мутакаллим маҷӯй,*
*Фусҳати майдони иродат биёр,*
*То бизанад марди сухангӯй гӯй.*

Хулоса, маълум мешавад, ки нукта ё нукоти бадеъу тозае суханвар барои шунаванда ба арза доштааст ё на. Ин амал аз маданияти инсондӯстии шунаванда ва одоби ӯ гувоҳӣ хоҳад дод.

**Машқи 63.** Матнро хонед, матлаб ва тарзи ифодаи мубоҳисонро аз таркиби матн муайян намоед. Натиҷаи ду тарзи ифодаи ягонаро хотирнишин кунед.

## Ҳикоят

Чунон шунавидам, ки Ҳорунаррашид хобе дид бар он ҷумла, ки пиндоштӣ, ки ҳама дандонҳои ӯ аз даҳан берун афтодӣ ба якбор. Бомдод муаббиреро биёварданд ва пурсид, ки таъбири ин хоб чист? Муаббир гуфт: Зиндагонии амиралмӯъминин дароз бод, ҳама ақрабои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ту пеш аз ту бимиранд, чунон ки кас аз ту бознамонад. Ҳорун гуфт: Ин мардро сад чӯб бизанед, ки бад-ин дардноки̅ сухане дар рӯйи ман бигуфт, чун ҳама қароботи ман пеш аз ман ҷумла бимиранд, пас он гаҳ ман ки̅ бошам? Хобгузори дигар биёварданд ва ҳамин хоб бо вай бигуфт. Хобгузор гуфт: Бад-ин хоб, ки амиралмӯъминин дид, далел кунад, ки худованд дароззиндагонитар бувад аз ҳама қароботи хеш. Ҳорун гуфт: «Далелулақли воҳидун». Таъбир аз он берун нашуд, аммо аз иборат то иборот бисёр фарқ аст. Ин мардро сад динор бидиҳед.

***(Аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус).***

**Машқи 64.** Матнро хоед ва аз рӯйи мазмуни он саволҳо тартиб диҳед.

Абӯали̅ ибни Сино пас аз табобати бомуваффақияти амир Нӯҳ ибни Мансури Сомони̅ ба китобхонаи дарбор роҳ меёбад ва ба мутолиаи китобҳо мепардозад. Ӯ дар он ҷо ҳуҷраҳои бузург бо китобҳои зиёдеро дид, ки ба гуфти ӯ қабл ва пас аз он низ монандашро надида буд. Роҷеъ ба китобхонаи «Сивонул-ҳикмат» Абӯали̅ ибни Сино ба шогирдаш Абӯубайди Ҷузҷони̅ чунин нақл кардааст:

«Рӯзе аз ӯ (Нӯҳ ибни Мансури Сомони̅) иҷозат пурсидам, ки ба китобхонаи эшон дароям ва ба мутолиа ва хондани китобҳои тиб, ки дар он ҷост, бипардозам. Вай маро иҷозат дод ва вориди сарое шудам, ки хонаҳои бисёре дошта, дар ҳар як хонае сандуқҳои китоб болои ҳам чида шуда буданд. Дар як хона китобҳои илмҳои араби̅ ва шеър, дар дигараш китобҳои фиқҳ ва ҳамин тавр дар ҳар хонае китобҳои як илме ҷой дошт. Сипас феҳристи китобҳои пешиниёнро мутолиа намуда, он чиро, ки бад-он ниёз доштам, хостам. Китобҳоеро дидам, ки бисёр касон, ҳатто номашонро намешуниданд ва ман онҳоро на пеш аз ин ва на баъди ин надидам. Он китобҳоро хонда суд бардоштам ва андозаи дониши ҳар мардеро шинохтам».

***(Аз «Осори мунтахаб»-и Абӯали̅ ибни Сино).***

**Машқи 65.** Порчаҳои шеъриро хонед. Калимаҳои душворфаҳмашро шарҳ диҳед. Мазмунашро бо табдили матни насри̅ баён кунед.

*Се чиз бибурд аз се чизи ту мисол,*
*Аз рух гулу аз лаб мулу аз рӯй ҷамол.*

*Се чиз бибурд аз се чизам ҳама сол,*
*Аз дил ғаму аз рух наму аз дида хаёл.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

* * *

*Дар парда сухан нест, ки маълум нашуд,*
*Кам монд зи асрор, ки мафҳум нашуд.*
*Дар маърифатат чу нек фикре кардам,*
*Маълумам шуд, ки ҳеҷ маълум нашуд.*

* * *

*Зи гуфтору кирдор аз хӯйи зишт,*
*Касе надравад хуб, гар зишт кишт.*

***Абӯалӣ ибни Сино***

## *Дарси 35.* ТАЪСИРИ СУХАНРОНӢ БАР ҲАДАФИ ШУНАВАНДА

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Барои он ки шахс овози хушу форам дошта бошад, бояд озодона нафас кашида тавонад. Тарзи дуруст кашидани нафас омили асосии гуфтори хуб аст. Бинобар ин, агар хоҳед, ки садои хуш дошта бошед, бояд тарзи нафаскашии худро муоина ва мушоҳида кунед. Нафаскашии озод ва дуруст на танҳо барои овози хуб, балки роҳати қалбу шуши шумост. Бесабаб нест, ки ҳакимон тарзи нафаскаширо ашёи хоми сохтмони овоз ва такаллум донистаанд.

Агар нафаскашӣ дуруст бошад, овоз хеле ҷаззоб ва гарм мешавад. Яке аз муаллимони маъруфи овоз дар Италия дар таълимоти худ гуфтааст, ки нафаскашӣ бояд тавассути пардаи қафаси сина сурат бигирад ва ин ҳамон ҳолати нафаскашиест, ки инсон ҳангоми ба тахтапушт хобидан нафаси табиӣ ва озод мекашад.

Барои машқи аввал ба пушт хобида, нафаси амиқ бикашед, ба он дараҷае, ки дар ҳолати нафаскашӣ шона ва қабурғаҳоятон баланд нашавад. Дар натиҷаи иҷрои ин амал тамоми холигоҳи шушҳо аз ҳаво пур мешавад ва агар ба бозшавии устухонҳои сари сина монеъ гардад, шушҳо ба руйи пардаи сина фишор меоварад ва онро ба поён кашида, барҷаста месозанд. Агар дар чунин маврид ангуштони худро зери устухони қафаси сина ё дар поёни қабурғаҳо ба руйи шикам гузоред, ҳис мекунед, ки қафаси сина барҷаста гардидааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳар шаб қабл аз хоб ва ҳар субҳ қабл аз бархестан ба муддати панҷ дақиқа ҳамин тавр нафас кашед. Аҳамияти он пеш аз хоб дар он аст, ки асабҳоятон ором мешавад ва хастагӣ рафъ мегардад. Пеш аз бархестан бошад, асари он дар ин аст, ки тамоми рӯз хушҳолтар ва тару тозатар худро ҳис мекунед. Иҷрои он ниҳоят одӣ ва амали барзиёдро талаб наменамояд. Агар ин амал мунтазам иҷро шавад, на танҳо овозатон хушу форам хоҳад буд, балки мусалламан чанд солаке бар умратон низ зам хоҳад гашт. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, мегӯянд, ки умри хонандагони опера ва муаллимони овоз дароз аст.

Суханвар зимни ҳарф задан набояд суханро хоида ва шумурда баён намояд. Ҳар ҳарф ва ҳаракату имову ишораеро ба дурустӣ ва дар лаҳзае, ки муносиби он аст, бояд адо кард. Бояд табиӣ сухан гуфт ва бо завқу шавқи солим. Тундӣ ва оромии сухансароӣ низ дар мавқеаш аҳамият дорад. Албатта, на чандон ором ва бо таънӣ бояд гуфт, ки ҳавсалаи шунавандагон пир шавад.

Дар мавқеи муносиб бояд тавaққуф кард, то матлабе, ки баён мешавад, таваҷҷуҳи шунавандаро ба худ ҷалб намояд ва ӯро барангезад. Калимаҳо ва ибораҳоро якнавохт набояд гуфт, дар ҳар калима ба баъзе ҳаракат ва дар ҳар ҷумла ба баъзе калимаҳо такя ва қуввати махсус бояд лаҳни гуфтор ва савтиёт сарф кард. Масалан, дар ҷумлаи кутоҳ, ки «Ба шумо нома навиштам» агар неруи савтро ба калимаи «шумо» бидиҳед, маънӣ тафовут мекунад, то ин ки калимаи «нома»-ро таъкид намоед ва агар ба калимаи «навиштам» қувват бидиҳед, маънии дигар дорад.

Бинобар ин, ҳар матлаберо ба оҳанг ва лаҳни махсус бояд адо кард. Барои мисол ба қиёс бигиред: оҳанги ғазаб, ҷангу низоро бо оҳанги лутфу меҳрубонӣ ва ҳамчунин оҳанги илтимос ва дархост, ё тааҷҷубу таассуфу тасаллият, насиҳату сарзаниш ва маломату оҳангҳои дигар. Гуфтугӯйи ҷиддӣ лаҳни ба худ хосро дорост ва зарофату ҳаловат низ. Гоҳе савтро бояд нозук кард ва вақте дурушт бояд гуфт ва ҳама ин ҳолатҳои мухталифро бо мутолиа ва таваҷҷуҳ ба сухангуйии устодони суханварӣ бояд дарёфт ва қоидаи кулл чунин аст, ки сухангуйӣ бояд табиӣ бошад, вале оҳангу лаҳни гуфтор мухталиф. Донистану риоя намудани чунин нозукиҳои суханварӣ ва умуман, фанни каломи бадеъ ба ҳунармандони саҳна, ровиёни ахбор ва симову садо ниҳоят муҳим аст.

Суханро бояд чунин баён кард, ки маънии он ба хубӣ дарк шавад ва сониян, ба шунаванда таъсир расонад. Шарти аввал ба-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рои ҳосили ин мақсад ин аст, ки баландӣ ва пастии савти сухансаро муносиби мақом бошад ва касе, ки барои ҷамъият сухан мегӯяд, бояд кӯшиш намояд, ки савташ ба гӯши ҳамаи шунавандагон шинам ва форам бирасад.

**Машқи 66.** Андешаҳои неку судмандро хонед ва фикру мулоҳизаҳоятонро бо назардошти мазмун баён кунед. Калимаҳои душворфаҳмро бо ёрии «Фарҳанги забони тоҷикӣ» шарҳ диҳед.

## ОМӮЗИШИ ФАЪОЛИЯТИ ШУНИДАН

1. Шунаванда бояд аз аҳамияти хуб шунидан ва таъсири он дар омӯзиш огоҳ бошад. Бидонад, ки бисёре аз омӯхтаҳои кас аз тариқи гӯш додан аст ва дарҳақиқат, ин маҳорат василае барои омӯхтан мебошад.

2. Ҳар фарде бино ба зарурати зиндагии иҷтимоӣ маҷбур аст, ки бо дигарон иртиботи гуфторӣ ва шунавоӣ барқарор намояд. Агар дар ӯ маҳорати гӯш додан рушд наёбад, барқарории иртибот ба хубӣ анҷом намегирад.

3. Шунаванда бояд саъй кунад, ки аввалу идомаи гуфтори гӯяндаро ба хотир гирад. Бояд онҳоро ёддошт кунад, то тавонад иртибот ва пайванди матлабро дар зеҳн дошта бошад.

4. Шунавандаро ҷоиз нест, ки қабл аз поёни сухан ба натиҷагирӣ пардозад, балки довариро ба замоне вогузорад, ки тамоми фикру дархост ва мақсад аз тарафи гӯянда баён шуда бошад.

5. Он чизеро, ки шунаванда гӯш мекунад, бояд бо ниёзу эҳтиёҷи шахсӣ мувофиқ созад ва заминае барои корбурди онҳо таъмин намояд. Масалан, баробари гӯш додан лозим аст, ки ба масъалаи мавриди назар ҷавоб пайдо кунад, мақсади гӯяндаро бифаҳмад, маълумотро афзоиш диҳад, лаззат бибарад ва ғайра.

6. Шунаванда бояд матлаберо гӯш кунад, ки то ҳадде барои фаҳмидани он ба тафаккур ва андеша ниёз дошта бошад. Зеро дар ин сурат барои дарки як матлаби мушкил диққату таваҷҷӯҳ хоҳад кард.

7. Шунаванда бояд бо назари танқидӣ ба гуфтаҳо таваҷҷӯҳ кунад ва байни матлабҳои ҳақиқиву ғайриҳақиқӣ фарқ гузорад. Барои ин ки ҳар чизи шунидаро мавриди пурсиш қарор диҳад, бояд аз фаҳмидани дурусти маънии гуфтор боварӣ ҳосил намояд. Ин яке аз амалҳои омӯ-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

зишии ҳунари пурсиш аст, зеро суоли дурусти бамавқеъ шунавандаро дар фаҳмидани нуқтаи назари гӯнда ёрӣ мерасонад.

***(Аз китоби «Аз санг сахт, аз гул нозук»-и Юнуси Имомназар).***

**Машқи 67.** Матнро хонед ва бо назардошти мазмун он саволу ҷавоби тарафайнро ташкил кунед.

## ТАВАҶҶӮҲ БА ВАЗЪИ ҶИСМӢ ВА РӮҲИИ ШУНАВАНДА

Суханварон бояд пеш аз эроди нутқ то ҳадди имкон аз авзои рӯҳӣ ва ҷисмӣ, дараҷоти донишу биниш ва боварии шунавандагон огоҳӣ ёбанд ва сухани худро бар он меҳвар бичархонанд.

Ҳар гоҳе аз ҷониби муассисае барои суханронӣ дар мавзӯи муайян даъват шавем, ба хубӣ метавонем пешопеш хусусиятҳои бештарини ҳозиронро тахмин намоем.

Суханронӣ барои кӯдакони ақибмонда, донишомӯзони дабистонҳо, дабиристонҳо ва донишгоҳҳо, синфҳо, коргарону кишоварзон ва суханронӣ дар маросими хосса, аёдатмандӣ, рӯзҳои азодорӣ бо ҳам ихтилофи бисёр дорад ва дар маҳзари ҳар даста навъе сухан бояд соз ва устувор кард. Агар чанд тан аз Шумо дар яке аз рӯзҳои фориғ аз кор ба гардиш биравед ва дар хонаи фарди деҳнишин ворид шавед ва бихоҳанд аз шумо пазироӣ кунанду наҳоре таҳия намоянд, набояд ба писар ё духтари соҳибхона бигӯед: «писар, таомро биёр», зеро ин ҷумла агарчи аз балоғату фасоҳат холӣ нест, барои деҳнишинон ғайри қобили фаҳм аст.

Суханвар то надонад ва ташхис надиҳад бо чӣ касоне сару кор дорад, нақши иршоду таълиму тарбияро наметавонад ифода кунад.

Агар бидуни даъват дар ҷаласае, маъракае, ки ҳузур дорем, бе муқаддима аз мо бихоҳанд сухане бигӯем, дар ин маврид ҳам дар чанд дақиқаи ширкат дар маҷлис аз мушоҳидаи ҳозирон ва шунидани суханони дигарон бояд дарку фаҳми умумии аҳли маҷлисро фаҳмид ва хулосаву натиҷагирӣ кунему матолиби нутқи худро бо мавзӯи иҷтимоӣ, ки мутаносиб ба он ҷаласа бошад оғоз кунему ба ҳозирон ва донишу биниши онон тарҳе бирезем ва дар он замина сухан бигӯем. Бояд донист, ки рамзи муваффақият дар суханварӣ дӯст доштани шунавандагону онҳоро ҷузъе аз вуҷуди худ ба ҳисоб овардан ва ҳамаро ҳамдилу ҳамфикр пиндоштан аст. Аз ин рӯ бо шунавандагон бояд ниҳояти адаб ва муҳаббат рафтор кард ва агар ҳангоми пурсишу посух



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳам касе бо лаҳни тунд пурсиш бикунад, бояд бо меҳрубонӣ ва хушрафторӣ ба посухгӯӣ пардозем, зеро ҳамин тавзеҳи бамавқеъ, ба худи гӯянда ҳам оромише мебахшад ва бо итминони бештаре тараферо тақвият бидиҳад.

***(Аз китоби «Суханварӣ»).***

**Машқи 68.** Ғазалро хонед, мазмунашро бо табдили матни насрӣ баён кунед. Луғатҳои душворфаҳмашро шарҳ диҳед.

*Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,*
*На ҳамин либоси зебост нишони одамият!*
*Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,*
*Чӣ миёни нақши devoрy миёни одамият!*
*Хӯру хобу хашму шаҳват шағаб асту ҷаҳлу зулмат,*
*Ҳаявон хабар надорад зи ҷаҳони одамият!*
*Ба ҳақиқат одамӣ бош, вагарна мурғ бошад,*
*Ки ҳамин сухан бигӯяд ба забони одамият.*
*Магар одамӣ набудӣ, ки асири дев мондӣ?*
*Ки фаришта раҳ надорад ба макони одамият.*
*Агар ин дарандахӯйӣ зи табиатат бимирад,*
*Ҳама умр зинда бошӣ ба равони одамият...*
*Таярони мурғ дидӣ; ту зи пойбанди шаҳват.*
*Бадар ой, то бубинӣ таярони одамият!*
*На баёни фазл кардам, ки насиҳати ту гуфтам,*
*Ҳам аз одамӣ шунидем баёни одамият.*

***Саъдии Шерозӣ***

## *Дарси 36.* ТАҲЛИЛИ КАЛИМАҲО АЗ ДИДИ МАДАНИЯТИ СУХАН

**Машқи 69.** Тобиши маъноии калимаҳоро ёдрас кунед.

Аъён – аён, баъд – бад, даъво – даво, манъ – ман, навъ – нав, рафъ – раф, раъд – рад, суръат – сурат, таъна – тана, шеър – шер, шӯъла – шӯла.

**Машқи 70.** Бо фурӯгузории **пасванди -ӣ**, **-гӣ** калимаҳои назардоштро ба дафтар рӯбардор кунед. Пас аз хондани маълумот фикру мулоҳозаи хешро бо интихоби мисолҳои дигар собит намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Ҳамаи қувваҳои худро **сафарбарӣ** карданд. 2. Акнун аз модар **хавотирӣ**. 3. Узр мехоҳам, **хатогӣ** аз мо гузашт. 4. **Боварӣ** надошта бошед, чаро ин корро ба мо мефармоед?

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Калимаи бо ҳарфи **«о»** тамом шуда, **пасванди -гӣ** не, **пасванди -ӣ** мегирад. Дар нутқи гуфториву хаттӣ бар ивази **калимаи «хатоӣ» –«хатогӣ», «доноӣ» – «доногӣ», «зебоӣ» – «зебогӣ»** корбаст намудан хатост.

Агар калима бо **ҳарфи «а»** тамом шуда бошад, пасванди **-гӣ** қабул мекунад (хона – хонагӣ), лекин агар дар охири **калима «о»** бошад, ба он **пасванди -ӣ** ҳамроҳ кардан даркор аст: **доно – доноӣ, ошно – ошноӣ, ҳалво – ҳалвоӣ, зебо – зебоӣ, хоно – хоноӣ.**

**Машқи 71.** Мисолҳои ҳар ду сутунро аз назар гузаронед ва нодурусташро аз дида маданияти сухан таҳлил намуда, шакли дурусташро пайдо кунед.

| Нодуруст | Дуруст |
|---|---|
| Поезд бо **суръати тез** ҳаракат мекард. | Поезд бо **суръати тамом** (зиёд) ҳаракат мекард. |
| **Суръати** пахтачинӣ **тезонда** шавад. | **Суръати** пахтачиниро **зиёдтар** бояд кард. |
| Ҳама ба **шустушўйкунӣ** даромаданд. | Ҳама ба **шустушўй** даромаданд |

**Мисол.** Мо **аз ганҷи** шеърҳои ў **таълим мегирем.**

**Намунаи таҳлил:** Андак фикр кунед, ки «аз ганҷи шеър таълим гирифтан» чӣ маънӣ дорад. Ин ҷо айб дар ин аст, ки калимаи «ганҷ» ва феъли «таълим гирифтан» байни худ ҳеҷ муносибат надорад. Аз шеър таълим гирифтан имконпазир аст? Ин ҷо савол меояд, ки «ганҷ» чист? Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» гуфта шудааст: ганҷ – хазинаи тилло, нуқра ва ҷавоҳирот аст, ки дар ҷое пинҳон кардаанд. Агар ганҷ хазина бошад, аз хазина чӣ тавр таълим гирифта мешавад? Аз ганҷ тиллову нуқра, дурру гавҳар ва мисли инҳо гирифтан мумкин аст, аммо на илму дониш. Илму донишро одатан аз мактаб, аз китоб, аз радиову телевизион, аз сўҳбати донишмандон ва ҳоказо мегиранд.

Бино бар ин, модоме, ки дар ин ибора феъли «таълим гирифтан» омадааст, калимаи «ганҷ»-ро кор фармудан лозим набуд. Лоақл агар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мегуфтем, ки «аз мактаби шеърҳои ӯ таълим мегирем», ин гап маъние медошт, зеро дар истиораи «мактаби шеър» гӯё шеърро ба мактаб монанд кардаем.

Фаромӯш набояд кард, ки худи ибораи «ганҷи шеър» нодуруст нест. Дар забони тоҷикӣ истиораи «ганҷи сухан» ва мисли он мавҷуд аст. «Ганҷи шеър» аз ҳам ҳамин қабил аст. Лекин модоме, ки дар ҷумла ибораи «ганҷи шеър» омадааст, хабари ҷумларо дигар кардан, яъне ба ҷойи феъли «таълим гирифтан» ягон феъли дигар гузоштан лозим буд.

Масалан, ин тавр гуфтан мумкин буд: **«Мо аз ганҷи шеърҳои ӯ дурдонаҳои дониш мечинем».** Ин ҷумла хеле дабдаба дорад ва муносиби сухани оддии муқаррарӣ нест. Лекин дар ин ҷумла муносибати сухан, таносуби сухан андак риоя шудааст. Аз ганҷ дурдона ба даст овардан мумкин аст. Модоме, ки ганҷ ганҷи шеър будааст, пас ин дурдона ҳам дурдонаи дониш аст. Дар ин сурат мо шеърҳои шоирро ба ганҷи бебаҳое монанд мекунем ва донишеро, ки аз он шеърҳо ҳосил шудааст, пурқиматтарин донише мешуморем. Истиораҳои «ганҷи шеър» ва «дурдонаи шеър» ба якдигар муносибате доранд, бино ба ин байни дигар аъзоҳои ҷумла ва ҳамаи калимаву ибораҳо як навъ таносуби маънавӣ ба миён омадааст.

**Мисоли дигар.** Ман куҷову **пасандозкунӣ** куҷо?

**Намунаи таҳлил:** **«Пасандоз»** як асоси феъл дорад (**«андоз»**) ва низ исми феълист, аз ин рӯ ҳоҷат ба дигар як асоси феъл нест. Агар **«Ман куҷову пасандоз куҷо»** гуфта мешуд ҳам, маънӣ пурра ифода мегардид ва муҳимтар ин, ки ҳусни сухан меафзуд.

**Машқи 72.** Калимаи **«шудан»**-ро бар ивази **«-шавӣ»** кор фармуда, бо мақсади рафъ ва пешгирӣ намудани камбудӣ ибораҳои пешниҳодшударо ба маврид кор фармоед.

1. Касе **мондашави**ро ҳис намекард. – Касе ....ро ҳис намекард.
2. То вақти **саршави**и соли таҳсил чорае андешанд. – То вақти ... соли таҳсил чорае андешанд.
3. Ин барои **зиёдшави**и аҳолӣ аҳамият дорад. – Ин барои ... аҳолӣ аҳамият дорад.

**Ибораҳо барои истифода:** монда шудан, сар шудан, зиёд шудан.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Дарси 37.* ИҶРОИ МАШҚҲОИ 73–77

**Машқи 73.** Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро ба таври муқоиса хонед. Пас аз он калимаҳои бамаврид корбастшударо номбар карда, ба дафтар рӯйбардор кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Ин намуди ташбеҳ дар ғазалҳои шоир ниҳоят кам аст. | 1. Ин навъи ташбеҳ дар ғазалҳои шоир ниҳоят кам аст |
| 2. Намудҳои алоҳидаи растанию ҳайвонот аз байн меравpanд. | 2. Навъҳои алоҳидаи паррандаҳо аз байн рафта истодаанд. |
| 3. План аз рӯйи баъзе намудҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ иҷро нашуд. | 3. Нақшаи тайёр кардани баъзе навъҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ иҷро нашуд. |

**Машқи 74.** Хонед ва муайян намоед, ки дар кадом ҷумлаҳо калимаҳои «намуд» ва «навъ» бар ивази ҳамдигар дуруст кор фармуда шудааст.

1. Ин намуди ташбеҳ дар ғазалҳои шоир кам аст. – Ин навъи ташбеҳ дар ғазалҳои шоир кам аст. 2. Ин намуди паррандаҳоро ба «Китоби сурх» дохил карданд. – Ин навъи паррандаҳоро ба «Китоби сурх» дохил карданд. 3. План аз рӯйи намуди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ иҷро нашуд. – Нақша аз рӯи навъи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ иҷро нашуд.

**Машқи 75.** Матнро хонда, нуқтаҳои асосии онро ба дафтар нависед. Фикр кунед, ки боз дар кадом мавридҳо ин ҷонишин барзиёд кор фармуда мешавад.

### «Худ»-ҳои барзиёд

Рӯзе раиси як маҷлис барои ба овоз гузоштани таклифе гуфт: «Ҳар кас тарафдори ин таклиф бошад, дасти худро бардорад». Як рафиқи хуштабъ аз нуқсони ин ҷумла пай бурд ва шӯхиомез гуфт: «Рафиқон, ҳушёр бошед, ки дасти каси дигарро набардоред, фақат дасти худро бардоред».

**Машқи 76.** Мисолро аз назар гузаронед ва нодурусташро аз диди маданияти сухан таҳлил намоед.

**Мисол. Кор**ҳои **обёрӣ** кардани заминҳоро ба охир расониданд.

**Намунаи таҳлил:** Аз таркиби ҷумлаи мазкур калимаи «кор»-ро партоем, маънӣ халал намебинад: **Обёрӣ кардани заминҳоро ба охир расониданд.** Гӯем, ки **«Обёрии заминҳоро ба охир расониданд»** маънӣ дигар намешавад. **Обёрӣ кардани заминҳо ва обёрии заминҳо** дар маънӣ як аст. Худи калимаи **«обёрӣ»** амалеро мефаҳмонад ва бино бар ин дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҷумлаи мазкур феъли ёвари **«кардан»**-ро ба он илова намудан шарт нест.

Аз ин маълум мешавад, ки аз он ҷумлаи на чандон калон ду калимаро кӯтоҳ кардан мумкин будааст. Асли ҷумла ин буд: **«Корҳои обёрӣ кардани заминҳоро ба охир расониданд».** Баъд мо онро ба ин шакл овардем: **«Обёрии заминҳоро ба охир расониданд».** Дар ин сурат маънӣ халал надид, лекин сухан сабуктар шуд, аз ду унсури нодаркор озод гардид.

**Машқи 77.** Матнро хонед, мазмунашро бо фаҳмиши идроки худ баён кунед. Бо ёрии «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаҳои душворфаҳмро шарҳ диҳед.

Бидон, эй писар, ки мардуми беҳунар доим бе суд бувад чун муғелон, ки тан дораду соя надорад, на худро суд кунад ва на ғайрро. Ва мардуми асил ва насаб агарчи бе ҳунар бошад аз рӯйи асл ва насаб аз ҳурмат доштани мардум бебаҳра набошад. Батар он бошад, ки на гуҳар дорад ва на ҳунар. Аммо ҷаҳд бояд кард, то агарчи асле ва гуҳаре бошӣ, танггуҳар бошӣ, ки гавҳари тан аз гавҳари асл беҳтар аст, чунон ки гуфтаанд.

Ҳикмат: «Аш-шарафу бил аҷли вал адабу ла бил асли ван-насаби». Яъне, бузургӣ бо ақлу адаб аст, на бо аслу насаб. Яъне, бузургӣ хирад ва донишрост, на гуҳар ва тухмаро. Ва бад-он ном, ки модару падар ниҳад, ҳамдостон мабош, ки он ном нишоне бошад. Ном он бошад, ки ту ба ҳунар бар хештан ниҳӣ, то аз номи Ҷаъфар ва Зайд ва Амру ва Усмон ва Алӣ ба устод ва фозил ва ҳаким уфтӣ, ки агар мардумро бо гавҳари асл гавҳари ҳунар набошад, сӯҳбати ҳеҷ касро нашояд. Ва ҳар киро дар вай ин ду гавҳар ёбӣ, чанг дар вай зан ва аз даст магузор, ки вай ҳамаро ба кор орад. Ва бидон, ки аз ҳама ҳунарҳо беҳтарин (ҳунаре) сухан гуфтан аст, ки Офаридгори мо ҷалла ҷалолуҳу аз ҳама офаридаҳои хеш одамиро беҳтар офарид ва одамӣ фузунӣ ёфт бар дигар ҷонварон ба даҳ дараҷа, ки (дар) тани ӯст: панҷ дарун ва панҷ берун.

Панҷ ниҳонӣ чун: андеша ва ёд гирифтан ва нигоҳ доштан ва тахайюл кардан ва тамиз ва гуфтор. Ва панҷи зоҳир чун: самъ ва басар ва шамм ва ламс ва завҷ. Ва аз ин ҷумла он чӣ дигар ҷонваронро ҳаст, на бар ин ҷумла аст, ки одамирост. Пас бад-ин сабаб одамӣ подшоҳ ва комгор шуд бар дигар ҷонварон.

*(Аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус).*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Шарҳи луғат:**

Суд – ...
Муғелон – ...
Бебаҳра – ...
Насаб – ...
Гуҳар – ...
Ҷаҳд – ...
Хирад – ...
Дониш – ...
Тухма – ...
Хештан – ...
Ниҳад – ...
Фузун – ...
Фозил – ...
Ҳаким – ...
Уфтӣ – ...
Андеша – ...
Тахайюл – ...
Тамиз – ...
Самъ – ...
Басар – ...
Шамм – ...
Ламс – ...
Завқ – ...
Комгор – ...

## *Дарси 38.* ТАҲЛИЛИ ИБОРАҲО АЗ ДИДИ МАДАНИЯТИ СУХАН

**Машқи 78.** Иборахои ҳар ду стунро аз назар гузаронед. Ҳодисаҳои табадулот ва тағйири калимаву ибораҳоро маънидод кунед.

| Муайянкунандаи дорои -аш | Калимаҳои мураккаби маъмул |
|---|---|
| кӯпрукҳои **пояаш суст** | кӯпрукҳои **сустпоя** |
| ҷавонмарди **либосҳояш рангин** | ҷавонмарди **рангинлибос** |
| қолинҳои **бофташон** дастӣ | қолинҳои **дастибофт** |

**Машқи 79.** Ба ҷойи нуқтаҳо ибора ва калимаҳои пешниҳодгардидаро бар ивази ибораҳои ислоҳталаб кор фармуда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. Идора дар **бинои болояш шифер пӯшонидашуда** ҷой гирифта буд.
   Идора дар .... ҷой гирифта буд.
2. Як **духтараки гарданаш дарозу чашмонаш калон** пеш гузашт.
   Як ... пеш гузашт.
3. Кӯпрукҳои **пояаш** сустро об мебарад.
   Кӯпрукҳои .... об мебарад.
4. **Ҷавонмарди либосҳояш рангин** дастгоҳро идора мекард.
   **Ҷавонмарди** ... дастгоҳро идора мекард.

6 – 18-266



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Иборахо ва калимаҳо барои истифода:** биной шеферпӯш, духтараки гардандарозу чашмкалон, сустпоя, рангинлибос.

**Машқи 80.** Ибораҳои ишогардидаи ҷумлаҳои зеринро аз диди маданияти сухан таҳлил кунед.

1. Бунафша – гулест, ки **навдааш нозуки баргаш давра**и бепоя.
2. Лолаи кӯҳӣ – лолаи **баргаш ғафси косааш калон.**
3. Лӯк – як хел шутури баданаш **борики почааш дароз.**

**Ибораҳои ислоҳталаб:** навдааш нозуки баргаш давра, баргаш ғафси косааш калон, баданаш борики почааш дароз.

**Ибораҳои бенуқс:** нозукнавдаи даврабарг, ғафсбарги калонкоса, борикбадани дарозпоча.

**Мисол.** 1. Падараш **боғбони дасташ гул** будааст.
2. Ӯ як **хоначаи деворҳояш похсагини** якдара дошт.
3. Ба **меҳмонхонаи фаршаш чӯбин** даромадем.

**Намунаи таҳлил:** Дар ин ҷумлаҳо муайянкунандаи дорои **–аш** ба ҷойи калимаи мураккаб омадааст.

Дар забони тоҷикӣ калимаи зебои **гулдаст** мавҷуд аст, ки дар ибораҳое аз қабили **устои гулдаст, боғбони гулдаст** меояд. Ба назари мо, ҳеҷ ҷоиз нест, ки муайянкунандаи «дасташ гул» ба ҷойи калимаи рехтаи «гулдаст» истифода шавад, зеро дар ҳусну хушсадоӣ ҳаргиз ба ин калима баробар шуда наметавонад.

Дар бораи мисоли дуюм низ ҳаминро гуфтан лозим аст. Дар забони тоҷикӣ калимаи похсадевор вуҷуд дорад. Пас зарурате нест, ки ба ҷойи ин ибораи кӯтоҳи пурғунҷоиш ибораи дарозтару ноҳамвори **хоначаи деворҳояш похсагин** истифода гардад.

Дар ҷумлаи сеюм, дар ибораи **меҳмонхонаи фаршаш чӯбин** ҳам аз калимаи сангфарш намуна гирифтан мумкин буд. Он гоҳ калимаи **чӯбфарш** ба миён меомад, ки ба назари мо аз фаршаш чӯбин беҳтар аст. Аммо боз беҳтар он буд, ки дар ин маврид калимаи тахтафарш истифода гардад, зеро нависанда маҳз хонаеро, ки фаршаш аз тахта аст, дар назар дорад.

*Супориш.* Шарҳу тафсири калимаи **«фарш»**-ро аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

**Машқи 81.** Аз силсилаи мисолҳо ибораҳои дурустро муайян намуда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Одамони хўрокро кам истеъмолкунанда – одамони камхўр, бачагони бисёр гапзананда – бачагони сергап (пургўй), чароғи бо газ даргиранда – газчароғ, суханҳои илҳомбахшанда – суханҳои илҳомбахш, мошинаи китобчопкунанда – мошини китобчопкунӣ, мошини даравкунанда – мошини даравгар, техникаи кишткунанда – техникаи кишт, қувваи вайронкунанда – қувваи вайронкор, пайғомбаранда – пайғомбар.

## *Дарси 39.* ИҶРОИ МАШҚҲОИ 82–85

**Машқи 82.** Бо иборaҳои сутуни чап ҷумлаҳо тартиб дода, нуқсу иллатҳои иборaҳои стуни ростро хотирнишин кунед.

| | |
|---|---|
| ҷойи камғунҷоиш | ҷойи камғунҷоишдор |
| ҷавони олимаълумот | ҷавони дорои маълумоти олӣ |
| духтараки куртасафед | духтараки куртаи сафеднок |

**Машқи 83.** Иборaҳои таркиби ҷумлаҳои сутуни аввалро аз дида маданияти сухан таҳлил кунед.

| Нодуруст | Дуруст |
|---|---|
| Ин хабарро шунида, **аз хурсандӣ сарам ба осмон расид.** | Аз хабар сарам ба осмон расид. |
| Ин кас **аз мағзи нохун чирк мекофтааст.** | Аз зери нохун чирк мекофтааст. |
| Вай ҳар гуна **мамониатҳои дар пеши роҳаш буда**ро бартараф кард. | Вай ҳама мамониатҳоро аз пеши роҳаш бартараф кард.<br>Вай мамониатҳои пеши роҳашро бартараф кард. |

**Мисол.** Офтоб **теғ кашида**, оламро **гулгун** кард.

**Намунаи таҳлил:** Мақсади гўянда аз ин фикр ҳамин аст, ки офтоб баланд шуда ба ҳама ҷо нур пошид. Лекин ин ҷумла нуқсон дорад. Айби ҷумла ин аст, ки ибораи **«теғ кашидан»** ва **«гулгун кардан»** ба ҳам алоқа пайдо кардааст. Албатта, ибораи маҷозии **«теғ кашидан»**-ро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба офтоб нисбат додан мумкин аст. Лекин азбаски маънои **«гулгун»** гулранг, сурхранг, сурх аст, ҷумлаи боло чунин маъное медиҳад, ки гӯё офтоб теғ кашида оламро сурх кард, яъне ба хун оғушт. Агар нависандае ҷанги сахтро тасвир карда, ҷумлаи мазкурро меовард, гапаш маъное пайдо мекард: дар рӯзи ҷанги сахт гӯё офтоб ҳам теғ кашид ва боиси хунрезӣ шуд. Аммо дар ҷое, ҷангу хунрезӣ тасвир нашудааст, мисли ҷумлаи боло ҷумлае тартиб додан хуб нест. Яъне дар ин ҷо гӯянда мавриди суханро дуруст ба мулоҳиза нагирифтааст.

**Машқи 84.** Матнро хонед ва бо риояи талаботи меъёри забони адабӣ мазмунашро баён кунед.

Ва чун бидонистӣ забонро ба хубӣ ва ҳунар омӯхта кун ва ҷуз чарбзабонӣ одат макун, ки забони ту доим ҳама он гӯяд, ки ту ӯро бар он ронӣ ва одат кунӣ, чӣ гуфтаанд: Ҳар киро забон хуштар, ҳавохоҳаш бештар.

Ва бо ҳама ҳунар ҷаҳд кун то сухан бар ҷой гӯй, ки сухани нобарҷой агарчи хуб гӯйӣ, зишт намояд. Ва аз сухани корфизой хомӯшӣ гузин, ки сухани бесуд ҳама зиён бувад. Ва сухан, ки аз вай бӯйи ҳунар наёяд, ногуфта беҳтар, ки ҳакимон суханро монанд ба набиз карданд, ки ҳам аз ӯ хумор хезад ва ҳам бад-ӯ дармони хумор бувад. Аммо сухан нопурсида магӯй ва аз гуфтори хира парҳез кун ва чун бозпурсанд ҷуз рост магӯй. Ва то нахоҳанд, касро насиҳат магӯй ва панд мадеҳ хоса касеро, ки панд нашнавад, ки ӯ худ уфтад. Ва бар сари мало ҳеҷ касро панд мадеҳ, ки гуфтаанд.

Ҳикмат: «Аннусҳу индал малаи тақриъун». Яъне, дар назди мардум шахсеро насиҳат кардан – масхара кардан аст. Ва агар касе ба каҷӣ баромада бошад (гирди рост кардани ӯ магард, ки натавонӣ, чӣ ҳар дарахте, ки каҷ баромада бошад) ва шох зада ба каҷӣ ва боло гирифта, ҷуз бибридан ва тарошидан рост нагардад. Ва чунон ки ба сухани хуб бухл накунӣ, агар тоқатат бувад, ба атои мол ҳам бухл макун, ки мардум фирефтаи мол зудтар шавад, з-он ки фирефтаи сухан.

Ва аз ҷойи тухматзада парҳез кун ва аз ёри бадандеш ва бадомӯз бигурез. Ва ба хештан дар ғалат машав. Худро ҷое неҳ, ки агарат биҷӯянд, ҳамон ҷо ёбанд, то шармсор нагардӣ ва худро аз он ҷо талаб, ки ниҳода бошӣ, то бозёбӣ.

***(Аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус).***



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

***Супориши 1.*** Мафҳуми калимаи **«чарбзабонӣ»**, ибораҳои **«сухани нобарҷой»**, **«сухани корфизоӣ»**, **«сухани бесуд»**, **«сухани нопурсида»**, **«гуфтори хира»**-ро шарҳ диҳед.

***Супориши 2.*** Мақсади муаллифро бо назардошти ҷумлаҳои **«Ҳар киро забон хуштар, ҳавохоҳаш бештар»**, **«Аз сухани корфизой хомӯшӣ гузин»**, **«Сухани бесуд ҳама зиён бувад»** нақл кунед.

**Машқи 85.** Муқоиса намоед ва бо ибораҳои сутуни рост ҷумлаҳо тартиб диҳед.

| Ифодаҳои ноустувор | Ифодаҳои устувор |
|---|---|
| суханҳои илҳомбахшанда | суханҳои илҳомбахш |
| дасташ гул | гулдаст |
| деворҳояш похсагин | похсадевор |
| фаршаш чӯбин | тахтафарш |
| чароғи бо газ даргиранда | газчароғ |
| одамони хӯрокро кам истеъмолкунанда | одамони камхӯр |
| пардаи гулзарбдор | пардаи гулзарб |

## *Дарси 40.* ТАҲЛИЛИ ҶУМЛАҲО АЗ ДИДИ МАДАНИЯТИ СУХАН

**Хонед ва дар лавҳи хотир нигоҳ доред!** Усулан суханронии хуб ва дилписанду марғуб (илова бар офариниши сухан, рукнҳои он, назми мантиқӣ ва шароити моддию маънавии суханвар) бояд бар се омили асосӣ такя дошта бошад: дурустии ҷумлаҳо, омӯзанда ва дилписанд будани матлаб, муҳимтар аз он ду, ғунҷонидани эҳсосот ба таносуби ҷумлаҳо. Мақсад аз риояти ин се асл лаҳн ва гуфторро хушоянд месозад ва шунавандагон бар ҳадафи нотиқ раҳнамун мегарданд.

**Машқи 86.** Ҷумлаҳои зеринро ба таври муқоиса аз назар гузаронед. Вобаста ба таносуби сухан пешоянди бамаврид корбастшударо ёдрас кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Фаҳмиши асар **аз** мунаққид, **аз** дараҷаи фаҳмиши ӯ, **аз** дарки ӯ вобаста аст. – Фаҳмиши асар **ба** мунаққид, **ба** дараҷаи фаҳмиши ӯ, **ба** дарки ӯ вобаста аст.

2. Бахти ҳар кас **аз** дасти худаш вобаста аст. – Бахти ҳар кас **ба** худаш вобаста аст.

3. Инкишофи достон ... **аз** шахсияти қаҳрамон вобастааст. – Инкишофи достон ... **ба** шахсияти қаҳрамон вобастааст.

**Машқи 87.** Бо интихоби **пасоянди** «-ро» ба ҷойи **пешоянди «дар бораи»** ҷумлаҳои мазмунан ва мантиқан дурустро дар рӯ ба рӯйи ҷумлаҳои ислоҳталаб нависед.

1. **Дар бораи** он воқеаҳо ҳикоя карда дод. – ...
2. Шоир аз ӯ **дар бораи** гуноҳаш пурсид. – ...
3. Худи ман **дар бораи** бой шудан орзу мекунам. – ...
4. Онҳо **дар бораи** фиреби писарак ба муаллим гуфта доданд. – ...
5. Олим **дар бораи** қисмати Мусо Ҷалил медонист. – ...

**Ҷумлаҳои мазмунан ва мантиқан дуруст:** Он воқеаҳоро ҳикоя карда дод. Шоир аз ӯ гуноҳашро пурсид. Худи ман бой шуданро орзу мекунам. Онҳо фиреби писаракро ба муаллим гуфта доданд. Олим қисмати Мусо Ҷалилро медонист.

**Машқи 88.** Ҷумлаҳои пеш аз қавсайн навиштаро аз диди маданияти сухан таҳлил кунед:

1. Шеърҳои хушбаёни ин шоири номдор ба мо хеле маъқул шуд. (Шеърҳои ин шоири хушбаёни номдор ба мо маъқул шуд.) 2. Рафти зиндагӣ собит мекард, ки кӣ ҳақ асту кӣ ноҳақ. (Рафти зиндагӣ собит мекард, ки кӣ ҳақ асту гапи кӣ ноҳақ.). 3. Эҷодиёти сеҳрангези ин нависанда маро мафтун кард. (Эҷодиёти сеҳркори ин нависанда маро мафтун кард.)

**Мисол. 1.** Ӯ аз **хониши хушовози паррандаҳо** лаззат мебурд.

**Намунаи таҳлил:** Равшан аст, ки хониш хушовоз нест, балки паррандаҳо хушовозанд. Бино бар ин **хушовоз** бояд баъди **паррандаҳо** меомад. Ғайр аз ин, дар чунин мавридҳо, чунончи дар тасвири лирикӣ одатан паррандаро **мурғ** мегӯянд. Аз ин рӯ ҷумлаи боло, масалан, ин тарз таҳрир мешуд, беҳтар буд: Ӯ аз **хониши мурғони хушовоз** лаззат мебурд (беҳтар ин ки ҳаловат мебурд).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар ибораи изофии серҷузъ, ки якчанд калима ба ҳам бо изофат алоқаманд шудааст, ҳар муайянкунанда бояд пас аз муайяншавандаи худ гузошта шавад, на дар ҳар куҷо, ки хоҳем. Модоме, ки хушовозӣ сифати мурғон аст, бояд **хушовоз** маҳз баъди **мурғон** ҷой гирад.

**Машқи 89.** Ҷумлаҳои поёниро ба таври муқоиса аз назар гузаронед ва аз силсилаи онҳо мантиқан дурусташро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

1. **Нар**хи орду равған **арзон шуд**. – **Нар**хи орду равған **кам** (ё **паст** шуд). – **Орду равған** арзон шуд,
2. **Нарху наво** се фоиз **қимат шудааст**. – Нарху наво се фоиз **афзудааст.** – **Хӯроквори** се фоиз қимат шудааст.

## *Дарси 41.* ИҶРОИ МАШҚҲОИ 90–92

**Машқи 90.** Ҷумлаҳои сутуни аввалро аз диди маданияти сухан таҳлил кунед.

**Мисол.** Ӯ баргҳои **шамол овардагиро рӯфта** истода буд.

| Ғалат | Дуруст |
|---|---|
| Назм ин шаддаи калимаҳо, ибораҳо ва образҳоеанд, ки тартиби махсус бо низоми қатъӣ чида шудаанд. | Назм шаддаи калимаҳо, ибораҳо ва образҳоест, ки бо тартиби махсусу низоми қатъӣ чида шудаанд. |
| Ҳарчанд мо ҳама ҷамъ шуда бошем ҳам, аммо маҷлисро сар намекарданд. | Ҳарчанд мо ҷамъ шуда будем, маҷлисро сар намекарданд. |

**Намунаи таҳлил:** Ин ҷумла вайрон нест, дуруст аст. Лекин хасу хошок ва баргҳоеро, ки шамол овардааст, дар тоҷикӣ **бодовард** мегӯянд. Модом ки дар ин маврид калимаи махсусе мавҷуд будааст ва гӯё ин чиз номе доштааст, пас ҳамин калима, ҳамин номи онро донистан ва гуфтан зарур аст. Яъне бо ҷойи ибораи баргҳои шамол овардагӣ ибораи баргҳои бодовардро гузоштан беҳтар мебуд. Он гоҳ ҷумла чунин таҳрир меёфт: **«Ӯ баргҳои бодовардро рӯфта истода буд».**

**Мисоли дигар.** 1. Сергапӣ хислати бад аст.
2. Сергапӣ бад аст.
3. Сергапӣ дарди бад аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Намунаи таҳлил:** Чун маънои се ҷумларо муқоиса мекунем, пай бурдан душвор нест, ки ду ҷумлаи аввал, яъне «сергапӣ хислати бад аст» ва «сергапӣ бад аст» маънои муҳиме надорад; гӯянда ба чӣ сабабе гапи маълумеро мегӯяд. Аз чунин суханронӣ худдорӣ кардан беҳтар аст, хусусан ки таҳрири якум – «Сергапӣ хислати бад аст» калимаи «хислат» зиёдатист ва аз ин рӯ ҷумла на танҳо дар маънӣ, дар шакл ҳам айб дорад, айб болои айб омадааст.

Фақат таҳрири охир – **«Сергапӣ дарди бад аст»** суханест, ки аз маънӣ холӣ нест, маълумотеро дар зимн дорад, моҳияти сергапиро мекушояд, мефаҳмонад, ки сергапӣ аз ҷумлаи касалиҳои сахтест ва онро муолиҷа бояд кард. Аз ин рӯ, ҷумлаи мазкур кирои гуфтан, шунидан ё хондан аст.

**Машқи 91.** Хонед ва гӯед, ки дар кадом ҷумла изҳори хоксорӣ матниқан дуруст ва бамаврид, дар кадом ҷумла баръакс ифода гардидааст.

1. Мо ба нависандаи маҳбуби худ **тӯҳфаи хоксорона** пешкаш мекунем. – Мо ба нависандаи маҳбуби худ як **тӯҳфаи ночиз** пешкаш мекунем.
2. Ин **дастовези хоксорона**и моро қабул кунед. – Ин **дастовези ночиз**и маро қабул кунед.
3. Ин кори мо **хизмати хоксорона** ба Ватан аст. – Ин кори мо **хизмати ночизе** ба Ватан аст.

**Машқи 92.** Аз силсилаи мисолҳо ҷумлаҳои мазмунан ва матиқан дурустро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Мо ватандӯсти вафодори Ватани худ мебошем. – Мо ватандӯсти вафодор мебошем. 2. Ба хазинаи давлат ҳазор тонна ғалла супорида шуд. – Ба анбори давлат ҳазор тонна ғалла супорида шуд. 3. Ин гулчинест аз ганҷинаи адабиёти тоҷик. – Ин гулчинест аз гулзори адабиёти тоҷик. 4. Мо ин роҳро ба гардани касе бор кардани нестем. – Мо ин равишро ба гардани ҳеҷ кас бор кардани нестем. 5. Албатта, ин гуна роҳ шикаст мехӯрад. – Албатта, ин тамоюл шикаст мехӯрад. 6. Юбилеи шоир ҷашн гирифта шуд. – Ҷашни шоир баргузор гардид. 7. Сулҳ ҷидду ҷаҳди ҷиддиро талаб мекунад. – Сулҳ ҷаҳду ҷадали ҷиддиро талаб мекунад. 8. Ташкилоти назоратӣ аз болои аз тарафи давлатҳо иҷро карда шудани ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаашон ба тазри доимӣ назорат мекунанд. – Ташкилоти назоратӣ иҷрои ӯҳдадории давлатҳоро доим назорат хоҳад кард.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## *Дарсҳои 42–43.* ХОНИШИ МАТН ВА БАЁНИ ФИКР

**Машқи 93.** Матнро хонед ва бо назардошти мазмун саволу ҷавобҳои тарафайнро ташкил кунед.

### ЧАНД ПАНД ДАР БАХШИ СУХАНВАРӢ

Суханвар бояд аз шунавандагон огоҳ бошад ва битавонад ба воситаи риояти фикру орзуҳои шунаванда дар замири қалби онҳо нуфузе пайдо кунад. Ҳаргиз набояд ҳангоми сухан худро аз дигарон бартар шуморид. Чун ҷабҳаи иршоду таълими суханвар мавриди ниёз ва омили муҳими шахсият ва шӯҳрату эҳтироми ӯст, бояд нахуст бар ақидаҳои худ ғалаба кунад. Дар андешаи манфиати моддӣ ё мақому шуғл аз роҳи суханварӣ набошад ва агар барои таъмини зиндагии моддӣ эҳтиёҷ ба дарёфти ҳақиқӣ ё дастмузде дошт, ҷараёнро ба диққати шунавандагон бирасонд, зеро агар муаллим ҷону равон, худ тобеи тамоюлоти шахсӣ ва беэътино ба иршод бошад, чӣ гуна метавонад дигаронро ба ҳавову ҳавас ва зиёдаталабии бедалел боздорад. Нотиқ набояд ҳангоми сухан аз неъматҳо, хушиҳои худ барои шунаванда чизе бигӯяд. Бояд ҳалли роҳи мушкилоти мардуми ҳар гурӯҳро дар хеш парвариш диҳад ва дар айни он ки ихтиёри ҳозирон ва идораи маҷлиси суханрониро бар ӯҳда дорад, худро хидматгузор ва дӯстдори дигарон бинмояд. Ба таври куллӣ суръати нақл, ҳузури зеҳн, ҳофизаи қавӣ, хотираи ҷавобӣ, мавқеъшиносӣ, таваҷҷӯҳ бо бозтоби шунавандагон дар баробари нутқ ва маҳорат, шартҳои маънавии суханвар аст. Бояд садоқат, имон, алоқа аз тамоми вуҷуд ва гуфтаҳои суханвар ҷилавгир шавад. Ҳама нотиқро аз ҳамон оғози сухан, бо донишмандӣ, фазилату покӣ, худопарастӣ бишносанд ва ин хислатҳоро аз чеҳра ва кирдору гуфтору пиндори неки ӯ дарёбанд. Суханвар бояд шикебоӣ аз худдорӣ дошта бошад ва ҳар гоҳ дид касе аз рӯйи тамаъ коршиканӣ ба хотири вайрон кардани ҷамъомад ҷанҷол мекунад, бояд бо ибороти кӯтоҳ, таъсирнок, аммо орӣ аз хашму ғазаб ӯро дар ҷойи худ биншонад, сипас боз сӯҳбатро идома диҳад.

***(Аз китоби «Суханварӣ»).***

**Машқи 94.** Шеърро хонед, мазмунашро бо тартиб додани матни насрӣ баён кунед.

*Даъво макун, ки бартарам аз дигарон ба илм,*
*Чун кибр кардӣ, аз ҳама нодон фурӯтарӣ!*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Аз ман бигӯй олими тафсиргӯйро:*
*Гар дар амал накӯшӣ, нодон муфассарӣ.*
*Бори дарахти илм надонам ба ҷуз амал,*
*Бо илм агар амал накунӣ, шохи бебарӣ.*
*Илм одамият асту ҷавонмардиву адаб,*
*В-арна даде ба сурати инсон мусавварӣ.*
*Мардон ба саъю ранҷ ба ҷое расидаанд,*
*Ту беҳунар куҷо расӣ, ар нафспарварӣ.*
*Умре, ки меравад ба ҳама ҳол, ҷаҳд кун,*
*То дар ризои Эзидӣ, ту бо сару барӣ.*

***Саъдии Шерозӣ***

**Машқи 95.** Ба гурӯҳҳои **«Суханварон», «Забоншиносони ҷавон», «Муҳаррирон»** тақсим шуда, зарбулмасал ва мақолҳои зеринро аз ҷиҳати ифодаи маънӣ шарҳ диҳед.

1. Аз оғози хуб дида, анҷоми нек беҳтар аст. 2. Миқдор хуб аст, аммо сифат беҳтар. 3. Яке суханро мефаҳмад, дигаре ишораро. 4. Бо сухани хуш мор аз лонааш берун меояду бо сухани бад корд аз ғилофаш. 5. Агар дар боғ гул набошад, булбул ҳам намесарояд. 6. Мор зоҳиран ҳамвор аст, аммо ботинан заҳрдор. 7. Суханҳои бобоён – манбаи ақлу хирад. 8. Касе, ки бо халқ аст, ҳеҷ гоҳ мағлуб намешавад. 9. Оромӣ – доноӣ, хашмнокӣ – нодонӣ. 10. Қудрат дар ягонагӣ, комёбӣ дар якдилӣ аст. 11. Нонро гармиаш хубу суханро ростиаш. 12. Зебоӣ дар сухан аст, на дар чеҳра. 13. Олим аз илму дониш сухан мегӯяд, аҳмақ аз чизҳои хӯрдааш. 14. Агар роҳро хато кардӣ, баргаштан мумкин аст, аммо дар сухан агар хато кардӣ, ҳеҷ кор карда наметавонӣ. 15. Суханони пирон чун сангҳои қиматбаҳо арзиш доранд. 16. Агар одамро шинохтан хоҳӣ, ба суханаш гӯш кун. 17. Сухани нек ҷавоби некро пеш меорад. 18. Нависанда то он даме зиндааст, ки китобҳояшро мехонанд.

**Машқи 96.** Бо шарҳу тафсири матни назмии тамсилии **«Баққол ва тӯтӣ»**-и Ҷалолиддини Румӣ ошно шавед. Сипас аз ашъори шоирони ғазалсаро матн интихоб намуда, мазмунашро бо табдили баёни насрӣ нақл кунед.

Баққоле тӯтии ширинсухане дошт, ки бо гуфтаҳои дилчаспи худ сахтии зиндагиро барои ӯ осон месохт. Рӯзҳо ширинзабониро аз ҳад мегузаронд. Баққол ӯро аз қафас берун сохт. Хоҷа рӯзе тӯтиро нигоҳбони дӯкон монда, худ ба хона рафта буд. Баногоҳ ба дӯкон гурбае



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ворид гардида, бо муш даромехт. Тӯтӣ аз тарс дар ҷӯшу ҳаяҷону ҳаракат шуд ва парҳои вай ба шишаи равған бархӯрд ва онро афтонда шикаст. Марди косиб омада чун ин аҳволро дид, хашмнок шуд ва бар сари нотавони мурғ кӯфт. Тӯтӣ беҳолу низор гардид ва аз сухан гуфтан бозмонд ва парҳои ӯ оғоз ба рехтан карданд. Баққол ӯро дар қафас ниҳод ва чун соате гузашт, аз ягона муниси танҳоӣ ва мояи саргармӣ ва нишоти худ ҳаракате надид, аз карда пушаймон шуд. Даст ба дуо бардошт ва гӯёии тутиро аз Парвардигор орзу кард. Пари тӯтӣ рехта, дар гӯшае афсурда, бе он ки об ва донае бихӯрад. Рӯзҳо сипарӣ шуд, беҳбудӣ падид наёмад. Аз қазо марде кал барои хариди равған ба дӯкон омад. То тӯтӣ сари ӯро нигарист, бо сари худ қиёс намуд ва ба сухан даромад.

## *Дарсҳои 44–45.* ХОНИШИ МАТН ВА ИНШОНАВИСӢ

**Машқи 97.** Матнро хонед, бо интихоби сарлавҳа иншо нависед.

Овардаанд, ки дар боғе булбуле бар шохи дарахте ошёне дошт. Иттифоқан, мӯре заиф дар зери он дарахт хона сохта ва аз баҳри чандрӯза мақом маскан пардохт. Булбул шабу рӯз гирди гулистон дар парвоз омад ва барбати нағамоти дилфиреб дар соз овард ва мӯр ба ҷамъи нафақоти лайлу наҳор машғул гашта ва ҳазордастон дар чаману боғ бо овози хеш ғарра шуда. Булбул бо гул рамзе мегуфт ва боди сабо дар миёна ғамза мекард. Чун он мӯри заиф нози гулу ниёзи булбул мушоҳида мекард, ба забони ҳол мегуфт:

– Аз ин қилу қол чӣ кушояд, кор дар вақти дигар падидояд. Чун фасли баҳор рафт ва мавсими хазон даромад ва хор ҷойи гул бигирифт ва зоғ дар мақоми булбул нишаст, боди хазон дар вазидан омад ва барг аз дарахт резидан гирифт. Рухсораи барг зард шуд ва нафаси ҳаво сард гашт, аз каллаи абр дур мерехт ва аз ғирболи ҳаво кофур мебехт.

Ногоҳ булбул дар боғ омад, на ранги гул дид ва на бӯйи сунбул шунид. Забонаш бо ҳазордастон лол бимонд. На гул, ки ҷамоли ӯ бинад ва на сабза, ки камоли ӯ нигарад. Аз бегулӣ тоқаташ тоқ шуд ва аз бенавоӣ аз наво фурӯ монд. Ёдаш омад, ки охир рӯзе мӯре дар зери ин дарахт хонае дошт ва дона ҷамъ мекард. Имрӯз ҳоҷат бар дари ӯ барам ва ба сабаби қурбу ҳаққи ҷавор чизе талабам. Булбули гурусна пеши мӯр рафту гуфт:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Эй азиз, саховат нишони бахтиёрист ва сармояи комгорӣ. Ман умри азизи худ ба ғафлат мегузоштам ва шабу рӯз ба ҳарза бонг медоштам, ту зиракӣ мекардӣ ва захира меандӯхтӣ. Чӣ шавад агар имрӯз аз он насиба каромат кунӣ!

Мӯр гуфт:

– Ту шабу рӯз дар қол будӣ ва ман дар ҳол. Ту лаҳзае ба тароватӣ гул машғул будӣ ва аз даме наззора мағрур. Намедонистӣ, ки «ҳар баҳореро хазоне ва ҳар роҳеро поёне бошад».

Он вақт, ки чаҳ-чаҳи мастонат буд, ёди зимистон набуда.

***(Аз китоби «Зарбулмасал ва мақолҳо»).***

## *Дарси 46.* ИНКИШОФИ ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ СУХАНВАРӢ

**Машқи 98.** Матнро хонед ва дар мавзӯи **«Робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек дар замони мо»** фикратонро хаттӣ баён кунед.

Дар рӯзномаю маҷаллаҳои тоҷикӣ беҳтарин офаридаҳои нависандагони ӯзбек тарҷима ва дастраси хонандагон мегардад. Ба ин маънӣ, имрӯз низ аз хурдтарин бозёфтҳои бадеию эстетикӣ то асарҳои мӯҳташами адабиёти ӯзбек аз назари тарҷимону адибони тоҷик дур намемонад. Дар ин амали неки дутарафа хоса саҳми рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд», «Ховар», «Садои Сӯх», «Субҳи Гулобод», «Бухорои Шариф», намоиши телевизионии ҷумҳурӣ – «Рангинкамон», гуфторҳои тоҷикии радиои ҷумҳурӣ ва вилоятҳо, шуъбаи тоҷикии нашриёти «Ӯзбекистон»-и пойтахт калон мебошад.

Тарҷимаи асарҳои адибони тоҷик барои эҷодиёти адибони ӯзбек боз аз он ҷиҳат аҳамияти ҷудогона касб менамояд, ки таҳқиқи бадеии воқеият ва инсон дар адабиёти тоҷик ба муҳит, урфу одат ва рӯҳияти мардуми ӯзбек хеле наздик аст. Ё ин ки баръакс, ҳалли бадеии масъалаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, ки дар адабиёти ӯзбек мавқеи назаррас дорад, ба дараҷае ба ҳаёти мардуми тоҷик низ дахлдор аст. Ба ҳамин маънӣ, боз чунин хулоса равост: якдилии маънавии халқҳоямон, ҳамсоягӣ, монандии урфу одат ва касбу корамон аксаран ба ҳамин оварда мерасонад, ки адибонамон дар эҷодиёти худ ба мавзӯъҳои шабеҳ даст зада, муаммоҳои муштараки ҳаётро дар асарҳояшон ҳал менамоянд. Ҳамаи ин моро ба ҳамкории наздик, муносибатҳои устодию шогирдӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ва мустаҳкам намудани дӯстии эҷодӣ водор менамояд. Аз ин рӯ дар назди Иттифоқи нависандагон ва Академияи илмҳои кишварҳоямон вазифаи муҳими тарбия кардан ва ба камол расондани мутарҷимони касбие, ки ҳар ду забонро мисли забони модарии худ нағз медониста бошанд, қарор гирифтааст. Танҳо дар ҳамин сурат шаклу мазмуни осори ҳамдигарро пурра нигоҳ дошта, ба мухлисони каломи бадеъ бе саҳву хато ва дар шакли зебо манзур намудан мумкин аст. Инчунин мавҷуд будани мавзӯъҳои умумӣ, қаҳрамонҳои муштарак, шакл ва услубҳои ягона, тарзи баён ва ифодаю мароми ба ҳам наздик тарзи тафаккури бадеии ягона, завқи адабии муштаракро ба вуҷуд меоваранд.

Дар ин хусус ёдрас намудани достони «Варахша»-и Ҷ. Камол ва қиссаи «Ривояти суғдӣ»-и С. Улуғзода, достонҳои «Ҳаким ва аҷал»-и А. Орифов ва «Гаҳвораи Сино»-и М. Қаноат, драмаҳои «Темурмалик»-и С. Улуғзода, «Тилисми Сайхун»-и М. Бахтӣ ва романи «Хуҷанд қалъаси»-и Мирмӯҳсин, инчунин романи шеърии «Навоийнома»-и Б. Бойқобилов, романҳои «Ибни Сино»-и М. Қориев, «Ишқ аҳли»-и О. Мухтор ва дигарҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Имрӯз анъанаи бахшида ба фарзандони асили ҳар ду халқ ашъори пурмазмун гуфтан, дар услуби «ширу шакар» шеър офаридан, умуман ягонагию якдилиамонро тавсиф намудан низ идома меёбад. Ин гуна шеърҳо эҳсоси дӯстии ҷовидонӣ ва эҳтироми бепоёни халқҳоямонро нисбат ба якдигар, хоса ба адибону санъаткорон ифода менамоянд.

Истиқлоли воқеӣ баробари ба равобити адабии халқҳоямон рӯҳи тоза бахшидан боз шаклҳои суннатии ин омили муҳими пешрафти адабиётҳоямонро пурқувват намуда, ба шаклҳои нави алоқаҳоямон пару бол мебахшад. Тарҷимаҳои тарафайн дар байни адабиётҳоямон, таҷрибаомӯзӣ ва гуфтугӯҳои эҷодӣ ба воситаи даҳа, ҳафта ва рӯзҳои адабиёти ҳамдигар дар кишварҳоямон, дӯстии шахсӣ ва ҳамкории эҷодӣ, нашри маҷалла ва рӯзномаҳои муштарак, нишастҳои якҷояи илмӣ дар шакли конфронс, симпозиум ва ҳоказо сари як масъалаи эҷодӣ ва ғайра боиси боз ҳам ғановатманд гаштани адабиётҳоямон мебошанд.

***(Аз китоби «Робитаи адабии тоҷику ӯзбек»-и А. Самадов).***

**Машқи 99.** Шеърро ифоданок хонед. Лутфу таъбирҳои тараннумгари дӯстии халқҳои ӯзбеку тоҷикро номбар кунед. Калимаҳои **«рафоқат», «марза», «матлаб»**-ро аз ҷиҳати маънӣ шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Абдулло Орифов*

## ЎЗБЕКУ ТОҶИК

*Ёру бародар аз азал, ўзбеку тоҷик,*
*Ду шоҳбайти як ғазал ўзбеку тоҷик.*
*Бахте бувад Навоиро то Ҷомӣ барҳаёт,*
*Ҳамрешаанд аз он маҳал ўзбеку тоҷик...*
*Як тарфи марза ўзбеку як тарф тоҷик аст,*
*Часпад ба кор аз ҳамал, ўзбеку тоҷик.*
*Ман матлабе дорам фақат: эй кош, то абад,*
*Як маънӣ ёбанд аз масал, ўзбеку тоҷик.*

***(Тарҷумаи Ҷонибек)***

**Машқи 100.** Матнро хонед, фикрҳои алоқманди масъалаи назардоштро гўед. Баъд аз он дар мавзўи «**Дўстии адабиёт – дўстии халқҳо**» матн тартиб диҳед.

Халқҳои тоҷику ўзбек ба ҳам зоҳирану ботинан қаробати зиёде доранд. Ба қавли устод Боқӣ Раҳимзода «Бинанда чунин суол орад ба миён: «Ай ҷўра бигў, ту ўзбекӣ ё тоҷик?»

Шоири бузурги муосири ўзбек, устод Абдулло Орифов ўзбеку тоҷикро «ду шоҳбайти як ғазал» қаламдод кардааст. Президенти кишварамон Ислом Каримов бо назардошти қаробату шабоҳати халқҳои тоҷику ўзбек фармудааст: «Як халқеанд, ки ба ду забон ҳарф мезананд». Бар илова, шоҳкории ҳунари навозандагӣ ва овозхонии миллии «Шашмақом», ҷашни пуршукўҳи «Наврўз», «Меҳргон» ва вожаҳои муштараки забонӣ халқҳои моро чун ширу шакар ба ҳам омехтаанд. Аксарияти шоирони классик мисли Алишер Навоӣ (Фонӣ), Бобораҳим Машраб, Нодирабегим, Огаҳӣ, Фурқат, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ ва Садриддин Айнӣ ба ду забон – ҳам ўзбекӣ ва ҳам тоҷикӣ шеър гуфтаанд.

Дўстию ҳамкории Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва муриди ў Мир Алишер Навоӣ ба рамзи дўстию қаробати халқҳои тоҷику ўзбек табдил ёфтааст. Онҳо ба якдигар самимияти тамом дошта, ҳамеша дар тақвияти якдигар сухан гуфтаанд.

Алишер Навоӣ қисмати бештарини осори хешро бо забони модарияш туркӣ-ўзбекӣ офаридааст. То замони Навоӣ чунин меҳисобиданд, ки офаридани осори ҳаҷман бузург бо забони туркӣ-ўзбекӣ аз имкон берун аст. Вале Навоӣ бо таълифи «Хамса» – панҷ достон исбот намуд, ки пояҳои ин фикр сустанд. Вай «Хамса»-ашро дар пай-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

равӣ ба «Хамса»-ҳои Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва «Ҳафт авранг»-и Абдураҳмони Ҷомӣ офаридааст. Худ дар ин хусус мефармояд:

*Форсӣ чун гашт дар эшон адо,*
*Туркӣ кунам, нест аҷаб, ибтидо.*
*Форс чу хурсанд шуд аз он гуҳар,*
*Турк ҳам ар шод шавад, хубтар.*
*Ман, ки дар ин роҳ ниҳодам қадам,*
*Ҳаст умедам, чу бигирам қалам.*
*Роҳбарӣ карда Низомӣ маро,*
*Ёр шавад Хусраву Ҷомӣ маро.*

Вақте Алишер Навоӣ шеърнависиро ба забони туркӣ-ӯзбекӣ шурӯъ мекунад, Абдураҳмони Ҷомӣ аз ин иқдом шоду масрур гардида, дар «Хираднома Икандарӣ»-аш чунин фармудааст:

*Суханро, ки аз равнақ афтода буд,*
*Ба кунҷи ҳавон рахт бинҳода буд.*
*Ту додӣ дигарбора ин обрӯй,*
*Кушодӣ ба майдони ин гуфтугӯй.*
*Сафоёб аз нури рои ту шуд,*
*Навоӣ зи лутфи навои ту шуд.*

**Ё дар ҷойи дигар:**

*Ба туркизабон нақше омад аҷаб,*
*Ки ҷодудамонро бувад муҳри лаб.*

***(Аз рӯзномаи «Овози тоҷик».***
***А. Субҳон. «Ҳамсояи наздик аз хеши дур беҳ»).***

## *Дарси 47.* ИҶРОИ МАШҚҲОИ 101–103

**Машқи 101.** Шеърро ифоданок хонед ва пас аз он мазмуни байтҳои ишорагардидаро маънидод кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Эркин Воҳидов*

## ЭЙ ДӮСТ!

*Мо ду додари дерин,*
*Ҳамнасабу ҳамоин,*
*Як умр дар як замин*
*Фарзанд ҳастем, эй дӯст.*
***Дар кору бору амал***
***Ҳамрадифем аз азал,***
*Мисли байти як ғазал*
*Пайванд ҳастем, эй дӯст.*
***Парвардаи як ширем,***
***Ҳамхуну ҳамтақдирем,***
*Тиёншонем, Помирем,*
*Алванд ҳастем, эй дӯст.*
*Дар аввалин таърихҳо*
*На ӯзбек, на тоҷик мо, –*
*Аҳли Чочу Бухоро,*
*Хуҷанд ҳастем, эй дӯст.*
*Ба Берунӣ, Синоҳо*
*Ба чун Ҷомӣ симоҳо*
*Ба Навоӣ – даҳоҳо,*
*Ба Ғафуру Мирзоҳо*
*Дилбанд ҳастем, эй дӯст.*
*Мо имрӯз аз ин минбар*
*Туро гирифта ба бар,*
*Аз зафари якдигар*
*Хурсанд ҳастем, эй дӯст.*
***Ба ин муборак Ватан***
***Ба ин шукуфон чаман***
***Қуллуқу шукру аҳсан,***
***Фарзанд ҳастем, эй дӯст!***

***(Тарҷумаи Бобо Ҳоҷӣ)***

**Машқи 102.** Матнро хонед, андешаҳои муаллифи мактубро хотириниш кунед. Саволҳо низ тартиб диҳед.

Адабиётшинос Раҳимҷон Муқимов дар яке аз мактубҳояш ба нависандаи хушсалиқаю соҳибистеъдод Сотим Улуғзода чунин из-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳори дил намуда, аз хусуси баҳра бардоштанаш аз файзи суҳбатҳои ӯ ва нависандаи ӯзбек Ойбек, таъсири романи «Восеъ» чунин навишта буд:

«Китоби лутфан тақдим кардаатон – романи «Восеъ»-ро дар вақташ гирифта, сарам ба осмон расид, ташаккур. Бо ҳамин баҳона романро аз сари нав бо диққат хонда баромадам, рости гап, ба санъати баланди сухансанҷиатон қоил шуда, тасанно гуфтам. Ва ҳамоно як лавҳаи вохӯриамонро, устоди азиз, дар ҳавлии нависандаи маъруфу забардасти ӯзбек Ойбек дар шаҳри Тошканд, ки ба муносибати 60-солагии зодрӯзаш ба вуқӯъ пайваста буд, ба хотир овардам.

Дар ҳавлии Ойбек як нишасти боҳашам ташкил шуду (пас аз қисми тантанавӣ дар Сарои санъат) ба Шумо сухан доданд. Шумо дар сухани табрикиатон Ойбекро устоди нависандагони романнависи ӯзбеку тоҷик номида, чунин арз карда будед: «Романи «Хуни муқаддас» дар он солҳо барои мо, адибони тоҷик низ намунаи ибрат шуда буд. Бинобар ин ман «Субҳи ҷавонии мо»-ро, ки ба итмом расида буд, мувофиқи талаботи баланди эҷодкории Ойбек лозим донистам, ки аз сари нав кор карда, баъд ба чоп супорам».

Ин баҳои баланд ба санъати нависандагии Ойбек ва изҳори хоксоронаатон ба кори эҷодии худатон буд.

Устоди азиз! Ин лавҳаи вохӯриро беҳуда ба хотир нарасонидам. Аз рӯйи инсоф ҳамчун мунаққид ва адабиётшинос (агар ба ҳамин даъво ҳақ дошта бошам) гуфтанӣ ҳастам, ки барои бисёр нависандагони тоҷику ӯзбек ва ғайра «Восеъ», «Ривояти суғдӣ» чунонки як вақтҳо (соли 1940) «Хуни муқаддас»-и Ойбек намунаи ибрат шуда буд, метавонад ҳамчун меъёри баланди санъати сухан намунаи ибрат шавад. Махсусан маро қисми оғози романи «Восеъ», ки аз мансаб ронда шуда, боз бо роҳҳои гуногун ба мансаб соҳиб шудани Акрамбойро нақл мекунад, қоил кард...

Худи ҳамин бобча як қисса! Охир, вай хонандаро монанди моҳии ба шаст гирифторшуда (ба маънои хубаш) ба рафтан аз паси таноб маҷбур мекунад, ба атмосфераи давру шароити воқеаҳои шӯриш шиносо менамояд...

Дар ин бора дар мақолаҳоям боз пурратар хоҳам навишт. Хостам, ки ҳузуру ҳаловати аз хондани роман гирифтаамро ба Шумо, устоди сухансанҷ як навъе маълум кунам».

***(Аз китоби «Робитаи адабии тоҷику ӯзбек»-и А. Самадов).***

7 – 18-266



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 103.** Матнро хонед ва пас аз он дар мавзўи **«Миллат ар ҷисм аст, шоир чашми ўст»** матн тартиб диҳед.

*Нормурод Нарзуллоев*

## НАБИНАД ОФАТЕ ҲАРГИЗ

*Ману ту зодаи ўзбеку тоҷик,*
*Ба монанди ду абрўем наздик.*
*Сиришти мову ту бошад зи як гил,*
*Будӣ аҷдоди мо ҳамсоямaнзил.*
*Бувад хоки муборак меҳани мо,*
*Аз он обод ҷони мо, тани мо.*
*Чу як байти ғазал ҳастем ҳар ду,*
*Ки пайванд аз азал ҳастем ҳар ду.*
*Чу соҳилҳои як дарёстем мо,*
*Барои ҳмдигар пайдостем мо.*
*Каломи дўстӣ бар ин гувоҳ аст,*
*Мароми дўстӣ бар ин гувоҳ аст.*
*Чӣ ҳоҷат кофтан таърихи онро*
*Чӣ ҳоҷат шарҳу эзоҳе аёнро.*
*Ҳисору куллаҳои кўҳи Помир*
*Ба ҳамдастии мо ҳастанд нозир.*
*Ба ин алломаҳо ҳастанд шоҳид,*
*Ҳақиқатномаҳо ҳастанд шоҳид.*
*Гувоҳ ҳастанд Ҷомию Навоӣ –*
*Ду султони мулуки бовафоӣ.*
*Суруд аз дўстӣ хонем доим,*
*Сухан аз дўстӣ ронем доим.*
*Надорад охире дар мулки моён*
*Суруди дўстии мо, азизон.*

***(Тарҷумаи Ҷонибек)***

## *Дарсҳои 48–49.* АННОТАТСИЯ. ТАҚРИЗ

**Аннотатсия (шарҳ)** – шарҳи мухтасари (аз як абзатс то ним саҳифа) асари илмӣ, ки аз рўйи қоида дар саҳифаи дуюми китобҳо (паси саҳифаи унвонӣ) дода мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Машқи 104.** Бо аннотатсияи доир ба «Гулчини зарбулмасалу мақолҳои халқҳои ҷаҳон» нигошта шинос шавед.

Дар ин маҷмӯа беҳтарин зарбулмасалу мақолҳои 33 халқи ҷаҳон гирд омадаанд, мураттиб онҳоро аз маҷмӯаҳои гуногун, аз забонҳои русию англисӣ ва ғайра ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст. Инчунин бахше бо унвони афоризмҳо ё суханҳои бузургон дар охири китоб илова гаштааст, ки аз ҷиҳати мазмун як навъ идомаи зарбулмасалҳо мебошад. Дар мундариҷаи зарбулмасалу мақолҳо ва афоризмҳо афкору таҷриба, маишату муносибот ва арзишҳои моддию маънавии мардумон бозтоб гаштаанд. Маҷмӯа ба фолклоршиносону адабиётшиносон, омӯзгорону донишҷӯён ва умуман, кулли дӯстдорони фарҳанги мардум ва панду ҳикмат пешкаш мешавад.

**Машқи 105.** Аннотатсияи китобҳои дарсии забон ва адабиёти дар даст доштаатонро муайян намоед. Пас аз он ба дафтар рӯбардор кунед.

**Машқи 106.** Хонед ва аннотатсияи кадом китоби дарсӣ буданашро номбар кунед.

Илму дониш чароғи нурбахш аст. Бо нури он роҳи зиндагии худро мунаввар созед. Баҳри омӯхтани илмӣ услубшиносӣ саъю кӯшиш намоед. Вале бидонед, ки илмомузӣ бе ранҷ муяссар намешавад. Аз ранҷи таҳсил натарсида пайваста бихонеду биомӯзед. Он гоҳ киштии орзуи ҳар яки шумо ба соҳили мурод мерасад.

Ба шумо дар омӯзиши имконоти услубии дастури забон ва мавридҳои гузориши аломатҳои китобат, инчунин дар ҷодаи ба даст овардани маҳорати сухансанҷӣ бурдбориҳо таманно дорем. Барои тозагӣ ва равнақи дастёри беминнат – забони модарии худ, ки мероси пурарзиши ниёгонамон аст, кӯшиш намоед.

**Машқи 107. «Сарсухан»**-и «Гулчини зарбулмасалу мақолҳои халқҳои ҷаҳон»-ро хонед. Фарқияти **«Аннотатсия»** аз **«Сарсухан»**, **«Пешгуфтор», «Оғози сухан», «Муқаддима»** дар чӣ буданашро гӯед. Истилоҳҳои мазкурро дар алоҳидагӣ шарҳ диҳед.

## САРСУХАН

Зарбулмасал яке аз густурдатарин жанрҳои хурд дар фолклори халқҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Он жанрест, ки дар ҳамаи давру замонҳо, дар ҳар гуна контекстҳои иҷтимоӣ дар лафзу баёни мардум, дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

эҷоди осори манзуму насрӣ, дар таълифи матолиби илмию оммавӣ ва иттилоотӣ корбурди назаррасу нишонрас дорад. Бузургон «Зарбулмасал дар сухан асал» гуфтаанд, ки бемуболиға аст ва воқеан ҳам он чун шаҳду асал гуфторро ширину дилкаш мегардонад ва ҳамсуҳбатро азизу арҷманд.

Зарбулмасал аз нигоҳи фолклоршиносӣ матни мӯҷази устувор мебошад, ки дар он бо образҳои равшан афкори умум, ҳикмат ва таҷрибаҳои чандинасраи мардум дар контекстҳои таърихӣ-географӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва психологӣ хулоса шудаанд. Вазифаи асосии зарбулмасалҳо тасдиқи сухан мебошад.

Дар нутқи гӯянда зарбулмасал на танҳо гуфторро зебову дилкаш мегардонад, балки онро қувват медиҳад, тасдиқ мекунад. Ҳамин тавр тавассути зарбулмасалу мақол одамон муносибат ва мубодилаи афкор менамоянд.

Забони зарбулмасалҳо кӯтоҳу ихчам буда, фикр дар онҳо ба тариқи маҷоз баён мегардад. Маънӣ ва мазмуни зарбулмасалу мақолҳоро дар контексти гуфтор, инчунин дар дохили матни хаттӣ мукаммалтар дарёфтан мумкин аст. Зеро ҳар як матн ба ғайр аз вазифаи маънои худ боз тобишу ишораҳои дигарро низ фаро мегирад.

Зарбулмасалу мақолҳо барои тарбияи инсон, ба вижа насли ҷавон ва танқиди хислатҳову рафтору гуфтори номатлуби баъзе ашхоси ҷомеа мавқеи муҳим доранд. Зеро дар ҳамаи мавзӯъҳои ҳаётӣ даҳҳо зарбулмасалҳо эҷод шуда, густариш ёфтаанд. Аз ин рӯ бисёре аз донишмандон ба ин ҷиҳати зарбулмасалу мақол таваҷҷӯҳи махсус зоҳир кардаанд.

Ҳар вақте ки камина намунаҳои зарбулмасалу мақолҳои мардумони мухталифро мехондам ва лаззат мебурдам, дар сарам ин андеша мечархид, ки матнҳои беҳтаринро аз маҷмӯаҳои фолклории халқҳои олам гирдоварӣ кунам ва бо тарҷума ба дасти хонандагони тоҷик бирасонам. Бо ин мақсад кам-кам аз ҳар маҷмӯа намунаҳои беҳтаринро интихоб намудам ва пас аз баргардон маҷмӯаи «Гулчини зарбулмасалу мақолҳои халқҳои ҷаҳон» ба вуҷуд омад, ки акнун дар дасти шумост.

Дар ин маҷмӯа намунаҳои зарбулмасалу мақолҳои 33 халқи олам оварда шудаанд, ки бегумон хонандаи тоҷик бо аксари онҳо бори аввал шинос хоҳад шуд. Инчунин ба гунаи замима дар поёни китоб афоризмҳо ё худ суханҳои бузургони ҷаҳон низ ҷой гирифтаанд, ки аҳамияти на камтар аз зарбулмасалҳоро доро мебошанд. Бисёре аз чунин афоризмҳо кайҳо дар миёни мардум паҳн гашта, вариантҳои хал-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

қии он ба вуҷуд омадаанд. Ба ин бахш мо панду суханони ҷовидонаи адибони тоҷику форсро ворид накардем, зеро миқдори онҳо бешумор буда, маҷмӯаи ҷудогонаро тақозо дорад.

Дар зарбулмасалу мақолҳои мардумони гуногуни олам зиндагию маишат, ҷаҳонбинӣ, менталитет, марзҳо ва меъёрҳои одобу ахлоқ, арзишҳои этникӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ бозтоб шудаанд, ки инро хонандаи хушзеҳн ба осонӣ дармеёбад.

Метавон гуфт, ки зарбулмасалҳо равзанае барои омӯхтани фарҳангу маънавиёт ва муносибатҳои иҷтимоии халқҳои ҷаҳон ба шумор меравад.

Баъзе матнҳо, ки дар маҷмӯаи зарбулмасалҳои бисёр халқҳо омадаанд, аслан киноя ё ибораи рехта, ё суханҳои идиоматикӣ мебошанд. Мо баъзе намунаҳои онро низ бо назардошти маънои хубашон тарҷума кардем ва вориди маҷмӯа гардонидем.

Чунончи, «Ин кулоҳ барои сари ту кушод аст», ё худ: «Бо гург дунба мехӯраду бо чӯпон гиря мекунад». Тарҷумаи матнҳоро мураттиб асосан аз забонҳои русию англисӣ анҷом додааст. Дар баъзе маҷмӯаҳо нусхаи матнҳо ба забони аслӣ низ мавҷуд буданд, ки барои дақиқ баргардон намудан кӯмак расонидаанд.

Чунончи, дар тарҷумаи зарбулмасалҳои ӯзбакӣ, қирғизӣ, қазоқӣ, тоторӣ, қарақалпоқӣ, озарӣ ва ӯйғурӣ варианти аслии онҳо низ ба назар гирифта шудаанд. Масалан, зарбулмасали «Тӯй, ки гузашт, ғазалхон чӣ лозим?» дар забони ӯйғурӣ чунин мебошад: «Тойдин кейин ғәзәлхан немә ө?». Маълум аст, ки дар ҷараёнпазирии таърих фарҳанги устувору решадори Осиёи Марказӣ – фарҳанги тоҷикӣ ба маданият ва забони халқу ақвоми турктабори минтақа, аз ҷумла, ӯйғурҳову ӯзбекҳо, қирғизҳову қазоқҳо, туркманҳо таъсири зиёд доштааст.

Бинобар ин мо дар намунаҳои фолклорӣ, аз ҷумла зарбулмасалу мақолҳои ин халқу қавмҳои ҳамсоя вариантҳои тоҷикиро бисёр дучор мешавем, ки айнан иқтибос ва қисман тарҷума шудаанд. Ҳатто баъзе калимаҳои тоҷикии таркиби онҳо, ки ба забонҳои мардумони туркӣ иқтибос гаштаанд, ҳамчун қофия боқӣ мондаанд.

Масалан, зарбулмасали тоҷикии «Хонаи кӯдакдор – бозор, хонаи бе кӯдак – мазор» ба фолклори ӯйғурҳо айнан гузаштааст: «Балилиқ өй – базар, балисиз өй – мазар».

Бисёр зарбулмасалҳои ӯзбекӣ бегумон аз фолклори тоҷик ба онҳо гузаштаанд ва мо дар вақти интихоб бештар намунаҳоеро гирифтем, ки дар фолклори тоҷик вариантҳои машҳур надоранд ва ё хоси он



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

халқ мебошанд. Зарбулмасалу мақолҳое, ки ҳамтои тоҷикӣ доранд, барканор гузошта шудаанд.

***Мураттиб Дилшод Раҳимов***

**Машқи 108.** Аннотатсияи асари бадеии хондаистодаатонро ба дафтар рӯбардор кунед. Қобилият ва маҳорати хешро оид ба навиштани «Аннотатсия» истифода барез.

**Тақриз** – мақолаест, ки ба нишон додани ҳусну қубҳи (комёбӣ ва норасоиҳои) асарҳо бахшида шудааст.

**Машқи 109.** Ба китобхонаи мактаб рафта аз рӯзномаҳои **«Овози тоҷик», «Овози Самарқанд», «Ховар», «Садои Сӯх», «Субҳи Гулобод», «Сариосиё», «Бухорои Шариф»** тақризи навиштаи мутахассисонро дарёфт кунед.

**Машқи 110.** Назди роҳбари маҳфили фанни забон ва адабиёт рафта, дастхати китоби ба чоп омодакардаи аъзоёни маҳфилро гиред. Пас аз он ба навиштани тақриз шурӯъ кунед.

**Машқи 111.** Тақризи ба дастхати китоби ба чоп омодакардаи аъзоёни маҳфил навиштаатонро аз сар то охир хонда диҳед.

## *Дарси 50.* ИҶРОИ МАШҚҲОИ 112–113

**Машқи 112.** Зарбулмасал ва мақолҳоро аз ҷиҳати мазмун шарҳ диҳед.

1. Оғози кор – нисфи кор. 2. Ҳама кор – дар аввал мушкил. 3. Оҳангари хуб мӯрчаро ҳам наъл мезанад. 4. Ошпази беҳунар ҳама вақт оташдонро айбдор мекунад. 5. Моли ҳалол ба даст омада, гум намешавад. 6. Ба гуфтаи худ кор кун, то ба гуфтаи ту кор кунанд. 7. Агар хоҳиши кор бошад, усули иҷрои он пайдо мешавад.

**Машқи 113.** Порчаи шеъриро хонед ва бо талаботи маданияти сухан дар мавзӯи «Ҳунар – беҳ аз моли падар» матн тартиб диҳед.

*Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,*
*Ҳунармандро гавҳар ояд ба кор.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Туро бо ҳунар гавҳар асту хирад,*
*Равонат ҳаме аз ту ромиш барад.*

***Абулқосим Фирдавсӣ***

***Луғат:*** ромиш – оромӣ, роҳат.

## *Дарси 51.* ИҶРОИ МАШҚҲОИ 114–115

**Машқи 114.** Хонед ва мазмуни зарбулмасалҳоро маънидод кунед.

1. Рӯшании давлат – ақл. 2. Зебоии ботин – беҳтар аз зебоии рӯй. 3. Сухани ширин дарвозаи оҳанинро мекушояд. 4. Касе, ки сабр мекунад, ба мақсадаш мерасад. 5. Ҷое, ки муҳаббат нест, хурсандӣ нест. 6. Агар медонӣ, бигӯй, агар намедонӣ, гӯш кун. 7. Боқувват ба як нафар ғолиб меояд, доно ба ҳазорон нафар. 8. Дарахти кач барфро дошта наметавонад, одами бад суханро. 8. Бипарҳез аз нодоне, ки худро доно мешуморад.

**Машқи 115.** Бо офаридани матни бадеӣ маҳорати суханвариатонро собит намоед.

***Намуна:*** Порашт дараи фараҳбахшу хушбаҳор ва файзбору хуррами кӯҳсори Нурато аст. Ин диёри рӯҳнавозу афсонавӣ чӣ бас дилфиребу назаррабост ва кас аз тафарруҷи кӯҳҳои серфарозу сабзпӯш, замини босаховат, чашмаҳои зулолу мусаффо бо обҳои ширин, аз иқлими рангрезу фараҳангез ва насими диловезу анбарбезаш, аз ҳавои дилкашу ҳаловатбахши ин дараи пурнакҳат сармасту сархуш гашта, хештанро дар олами дигар тасаввур мекунад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ШАРҲИ КАЛИМАҲОИ ДУШВОРФАҲМ

### А

**Алфоз** – ҷамъи лафз
**Амиқ** – муайян, аниқ, чуқур, жарф
**Анвоъ** – ҷамъи навъ
**Афсурда** – маҳзун андӯҳгин, ғамнок
**Афсунсухан** – касе, ки суханаш таъсирнок бошад
**Аҳсан** – аз ҳама беҳтар, накӯтар, аълотар, авлотар
**Аҷнабиён** – хориҷиён, бегонагон
**Асолат** – асилӣ, наҷобат, асилзодагӣ

### Б

**Буғз** – кина, адоват, душманӣ
**Бархурдор** – хабардор, воқиф

### В

**Васила** – чизе, ки барои ҳосил намудани мақсаде ба кор мебаранд
**Ваҷҳ** – сабаб, боис, далел, ҷиҳат
**Ваҳдат** – ягонагӣ, танҳоӣ, яке будан
**Воломақом** – мақоми баланд, олиҷаноб, олинасаб

### Г

**Газоф** – беҳуда, бефоида, беасос, дурӯғ, хато

### Ғ

**Ғановат** – сарват, боигарӣ
**Ғановати сухан** – боигарии калом
**Ғофил** – бехабар

### Д

**Дақиқ** – ҳушоҳанг, латиф
**Дақиқа** – сухани пӯшидамаъноu нозук, нуктаи борик
**Дақиқашинос** – нуктасанҷ
**Духӯра** – ноустувор, норавшан
**Дӯшиза** – духтари шавҳарнакарда

### З

**Зуҳур** – пайдоиш, ошкоршавӣ,
**Зоҳир** – ошкор, падидор, равшан, аён, маълум, возеҳ

### И

**Иброз** – ошкор кардан, зоҳир кардан, нишон додан
**Изтироб** – ҳаяҷони сахт, беқарорӣ ва ошуфтагӣ
**Иртибот** – алоқа, робита

### К

**Касиф** – ғализ, нопок
**Коста** – нопурра



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Қ

**Қавоид** – қоида, асос, поя, бунёд
**Қаволиб** – ҷамъи қолаб, қолиб, андоза

## М

**Мавҳум** – норавшан, носаҳеҳ
**Мазкур** – зикршуда, гуфташуда, номбаршуда
**Мамнун** – сипосгузор, хушҳол
**Манзур** – дар назар гирифташуда, падидор, шоиста
**Марбут** – вобаста, алоқадор, тааллуқдор
**Маҳфуз** – ҳифзшуда, дарёддошта, азбаршуда, нигоҳдошта
**Маҳсуб** – ҳисобшуда, шумурда
**Мафҳум** – фикр (тасввур)и мантиқан муташаккили умумӣ дар бораи ашё ва ҳодисаҳо
**Мақбул** – қабулшуда, пазируфта, писандида, маъқул
**Матлуб** – талаб кардашуда, хостешуда, мақсад
**Маҷро** – ҷараён, самт, роҳи пешрафт
**Маъво** – сарпаноҳ, паногоҳ, хона
**Маъруф** – шинохташуда, машҳур, овозадор
**Муассир** – таъсирбахш, гуфтори пуртаъсир
**Мубҳам** – пӯшида, пинҳон
**Мубориз** – муборизакунанда, ҷанговар
**Мубоҳиса** – баҳси чанд кас доир ба ягон масъала, ё чизе
**Музтар** – ҷабрдида, бечора, дармонда, ноилоҷ
**Муғлақ** – норавшан, номафҳум, мубҳам, печидаву душвор
**Муғлақбаён** – мушкилфаҳм, душворбаён, печидагӯ
**Мулзам** – мағлубшуда дар мубоҳиса ва мунозира
**Муқтазо** – хасташуда, лозим шуморидашуда, тақозо, талаб
**Мутаваҷҷеҳ** – таваҷҷӯҳкунанда, диққаткунанда
**Мутакаллим** – такалумкунанда, сухангӯянда, суханоро, сухандон
**Мусоид** – мувофиқ, муносиб, созгор
**Мусоидат** – ёрӣ, созгорӣ, мувофиқат
**Мусаҳҳеҳ** – он ки ғалатҳои навиштаеро дуруст мекунад
**Мусоҳиб** – ҳамсӯҳбат, ҳамдам, бо касе сӯҳбат доштан
**Мухталиф** – гуногун, ҳаргуна
**Мутаассир** – таъсир гирифта, андӯҳгин, хафа
**Мулоимат** – мулоимӣ, нармӣ
**Мушаххас** – муайян, аниқ, муайяншуда
**Муоширaт** – ҳамсӯҳбат, муносибат бо ҳамдигар
**Мухотаб** – он кӣ ё он чӣ сухан ба вай нигаронида шудааст
**Муколама** – гуфтугӯ, мусоҳиба
**Муққариз** – он кӣ ба асарҳои илмӣ, адабӣ баҳои хаттӣ медиҳад
**Мӯъҷаз** – кӯтоҳ карда, мухтасар
**Мӯъҷазбаёнӣ** – баёни кӯтоҳ ва мухтасар дар гуфтор ва таълифот



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Мўътабар** – соҳиби эътибор ва обрў, боэътибор

**Н**

**Нукот** – ҳарфи муҳим, гуфтори назардошт, масъалаи нозук, мазмуни дақиқ
**Ниҳон** – пинҳон, махфӣ, нуҳуфта, пўшида
**Нозил** – фурудоянда, камарзиш, паст, расидан ба муроду мақсади худ
**Ноил** – муваффақ шудан ба чизе,
**Нигориш** – навиштан тасниф, таълиф
**Номатлуб** – мувофиқи мақсаднабуда, ғайри дилхоҳ

**О**

**Олоиш** – нопокӣ, олудагӣ, фисқу фасод
**Осеб** – озор, ранҷ, дард, зарар расондан

**П**

**Палид** – ҳаром, олуда, мурдор
**Падида** – нав, тоза
**Палид** – нобакор
**Пайғом** – хабари хуш, мужда

**Т**

**Тавфиқ** – комёбӣ, пешрафт
**Тазаккур** – ёдоварӣ, хотиррасонӣ, ба хотири худ овардан
**Тазвир** – фиреб, макр, ҳила
**Тазарруъ** – зорӣ, тавалло кардан, фурўтанӣ
**Тавассут** – ба воситаи, бо ёрии, тибқи
**Таваҷҷўҳ** –рўй овардан ба сўйи касе, лутф кардан
**Таъаллуқ** – алоқамандӣ, пайвастагӣ, вобаста ба чизе
**Тамдеҳ** – мадҳ, сано
**Таъаммул** – андеша, фикр, мулоҳиза
**Таҳаммул** – оҳистагӣ, сустӣ
**Такмил** – пурра кардан, мукаммал кардан
**Такаллум** – гап задан, сухангўйӣ
**Такаллуф** – саъй, кўшиш, заҳмат, аҳамияти махсус додан ба чизе
**Тақвият** – қувват додан, тавоно гардонидан
**Тамаддуд** – дарозкашӣ, тўлкашӣ
**Тамасхур** – масхара, ришханд
**Тарҳрезӣ** – нақша, шакл
**Тасхир** – забт кардан, истило, ба даст даровардан
**Таносуб** – бо ҳам нисбат доштан, бо ҳам монанд будан, мувофиқ будан
**Танзим** – тартиб додан, ба назм даровардан, мураттаб кардан
**Танфиз** – гузаштан, нуфуз кардан
**Танофур** – ҷустан, аз якдигар дурӣ
**Тафоҳум** – мақсади якдигарро фаҳмидан, ҳамдигарро фаҳмидан
**Тафриқа** – фарқ кардан, тақсим кардан
**Таҷассум** – муҷассам
**Тахфиф** – сабук кардан, кам кардан



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Таҳриф** – вайрон кардани сухан, нодуруст иваз кардан ҳарфҳо дар калима

### С

**Санад** – ҳуҷҷат, далел
**Сарват** – мол, давлат, дороӣ, боигарӣ, ғановат
**Саҳеҳ** – гуфтори беайбу нуқс
**Сақил** – вазнин, ҷилоёфта
**Сақолат** – вазнинӣ, гаронӣ
**Суботкорона** – босабрӣ, ботамкинӣ
**Созгор** – муносиб, лоиқ
**Салосат** – нармӣ, ҳамворӣ, равонӣ, мавзунӣ
**Сард** – хунук, бемеҳрона, номеҳрубонона
**Саҳв** – хато, иштибоҳ

### У

**Унс** – дӯстӣ, ошноӣ

### Ф

**Фарох** – васеъ, паҳновар, кушоду паҳн
**Фавқуззикр** – ҳозирҷавобӣ, бадоҳатан сухан гуфтан
**Футур** – сустӣ, хастагӣ, афсурдарӯҳӣ, парешонхотирӣ

### Х

**Хатиб** – касе, ки хутба мехонад, воизи хутбахон
**Хутба** – қирот кардани оят, ҳадису насиҳат дар намози ҷумъа ва идҳо
**Хома** – қалам, килк

### Ҳ

**Ҳадаф** – мақсад, нишона
**Ҳидоят** – раҳнамоӣ, роҳи рост нишон додан

### Э

**Эътироз** – эродгирӣ, норозигӣ ва муқобилат ба фикр ё кори касе
**Эҷоз** – ихтисор дар сухангӯйӣ, мухтасарбаёнӣ
**Эътимод** – бовар кардан ба чизе ё касе, боварӣ
**Эрод** – гуфтор, аён, зикр, гуфтан

### Ш

**Шуҷоъ** – далер, баҳодур

## ИСТИЛОҲИ ФАННӢ

**Балоғат** – сухангӯӣ ва суханпардозӣ бо мазмунҳои дақиқу баланд ва писандида, камоли суханварӣ, зебу орои сухан
**Балиғ//Балеғ** – пурра, мукаммал, фасеҳ
**Воиз** – ваъзгӯянда, панду насиҳаткунанда
**Возеҳ** – равшан, кушоду равшан, ошкоро
**Гуфтор** – сухан, калом, гап
**Гуфтори нарм** – сухани мулоим, сухани форам



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Гуфтори фасеҳ** – сухани равшан ва возеҳ
**Гуфтори хом** – сухани нопухта, сухане, ки бе мулоҳиза гуфта шудааст, сухани бemaниву бемантиқ
**Гуфторфурӯш** – суханфурӯш, гапфурӯш, сергап
**Гуфтугузор** – гуфтугӯ, гуфтушунид, сӯҳбат
**Ғановати сухан** – боигарии калом
**Калом** – сухан, гап, гуфтор
**Калом** нарм кардан – санҷида ва мулоим сухан рондан
**Лутф** – нармӣ, мулоимат, назокат
**Лутфи баён** – фасоҳатии сухан, нозукбаёнӣ
**Лутфи маънӣ** – нозукбаёнӣ бо истифодаи калимаҳои зебои сермаъно
**Лутфи сухан** – назокат ва балоғат дар сухан, фасоҳати сухан, фасеҳбаёнӣ
**Маданияти сухан** – каломи барҷаста, таъсирбахш, муассир
**Маданияти нутқ** – гуфтори бадеъ, пуробуранг, возеҳ, номи фан
**Нутқ** – як намуди фаъолияти инсонист, ки ҳангоми истифодаи он дар ҷараёни мубодилаи афкори байни ҳамдиар воқеъ мешавад
**Нотиқ** – суханвар, сухандон
**Нукта** – сухани пӯшида, каломи рамзнок, ҳарфи муҳим, гапи зарур
**Нуктагир** – эродгир, айбҷӯй
**Нуктадон** – борикфаҳм, сухандони забардаст
**Нуктакушо** – нуктасанҷ, борикбин, рамзфаҳм
**Нуктапардоз** – нозукбаён, суханвари нозукадо
**Нуктасанҷ** – суханасанҷ, суханвари мумтоз
**Фасоҳат** – бурросухан будан, равшанбаёнӣ; ба салосат ва равонӣ сухан гуфтан
**Фасоҳати сухан** – лутфи каломи бадеъ
**Фасеҳ** – хушкалом, равшан ва бурро гапзананда, салис ва равон гӯянда,
**Фосила** – исти кӯтоҳе ҳангоми баёни фикр
**Ровӣ** – ривояткунанд, нақлкунанда, гӯянда
**Сухан** – гуфтор, калом, гап
**Суханвар** – шахси сухандон
**Суханварӣ** – маҳорати баланди суханпардозӣ
**Сухандон** – суханфаҳм, сухансанҷ, суханвар
**Сухангустар** – суханпардоз, суханвар
**Сухангустарӣ** – суханварӣ, нотиқӣ
**Сухангузор** – сухангӯй,гӯянда
**Сухангӯй** – гапзананда, суханэродкунанда, нотиқ
**Сухандонӣ** – суханфаҳмӣ, гапдонӣ
**Суханофарин** – эҷодкунандаи сухан, эҷодкори сухани бадеӣ
**Суханпайванд** – суханвар, нозими сухан
**Суханпараст** – дӯстдори сухани бадеъ
**Суханпарвар** – суханвар, шоир
**Суханпардоз** – зебосухан, ородиҳандаи сухан
**Сухансанҷ** – сухандон, фаҳмида ва дониста гапзананда, ба қадри сухан расанда



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Сухансоз** – эҷодкунандаи сухан, сухanпардоз
**Суханшинос** – нуктадон, донандаи қадри сухан
**Сухан гуфтан** – гап задан, ҳарф задан, такаллум кардан
**Сухани дурфишон** – киноя аз сухани мавзун
**Суханҳои рангин** – суханҳои латифу ширин, фасеҳу равон
**Сухани пӯстканда** – гапи ошкоро ва рӯйрост
**Сухании сабз** – сухани пухта ва писандида
**Сухани ширин** – ҳарфи дилчасп, лафзи гуворо, гапи нағзу форам
**Сухан ангехтан** – гап сар кардан, гап задан
**Сухан густардан** – сухан гуфтан, сухан рондан
**Сухан парвардан** – донистани қадри сухан, сухандӯст ва сухандон будан
**Сухан перостан** – суханронӣ кардан, ширинсуханӣ намудан
**Сухан рондан** – нутқ кардан, муфассал сухан гуфтан
**Сухан сароидан** – сухани зебо гуфтан
**Сухани дӯшиза** гуфтан – сухани мавзуни тоза гуфтан, сухани бикр гуфтан
**Сухан ба хок афкандан** – киноя суханро хор кардан
**Аз ҳар даре сухан пайвастан** – аз ҳар хусус гап задан
**Яксухан будан** – ба қавли худ сахт истодан, аз қавл нагаштан
**Сухани фасеҳ** – каломи равшан ва бадеъ
**Ҳадис** – сухан, ҳикмат, нақл
**Ҳадиси саҳеҳ** – сухани маъмул, фаҳмо
**Ҳадиси ғоб** – сухани беҳуда, гапи бемаза, сафсата
**Ҳадис кардан** – сухан гуфтан, нақл кардан, ҳикоя кардан
**Ҳарф** – сухан, калима, ҳикмат
**Ҳарфшинос** – суханшинос, сухансанҷ, нуктафаҳм
**Ҳарфҷӯй** – кунҷков, ҷӯяндаи маънии чизе
**Ҳарфчин** – суханчин, ғайбатчӣ, хаттот
**Ҳарфгир** – айбҷӯй, нуктагир
**Ҳарф задан** – сухан гуфтан, суханронӣ
**Ҳарфе нагуфтан** – ҳеҷ чизе нагуфтан, гап назадан
**Ҳарфи баланд** – сухани пурмаъно, гапи тунду тез
**Ҳарфи гулӯсӯз** – сухани тунду талх
**Ҳарфи паҳлудор** – сухане, ки ба таври киноя гуфта мешавад
**Ҳарфи сангин** – киноя аз сухани дағал, гапи сахт
**Ҳарфи таҳдор** – ҳарфи маъқул, сухани бомазмун
**Ҳарфи қолибӣ** – сухани забонзадшуда
**Ҳарф кушодан** – гап сар кардан, гапзанӣ сар кардан
**Ҳарф ба ҳадди хеш задан** – ба андозаи худ сухан гуфтан, аз ҳадди худ нагузаштан
**Ҳарф ба ҳарф** – нуқта ба нуқта, айнан, таҳтуллафз, сар то по
**Ҳарф аз даҳан кашидан** – гап гирифтан аз касе,
**Ҳарф дар қафо задан** – ғайбат кардан, дар ғайби касе сухани бад гуфтан.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУНДАРИҶА

Пешгуфтор.......... 3
**Дарси 1.** Маданияти сухан, мавзуъ ва вазифаҳои он .......... 5
**Дарси 2.** Алоқаи фанни «Маданияти сухан» бо соҳаҳои дигари илми забоншиносӣ.........8
**Дарси 3.** Суханварӣ ва таърихи пайдоиши он .......... 11
**Дарсҳои 4–5.** Суханварӣ ва нигориш .......... 14
**Дарси 6.** Асрор ва маданияти суханварӣ .......... 18
**Дарсҳои 7–8.** Латофати табъ ва риояи одоб дар санъати суханварӣ .......... 20
**Дарси 9.** Меъёри адабӣ ва маданияти суханварӣ .......... 24
**Дарси 10.** Меъёри овозшиносӣ ва маданияти сухан .......... 28
**Дарси 11–12.** Хусусиятҳои луғавии калима ва ҳусни баён .......... 30
**Дарси 13.** Калимасозӣ ва маданияти сухан .......... 33
**Дарси 14.** Меъёри сарфию наҳвии забон ва ҳусни баён .......... 37
**Дарси 15.** Такрори мавзӯъҳои омӯхташуда .......... 40
**Дарсҳои 16–17.** Бо навиштани иншо такмил додани маҳорати суханварӣ..........40
**Дарсҳои 18.** Нутқ ва хусусиятҳои он .......... 41
**Дарсҳои 19–20.** Фасоҳати калом ва дақиқбаёнӣ .......... 44
**Дарси 21.** Риояи мантиқи сухан .......... 47
**Дарсҳои 22–23.** Салосати сухан .......... 50
**Дарсҳои 24–25.** Ғановати сухан .......... 52
**Дарси 26.** Ҳусни баён ва услубиёти забон .......... 56
**Дарси 27.** Такрори мавзӯъҳои омӯхташуда .......... 59
**Дарсҳои 28–29.** Ифоданокӣ ва воситаҳои тасвир дар нутқ .......... 60
**Дарси 30.** Таносуби сухан бо табиати забон ва макон .......... 64
**Дарсҳои 31–32.** Бо навиштани нақли хаттӣ собит намудани маҳорати суханварӣ.....67
**Дарсҳои 33–34.** Танзими сухан ё худ суханпайвандӣ .......... 68
**Дарси 35** Таъсири суханронӣ бар ҳадафи шунаванда .......... 72
**Дарси 36.** Таҳлили калимаҳо аз диди маданияти сухан .......... 76
**Дарси 37.** Иҷрои машқҳои 73–77 .......... 79
**Дарси 38.** Таҳлили ибораҳо аз диди маданияти сухан .......... 81
**Дарси 39.** Иҷрои машқҳои 82–85 .......... 83
**Дарси 40.** Таҳлили ҷумлаҳо аз диди маданияти сухан .......... 85
**Дарси 41.** Иҷрои машқҳои 90–92 .......... 87
**Дарсҳои 42–43.** Хониши матн ва баёни фикр .......... 89
**Дарсҳои 44–45.** Хониши матн ва иншонависӣ .......... 91
**Дарси 46.** Инкишофи дониш, малака ва маҳорати суханварӣ .......... 92
**Дарси 47.** Иҷрои машқҳои 101–103.......... 95
**Дарсҳои 48–49.** Аннотатсия. Тақриз. .......... 98
**Дарси 50.** Иҷрои машқҳои 112–113.......... 102
**Дарси 51.** Иҷрои машқҳои 114–115.......... 103
Шарҳи калимаҳои душворфаҳм .......... 104
Истилоҳи фаннӣ.. .......... 107



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Malik Tilyabovich KABIROV,**
**Tavakkal Ravshanovich CHORIYEV,**
**Xusrav Sadulloyevich HAMIDOV**

# TOJIK TILI
## (Nutq madaniyati)

*O'rta ta'lim muassasalarining 11-sinfi uchun darslik*

*(Tojik tilida)*

*1-nashri*

Cho'lpon nomidagi nashriyot-matbaa ijodiy uyi
Toshkent – 2018

*Муҳаррир* ***А. Шукуров***
*Муҳаррири бадеӣ* ***Н. Адилханова***
*Муҳаррири техникӣ* ***Е. Толочко***
*Саҳифабонди компутерӣ* ***Г. Азизова***

Рақами литсензияи нашриёт AI № 163. 09.11.2009. Ба чопаш 24 апрелта соли 2018 рухсат дода шуд. Андозаи70×90$^{1}/_{16}$. Гарнитураи Times TAD. Кегель 11. Бо усули офсетӣ тарҳрезӣ шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 8,19. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 6,24. Адади нашр 7797 нусха. Шартномаи № 7–2018. Супориши № 18-266.

Макети оригиналӣ дар Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чўлпон тайёр шудааст. 100011, Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30.
Телефон: (371) 244-10-45. Факс: (371) 244-58-55.

Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston»-и Агентии матбуот ва ахбори Ўзбекистон, 100011, Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30 чоп шудааст.

З-13 **Забони тоҷикӣ** [Матн]: китоби дарсӣ барои синфи 11-уми муассисаҳои таълими миёна/М. Кабиров, Т. Чориев, Х. Ҳамидов. – Тошканд: Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чўлпон, 2018. – 112 саҳ.
ISBN 978-9943-5088-1-1

**УЎК 811.222.8(075.3)**
**КБК 81.2Тоҷ-922**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### *Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда*

| Т/р | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

### *Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора додан ва дар охири соли хониш ҳангоми баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:*

| Нав | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Нағз | Муқовааш яклухт, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо гаштааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китобро барқарор кардан мумкин нест. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE